МАРКАЗИ МИЛЛИИ ҚОНУНГУЗОРИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

ҶАМЪИЯТИ ҲИЛОЛИ АҲМАРИ ТОҶИКИСТОН

# ТАҲЛИЛИ ҚОНУНГУЗОРИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ОИД БА ҲОЛАТҲОИ ФАВҚУЛОДА

2025

**МАРКАЗИ МИЛЛИИ ҚОНУНГУЗОРИИ НАЗДИ ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

**ҶАМЪИЯТИ ҲИЛОЛИ АҲМАРИ ТОҶИКИСТОН**

# ТАҲЛИЛИ ҚОНУНГУЗОРИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ОИД БА ҲОЛАТҲОИ ФАВҚУЛОДА

**Душанбе-2025**

**ТДУ: 349 (075) (575.3)**
**УДК: 67 (2Т)**
**Т-24**

**Таҳлили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳолатҳои фавқулода.** / Зери назари директори Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, н.и.ҳ., дотсент Саидзода И.Ҳ. / Ҳайати муаллифон. Душанбе, 2025.

Муқарризон:
Сангов Шухрат, сардори шуъбаи ҳолатҳои фавқулодаи ҶҲАТ
Саъдуллозода Исмоил, ҳуқуқшинос оид ба ҳолатҳои фавқулодаи ҶҲАТ

Таҳлили мазкур масъалаҳои марбут ба қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳолатҳои фавқулода, вазъи имрӯза ва ояндабинии он, таъминоти ҳуқуқ ва озодиҳои асосии инсон, шаҳрванд, инчунин, ҳифзи саломатии аҳолӣ дар робита ба вокуниш ба ҳолатҳои фавқулодаро фарогир мебошад.

Муаллифон зимни омода намудани мавод мониторинги санадҳои меъёрии ҳуқуқии байналмилалӣ, қонунгузории миллӣ, ҳуҷҷатҳои стратегӣ, барномаҳои давлатӣ, санадҳои зерқонуниро гузаронидаанд. Дар натиҷаи омӯзиши таҷрибаи татбиқи меъёрҳои ҳуқуқӣ, усулҳои техникаи қонунгузорӣ, таҳаввулоти бавуҷудомада, ояндабинии соҳа дар даврони истиқлол, инчунин, пешниҳодот оид ба такмили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон рӯйи кор омад.

Саидзода И.Ҳ., Маҳмадшозода Ф.А., Шарифзода Ф.Ш., Матробов М.Х.
© Ҷамъияти Ҳилоли Аҳмари Тоҷикистон

Таҳлили мазкур бо маблағгузории Иттиҳоди Аврупо тибқи лоиҳаи “Суръат бахшидани фаъолиятҳои маҳаллӣ дар шароити бухронҳои гуманитарӣ ва тандурустӣ” (ECHO PP) дар Тоҷикистон омода шудааст. Фикру андешаҳое, ки дар ин мавод иброз гардидаанд, метавонанд аз фикру андешаҳои Иттиҳоди Аврупо фарқ кунанд.

МУНДАРИҶА:

**Пешгуфтор** ----------------------------------------------------------------------------------------4

**I. МЕХАНИЗМҲОИ ҲУҚУҚӢ - БАЙНАЛМИЛАЛӢ ОИД БА ВОКУНИШ БА ҲОЛАТҲОИ ФАВҚУЛОДА**-------------------------------------------------------------------**6**

1.1. Маълумоти умумӣ оид ба ташкилотҳои байналмилалии соҳаи ҳолатҳои фавқулода ......................................................................................................6

1.2. Таҳлили санадҳои меъёрии ҳуқуқии байналмилалии универсалӣ ва минтақавӣ оид ба вокуниш ба ҳолатҳои фавқулода..........................................................................8

1.3. Аҳамияти шартномаҳои дуҷонибаи байналмилалӣ дар таҳкими вокуниш ба ҳолатҳои фавқулода ...........................................................................................11

1.4. Қонунҳои намунавӣ ва тавсияҳои Ассамблеяи байнипарлумонии ИДМ (АБ ИДМ) ва Ассамблеяи парлумонии СААД (АП СААД) дар робита ба вокуниш ба ҳолатҳои фавқулода ..........................................................................................15

**II. ТАЪМИНОТИ ҲУҚУҚӢ ДАР ҲОЛАТҲОИ ФАВҚУЛОДА ВА КОҲИШИ ХАВФИ ОФАТҲОИ ТАБИӢ ВА ТЕХНОГЕНӢ ДАР ҚОНУНГУЗОРИИ МИЛЛӢ**--------------------------------------------------------------------------------------------**18**

2.1. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳои конститутсионӣ, кодексҳо ва қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон.........................................................................18

2.2. Санадҳои меъёрии ҳуқуқии зерқонунӣ оид ба таъмини ҳуқуқ, коҳиш ва вокуниш дар ҳолатҳои фавқулода .................................................................27

**III. ТАРТИБИ ОМОДАГӢ БА ОФАТҲО ВА ВОКУНИШ БА ҲОЛАТҲОИ ФАВҚУЛОДА**-------------------------------------------------------------------------**34**

3.1. Муқаррароти умумӣ оид ба омодагӣ ба офатҳо ва вокуниш ба ҳолатҳои фавқулода ......................................................................................................34

3.2. Тартиби омодагӣ ба офатҳо ва вокуниш ба ҳолатҳои фавқулода дар қонунгузории миллӣ ...........................................................................................43

**IV. ОМОДАГӢ ВА ВОКУНИШ БА ҲОЛАТИ ФАВҚУЛОДА ДАР САМТИ ТАНДУРУСТӢ** ----------------------------------------------------------------------------**46**

4.1. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон асоси ҳуқуқ, омодагӣ ва вокуниш ба ҳолати фавқулода дар самти тандурустӣ..........................................................................46

4.2. Нақши санадҳои меъёрии ҳуқуқии зерқонунӣ дар омодагӣ ва вокуниш ба ҳолати фавқулода дар самти тандурустӣ.......................................................................47

**Хулоса**.........................................................................................................50

**ТАВСИЯҲО ОИД БА ТАКМИЛИ ҚОНУНГУЗОРИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**...............................................................................................51

ҶАДВАЛ ВА НАҚШАҲО...................................................................................58

ХАРИТАИ РОҲ ОИД БА ТАКМИЛИ ҚОНУНГУЗОРИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН..................................................................................................61

РӮЙХАТИ АДАБИЁТИ ИСТИФОДАШУДА ВА МАНБАЪҲОИ ЭЛЕКТРОНӢ.....62

ИХТИСОРОТ.....................................................................................................64

# Пешгуфтор

Ҷаҳони имрӯз бахусус инсоният дар Замин давоми мавҷудият шоҳиди офату фалокатҳои зиёди табиӣ ва техногенӣ гаштааст, ки боиси талафоти ҷонӣ ва хисороти моддӣ шудаанд.

Тоҷикистон ва ҳудуди он низ аз бавуҷудоии офатҳои табиӣ ва техногенӣ ба пуррагӣ эмин набуда, фалокатҳое, ки дар ҷумҳурӣ рух додаанд, ё имкон дорад, ки дар оянда ба вуқуъ оянд, моро водор менамоянд, ки оид ба масъалаи паст намудани хавфу хатарҳои ҳолатҳои фавқулода дар ҳолати омодагӣ қарор дошта бошем. Зеро, омодагӣ ба ҳодисаҳои фавқулода имкон медиҳад, ки ҷони садҳо нафар инсон наҷот дода шуда, таъсири манфии он, мисли талафоти одамон ва зарари иқтисодӣ камтар, моликияти давлат ва шаҳрвандон эмин нигоҳ дошта шавад.

Ҳисоботи оморӣ нишон дод, ки аз соли 1997 то инҷониб дар ҷумҳурӣ 87 551 маротиба ҳолатҳои фавқулодаи табиӣ ва хусусияти техногенидошта ба вуҷуд омадааст[1]. Давоми даҳ соли охир маблағгузорӣ барои бартараф намудани оқибатҳои офатҳои табиӣ дар ҷумҳурӣ зиёда аз 107 миллион сомониро ташкил дода, ҳаҷми он сол то сол афзоиш меёбад.

Масъалаи мубрам, ки дар ин самт дар ҷумҳурӣ ва аксари кишварҳои ҷаҳон вуҷуд дорад – вокуниши саривақтӣ ба ҳолатҳои фавқулода ҳамчун маҷмуи чораҳои ба ҳамдигар алоқаманд, фаъолиятҳои мақомоти идоракунӣ ва қувваҳо аст, ки тартиби муқовимат бо ҳамагуна садамаҳо, фалокатҳо, офатҳои табиӣ ва оқибатҳои онро муайян менамояд. Бо мақсади муқовимат ба ҳолатҳои фавқулода дар ҷумҳурӣ низоми вокуниш ба ҳолатҳои фавқулода ташаккул ёфта, зинаҳои идоракунии он такмил дода шуда, барои пешгирӣ ва бартараф додани оқибатҳои манфии ҳолатҳои фавқулода чораҳои зарурӣ андешида мешавад.

Илова бар ин, вазъи сиёсии тағйирёбандаву печидаи ҷаҳон, иқлими сайёра, ҷангу низоъҳои дохиливу фаросарҳадӣ ва дигар омилҳо тақозо менамоянд, ки вокуниш ба ҳолатҳои фавқулода дар қатори ҳадафҳои дигари аввалиндараҷа қарор гирифта, низоми мукаммали он дар кишварҳои мухталиф, ҳамоҳангсозии корҳо дар ин масир дуруст ба роҳ монда шуда, ҳадафҳои рушди устувор таъмин карда шавад.

Бо мақсади таъмини ҳадафҳои рушди устувор СММ Барномаи чаҳорчӯбавии Сендай оид ба паст намудани хавфи фалокатҳо барои солҳои 2015-2030-ро қабул намуд, ки мутобиқи он ҷаҳони имрӯзаро зарур аст аз усули паси сар намудани оқибатҳои офатҳо баъди ба вуқуъ омадани онҳо, ба усули идоракунии омилҳои хавф то ба вуҷуд омадани онҳо гузарад. Тибқи Барномаи Сендай масъулият дар ин ҳолат на танҳо ба уҳдаи мақомот, муассиса ва ё ташкилотҳои давлатӣ, ки барои идоракунӣ дар шароити офатҳо ва буҳрон масъуланд, инчунин, ба ҳама тарафҳои манфиатдор мегузарад, зеро барои ба даст овардани мақсадҳои муайяншуда ҳамкорӣ ва шомилшавии шарикӣ "дар сатҳи ҷомеа" ва "сатҳи институтҳои давлатӣ" тақозо мегардад.

Қонунгузории Тоҷикистон оид ба ҳолатҳои фавқулода аз лаҳзаи соҳибистиқлол гаштан то имрӯз дар заминаи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи низоми ҳуқуқии вазъияти фавқулодда" дигар қонунҳо, санадҳои зерқонунӣ, барномаҳои давлатӣ, стратегияҳо, бахусус таъсиси мақомоти ваколатдори давлатӣ ва платформаи миллӣ мукаммал гардида, ташаккул ёфтааст.

Имрӯзҳо масъалаи такмили маҷмуавии қонунгузории соҳаи ҳолатҳои фавқулода бинобар ворид гардидани тағйироту иловаҳо ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2016, қабули қонунҳо, аз ҷумла Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ" (соли 2017), кодексҳои маданӣ (соли 2022), меҳнат (соли 2016), дигар санадҳои кодификатсионӣ дар таҳрири нав ва санадҳои зерқонунӣ, пайдо гардидани истилоҳоти нав дар соҳаи мазкур, ба миён омадааст.

---

[1] Тоҷикистон: 30 соли Истиқлолияти давлатӣ. Маҷмӯаи оморӣ, 2021. – С.328-329.

Аз ин рӯ, асосҳои ҳуқуқии байналмилалӣ ва миллӣ дар робита ба ҳолатҳои фавқулода талаб менамоянд, ки принсипҳои дар ин ҷода пештар амалкунанда тағйир, механизмҳои нави вокуниш ба ҳолатҳои фавқулода коркард карда шаванд.

Ҳамчунин, дар сатҳи қонунгузории миллӣ дар баробари чораҳои бартараф кардани ҳолатҳои фавқулодаи бавуҷудомада, инчунин, ба танзими усули пешгирӣ намудани он, муайян кардани хавфу хатарҳои офатҳои табиӣ ва фалокатҳои техногенӣ таваҷҷуҳи бештар зоҳир намудан мувофиқи мақсад мебошад. Зеро, тибқи маълумоти Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 1997-2018 дар Тоҷикистон тахминан 3460 офати табиӣ рух додааст, яъне ба ҳисоби миёна дар ҳар ду рӯз як офати табиӣ ба вуҷуд омадааст.[2]

Дар ҳамин замина, Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳамкорӣ бо Ҷамъияти Ҳилоли Аҳмари Тоҷикистон ва шарикон тасмим гирифтааст, ки таҳлил ва харитаи роҳи такмили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар робита ба масъалаи вокуниш ба ҳолатҳои фавқулода таҳия ва нашр намояд.

Боварӣ ҳаст, ки натиҷаҳои таҳлил барои такмили сифатан нави қонунгузорӣ дар самти вокуниш ба ҳолатҳои фавқулода мусоидат намуда, барои дуруст ба роҳ мондани танзими ҳуқуқӣ дар ин самт, аз байн бурдани нуқсонҳои қонунгузорӣ, пурра намудани холигиҳо дар таъминоти ҳуқуқӣ ҳангоми ба вуқуъ омадани ҳолатҳои фавқулода, ташаккули ҳуқуқ ва озодиҳои асосии инсон ва шаҳрванд дар ҷомеа мусоидат хоҳад намуд.

---

[2] Стратегияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба паст кардани хавфи офатҳои табиӣ барои солҳои 2019-2034 аз 29 декабри соли 2018, №602

# I. МЕХАНИЗМҲОИ ҲУҚУҚӢ-БАЙНАЛМИЛАЛӢ ОИД БА ВОКУНИШ БА ҲОЛАТҲОИ ФАВҚУЛОДА

## 1.1. Маълумоти умумӣ оид ба ташкилотҳои байналмилалии соҳаи ҳолатҳои фавқулода

Механизмҳои танзими ҳуқуқии байналмилалӣ оид ба вокуниш ба ҳолатҳои фавқулода дар фаъолияти ташкилотҳои универсалӣ, минтақавӣ ва байниминтақавӣ, инчунин, байнисарҳадӣ ташаккул меёбад.

**СММ.** Тоҷикистон аъзои комилҳуқуқи созмони мазкур буда, дар низоми он Раёсати СММ оид ба паст намудани хавфи офатҳо (UNDRR) амал менамояд, ки ба масъалаҳои ниҳоят кам кардани хавфи фалокат ва талафот аз ҳисоби офатҳо бо мақсади таъмини рушди устувори минбаъда машғул аст.

Раёсати мазкур маҳфуздорандаи Барномаи Сендай оид ба паст намудани хатари фалокатҳо барои солҳои 2015–2030 мебошад, ки кишварҳо ва ҷомеаҳоро ҷиҳати татбиқи он дастгирӣ намуда, мониторинг ва баррасии пешрафти онро бар уҳда дорад.

Ҳамкориҳои Тоҷикистон бо СММ оид ба паст намудани хавфи офатҳо (UNDRR) асосан дар доираи баргузории конференсияҳо ва иштироки экспертҳо дар чорабиниҳои сатҳи байналмилалӣ вобаста ба Барномаи Сендай анҷом дода мешавад.

**ФБҶСС ва ҲА**. Федератсияи Байналмилалии Ҷамъиятҳои Салиби Сурх ва Ҳилоли Аҳмар дар ҷаҳон ташкилоти калонтарини гуманитарӣ мебошад, ки соли 1919 таъсис ёфтааст. Иштирокчиёни Федератсия Ҷамъиятҳои Миллии Салиби Сурх ва Ҳилоли Аҳмар аз 189 давлат ва зиёда аз 60 намояндагиҳост, ки дар нуктаҳои муҳими стратегӣ қарор дошта, дар тамоми дунё фаъолияти онро дастгирӣ менамоянд.

Мақсад ва вазифаҳои ФБҶСС ва ҲА:
- ҳавасмандгардонӣ, мусоидат ва ҳамоҳангсозии фаъолияти ҷамъиятҳои миллӣ;
- гузаронидани амалиёт оид ба кумак ба ҷабрдидагони офатҳо;
- беҳтар намудани вазъи инсонҳои фақир ва мухтоҷ;
- дастгирии шаъну эътибори инсон, арзишҳои гуманитарӣ ва сулҳ дар тамоми дунё.

ФБҶСС ва ҲА қисми таркибии Ҳаракати байналмилалии Салиби Сурх ва Ҳилоли Аҳмар дар якҷоягӣ бо Кумитаи Байналмилалии Салиби Сурх мебошад.

Фаъолияти Ҳаракати байналмилалии Салиби Сурх ва Ҳилоли Аҳмар ба принсипҳои инсондӯстӣ, беғаразӣ, бетарафӣ, мустақилӣ, ихтиёрӣ, ягонагӣ ва универсалӣ асос меёбад.

Ҳаракати байналмилалии Салиби Сурх ва Ҳилоли Аҳмар пас аз рух додани офатҳои табиӣ ё ҳолатҳои фавқулода, ки барои саломатии одамони дар ҳолати фалокат қарордошта хатар ба вуҷуд меорад, тавассути ихтиёриён ва ҷамъиятҳои миллӣ кумак мерасонад. Аз ҷумла, ҳангоми хуруҷи бемории Эбола дар Африқои Ғарбӣ солҳои 2014-2015 ихтиёриёни ҷамъиятҳои миллӣ кушиши зиёд ба харҷ дода, дар натиҷа боварии ҷомеаро ба даст оварданд ва баҳри бартараф сохтани бемории зикргардида муваффақ гаштанд.[3]

**СҲШ.** Тоҷикистон яке аз муассисони Созмони Ҳамкории Шанхай мебошад, ки дар доираи он ҳанӯз соли 2002 механизми байниминтақавии ҳамкориҳои он мақоми машваратӣ - Мулоқоти роҳбарони муассисаҳои давлатҳо-аъзои СҲШ, ки ба масъалаҳои огоҳкунӣ ва барҳам додани ҳолатҳои фавқулода машғуланд, таъсис дода шуд. Мулоқотҳои мақоми машваратии номбурда як маротиба дар ду сол (аз соли 2002 то инҷониб 11 маротиба) баргузор гардидаанд.

---

[3] Принсипҳои асосии Ҳаракати Байналмилалии Салиби Сурх ва Ҳилоли Аҳмар. Асосҳои ахлоқӣ ва воситаҳои фаъолияти гуманитарӣ. КБСС, март 2018. – С.14-15. (Основополагающие принципы Международного Движения Красного Креста и Красного Полумесяца. Этические основы и инструменты гуманитарной деятельности. МККК, март 2018. С.14-15) Захираи электронӣ: https://www.icrc.org/sites/default/files/document/file_list/fundamental_principles_ruweb_.pdf. Санаи дастрасӣ: 15.03.2024

Дар доираи СҲШ вокуниш ба ҳолатҳои фавқулода мутобиқи Созишнома байни ҳукуматҳои давлатҳо-аъзои СҲШ дар бораи расонидани ёрии мутақобила ҳангоми барҳам задани ҳолатҳои фавқулода аз 26 октябри соли 2005 (ш. Москва, Россия) ва протоколи созишномаи мазкур аз 5 декабри соли 2012 (ш. Бишкек, Қирғизистон), инчунин, нақшаи чорабиниҳо оид ба татбиқи Созишномаи мазкур давоми ду сол қабулшаванда ба танзим даровarda мешавад.

Вазифаи асосии Мулоқот ҳамоҳангсозии ҳамкориҳо оид ба огоҳсозӣ ва барҳам додани ҳолатҳои фавқулода, ба роҳ мондани робитаи доимӣ байни муассисаҳои давлатҳои аъзо, омодасозии пешниҳодҳо ба Шурои Сарони Давлатҳо, Шурои Сарони Ҳукуматҳо оид ба рушди ҳамкории ихтисосӣ дар доираи СҲШ, таҳияи барномаҳои ҳамкорӣ, ҳамоҳангсозӣ ва назорати иҷрои амалисозии онҳо, мубодилаи таҷриба дар соҳаи дахлдор, ҳамкории мутақобила оид ба масъалаҳои амалӣ бо Котиботи СҲШ ва дигар мақомоти он мебошад. Ҳангоми фаъолияти мақоми мазкур давлатҳо-аъзо дар хусуси ҳолатҳои фавқулодаи бузург, ки дар ҳудуди онҳо рух додааст, мубодилаи афкор оид ба ояндабинии ҳамкорӣ изҳори назар намуда, дар хусуси амалисозии Созишномаи соҳавӣ протоколи дахлдор ва нақшаи чорабиниҳоро қабул менамоянд.

Дар доираи Мулоқот вохӯриҳои мунтазами мақомоти роҳбарикунандаи ҳудудии давлатҳо-аъзо баргузор мегардад, ки ба масъалаҳои огоҳсозӣ ва барҳам додани ҳолатҳои фавқулода, аз ҷумла дар сатҳи фаросарҳадӣ, мушкилот дар ин самт, хавфи ба вуҷуд омадани ҳолатҳои фавқулода, пешниҳодот оид ба такмили механизмҳои вокуниш ба ҳолатҳои фавқулодаи хусусияти фаросарҳадидошта, машғул мебошанд. Шаклҳои асосии ҳамкорӣ дар доираи нақшаи чорабиниҳо мизҳои гирд, семинарҳо, вохӯриҳои экспертони соҳавӣ, конференсияҳо, машқҳои муштараки байналмилалии давлатҳо-аъзои СҲШ оид ба наҷот ва барҳам додани оқибатҳои ҳолатҳои фавқулода ба ҳисоб меравад.

Мутобиқи Консепсияи сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 январи соли 2015, №332 тасдиқ шудааст, Тоҷикистон дар роҳи ба ҳам овардани саъю талошҳо ҷиҳати ҳалли масъалаҳои умдаи рушди қитъаи Осиё, густариш ва бо мазмуни амалӣ ғанӣ гардонидани ҳамкориҳо дар чаҳорчӯби Муколамаи ҳамкории Осиё саҳм гирифта, барои тақвияти нақши он манфиатдор аст. Дар миёни самтҳои афзалиятноки муқарраршудаи ҳамкориҳои Муколама яке аз масъалаҳое, ки Тоҷикистон дар мадди аввал мегузорад, баланд бардоштани сатҳи омодагии ҷомеа нисбат ба рафъи оқибатҳои офатҳои табиӣ мебошад.

**ИДМ ва СААД.** Яке аз ташкилотҳои минтақавӣ, ки дар доираи он ҳуҷҷату санадҳо оид ба вокуниш ба ҳолатҳои фавқулода қабул ва тасдиқ карда мешаванд, Шурои байнидавлатӣ оид ба ҳолатҳои фавқулодаи ИДМ ва СААД аст, ки Тоҷикистон аъзои он мебошад.

Дар доираи ҳамкориҳои минтақавӣ созишномаҳои дуҷониба ва бисёрҷониба баста шуда, мутахассисон оид ба масъалаҳои бехатарӣ дар ҳолатҳои фавқулода омода мешаванд. Аз ҷумла, дар доираи ин ҳамкориҳо мутахассисон барои Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Академияи мудофиаи граждании Вазорати ҳолатҳои фавқулодаи Россия ва Институти фармондеҳӣ-муҳандисии Вазорати ҳолатҳои фавқулодаи Беларус, инчунин, тибқи шартнома дар вазоратҳои фавқулодаи Қазоқистон ва Озарбойҷон омода карда мешаванд.

Омӯзиши фаъолияти як қатор ташкилотҳои байналмилалии соҳавӣ, инчунин, механизмҳои танзими ҳуқуқии байналмилалӣ оид ба вокуниш ба ҳолатҳои фавқулода нишон дод, ки дар робита ба ҳолатҳои фавқулода Тоҷикистон низ бетараф набуда, аз имкониятҳои мавҷудаи ҳамкорӣ такя ба принсипи “дарҳои кушода”, ки аз сиёсати хориҷии ҷумҳурӣ бармеояд ба таври васеъ истифода намуда, бо дарназардошти таҷрибаи байналмилалӣ ва стандартҳои байналмилалӣ қонунгузории миллӣ мунтазам такмил дода мешавад.

## 1.2. Таҳлили санадҳои меъёрии ҳуқуқии байналмилалии универсалӣ ва минтақавӣ оид ба вокуниш ба ҳолатҳои фавқулода

Механизмҳои байналмилалии универсалӣ ва минтақавӣ дар доираи фаъолияти ташкилоту созмонҳои байналмилалӣ мавҷуданд, ки тавассути он ҳамкорӣ дар самти вокуниш ба ҳолатҳои фавқулода ба роҳ монда шудааст.

**СММ.** Дар сарҳати ҳуҷҷатҳои универсалӣ оид ба вокуниш ба ҳолатҳои фавқулода қатъномаҳои СММ мебошад, ки нақши калидӣ доранд. Аз ҷумла, қатъномаҳои АГ СММ, ки барои давлатҳои аъзо тавсиявӣ мебошанд, мубрам арзёбӣ мегарданд.

Тибқи қатъномаи АГ СММ аз 03 июни соли 2015, №69/283 Барномаи қолабии Сендай оид ба паст намудани хавфи офатҳо барои солҳои 2015–2030,[4] ки аз ҷониби давлатҳои аъзои СММ маъқул дониста шуд, мавқеи хос дорад. Боиси зикр аст, ки доир ба натиҷаҳои амалишавии Барномаи Сендай соли 2023 маърӯзаи фосилавии фарогир вобаста ба натиҷаҳои бадастомада давоми ҳафт соли охир омода ва нашр гардид.[5]

Дар умум Барномаи Сендай 7 мақсадро дар бар гирифтааст, ки бояд амалӣ карда шаванд:

1) то соли 2030 ба таври назаррас кам намудани сатҳи ҳалокати одамон дар натиҷаи офатҳои табиӣ, то ин ки дар давраи амалишавии барнома шумораи миёнаи фавт ба ҳисоби 100 000 одам камтар аз нишондодҳои солҳои 2005-2015 бошад;

2) то соли 2030 ба таври назаррас кам намудани сатҳи шумораи одамони зарардида дар ҷаҳон, то ин ки дар давраи солҳои 2020-2030 шумораи миёнаи зарардидагон аз офатҳои табиӣ ба ҳисоби 100 000 одам камтар аз нишондодҳои солҳои 2005-2015 бошад;

3) то соли 2030 коҳиши зарарҳои мустақими иқтисодӣ, ки дар натиҷаи офатҳои табиӣ ба амал меоянд нисбат ба маҷмуи маҳсулоти дохилии ҷаҳонӣ;

4) то соли 2030 коҳиши назарраси зарар ба инфрасохтори муҳими иҷтимоӣ ва иқтисодӣ, махсусан муассисаҳои соҳаи тандурустӣ ва маориф, халалдор шудани хизматрасониҳои асосӣ, аз ҷумла тавассути баланд бардоштани иқтидори онҳо;

5) то соли 2020 ба таври назаррас зиёд намудани шумораи давлатҳое, ки стратегияҳои миллӣ ва маҳаллиро доир ба паст намудани хавфи офатҳо қабул намудаанд;

6) ба таври назаррас васеъ намудани ҳамкориҳои байналмилалӣ бо давлатҳои рӯ ба рушд тавассути дастгирии ҳамаҷониба ва мунтазами онҳо бо мақсади устувор гардонидани тадбирҳое, ки барои амалисозии Барномаи Сендай то соли 2030 дар сатҳи миллӣ амалӣ мешавад;

7) то соли 2030 ба таври назаррас беҳтар намудани ҳолати мавҷудияти низоми огоҳсозии барвақтӣ, ки намудҳои гуногуни хатарҳо, иттилоот ва баҳогузориро нисбати хавфи офатҳо, инчунин, таъмини васеъи дастрасии одамонро ба он дар бар мегирад.

Ҷиҳати татбиқи ҳамин мақсадҳои дар Барномаи Сендай пешбинишуда, инчунин, 13 принсипи роҳбарикунанда таҳия гардид, ки муҳтавои онҳоро масъулияти асосии давлат барои пешгирӣ ва кам намудани хавфи офатҳо, аз ҷумла дар доираи ҳамкориҳои байналмилалӣ, байниминтақавӣ, минтақавӣ, фаросарҳадӣ, дуҷониба, идоракунии хавфҳои офатҳои табиӣ бо мақсади таъмини ҳифзи одамон, моликият, саломатӣ, манбаъҳои васоити рӯзгузаронӣ, молиёти истеҳсолии онҳо, инчунин, объектҳои фарҳангиву экологӣ ҳангоми ҳавасмандгардонӣ ва ҳимояи ҳуқуқи инсон бо шумули ҳуқуқ ба инкишоф ва монанди он кафолат медиҳад, ташкил менамояд.

Барномаи Сендай фарогири на танҳо Ҳадафҳои рушди устувор, балкиояндаи стратегӣ, мақсад, принсипҳои роҳбарикунанда ва чор афзалият аст, ки метавонанд барои паст кардани сатҳи хавфи офатҳои табиӣ мусоидат намоянд. Аз ин афзалиятҳо афзалияти дуюм ва чорум вобаста ба вокуниш ба ҳолатҳои фавқулода муҳим аст. Тибқи афзалиятҳо

[4] Минбаъд Барномаи Сендай

[5] Маърӯза оид ба натиҷаҳои амалишавии Барномаи Сендай оид ба паст намудани хавфи офатҳо барои солҳои 2015-2030. Захираи электронӣ: URL: https://www.undrr.org/media/87268/download?startDownload. Санаи дасрасӣ: 16.09.2024

такмили шаклҳои ташкилӣ-ҳуқуқии чорчӯбаи идоракунии хавфҳои офатҳо бояд коркард карда шаванд (афзалияти дуюм).

Баланд бардоштани сатҳи омодагӣ ба офатҳо бо мақсади таъмини вокуниши натиҷабахш ва роҳандозии принсипи “беҳтар намудан аз ҳолати пештара” дар фаъолиятҳо оид ба барқарорсозӣ, офиятбахшӣ ва азнавсозӣ ҳамчун афзалияти чорум, муҳим арзёбӣ мегардад.

Яке аз шаклҳои асосии амалигардонии Барномаи Сендай пешниҳоди маърӯзаҳои миллии ихтиёрӣ мебошад, ки то 30 ноябри соли 2022 ҳамагӣ 49 кишвари дунё, аз ҷумла Тоҷикистон маърӯзаҳои худро пешниҳод намуданд. Нуқтаи басо муҳим он аст, ки аллакай дар заминаи принсипҳои роҳбарикунанда ва мутобиқ ба мақсадҳои Барномаи Сендай дар Тоҷикистон Стратегияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба паст кардани хавфи офатҳои табиӣ барои солҳои 2019-2034[6] қабул гардидааст, ки дар он як қатор самтҳо, аз ҷумла такмили заминаи ташкилии ҳуқуқии низоми идоракунии хавфи офатҳои табиӣ пешбинӣ карда шуд.

**СААД.** Боиси тазаккур аст, ки дар доираи Созмони Аҳдномаи Амнияти Дастаҷамъӣ пешгирӣ ва рафъи ҳолатҳои фавқулода тавассути амалисозии ҳамкории наздисарҳадӣ ба амал бароварда мешавад. Дар ин самт Қувваҳои дастаҷамъонаи вокуниши фаврии СААД нақши худро доранд. Қувваҳои дастҷамъонаи вокуниши фаврии СААД дар шароити осоишта ва ҳолатҳои фавқулода бо дархости расмии давлатҳои аъзои СААД ё қабули қарори консенсуалӣ аз ҷониби онҳо дар ҳудуди муайян бо мақсадҳои мушаххас, аз ҷумла пешгирӣ ва рафъи ҳолатҳои фавқулода истифода мешаванд.

Вазъи ҳуқуқии Қувваҳои дастаҷамъонаи вокуниши фаврии СААД тариқи созишномаи дахлдор муқаррар гардида, шарти асосии фаъолияти онҳо ҳам дар давраи осоишта ва ҳам ғайриосоишта мутобиқат намудани фаъолияташон ба қонунгузории давлати қабулкунанда мебошад. Агарчанде, ки таъиноти ин қувваҳо асосан барои татбиқи ҳуқуқи давлатҳо-аъзои СААД, таъмини мудофиаи дастаҷамъона, муқовимат ба дигар таҳдидҳои амниятӣ равона шуда бошад ҳам, имкон дорад, ки на танҳо барои гузаронидани машқҳои фармондеҳӣ-ситоди ҳарбӣ, инчунин, рафъи оқибатҳои фавқулода истифода шаванд.

Вокуниш ба ҳолатҳои фавқулода дар минтақаҳои наздисарҳадии давлатҳои аъзои СААД ҳамон вақт самарабахш буда метавонад, ки на танҳо аз механизми таъминоти ҳуқуқӣ, балки минтақаҳои наздисарҳадии алоҳида кор гирифта шавад. Дар ин маврид зарурати ҳамгироии низомҳои огоҳсозии ҳолатҳои фавқулода бо мақсади кам намудани оқибатҳои хавфу хатарҳои ҳолатҳои фавқулода (дар мисоли ҳамкориҳои наздисарҳадии Қазоқистону Россия) корбарӣ шуданаш имконпазир мебошад.

**Ҳамкориҳои сатҳи Осиёи Марказӣ**. Яке аз дигар механизми байналмилалӣ - механизми минтақавии вокуниш ба ҳолатҳои фавқулода аст, ки дар асоси Созишнома байни Ҷумҳурии Қазоқистон, Ҷумҳурии Қирғизистон, Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Ӯзбекистон оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи пешгирӣ ва рафъи ҳолатҳои фавқулода[7] амалӣ мегардад.

Созишномаи чортарафаи номбурда шароити убури сарҳади давлатӣ аз тарафи гурӯҳҳои кумакрасон ва реҷаи будубоши онҳо дар ҳудуди давлати дархосткунанда, воридот, содирот ва транзити таҷҳизоту молҳо барои рафъи ҳолатҳои фавқулода, истифодабарии ҳавопаймоҳо, ҷуброни хароҷоту зарар ва ҳалли баҳсҳоро низ муқаррар менамояд.

Асоси ҳуқуқии ин Созишномаи чортарафаро мақсад ва принсипҳои Шартнома дар бораи дӯстии доимӣ байни Ҷумҳурии Қазоқистон, Ҷумҳурии Қирғизистон, Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Ӯзбекистон аз 10 январи соли 1997 ташкил медиҳад.

---

[6] Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 декабри соли 2018, № 602 // Маҳзани муттамаркази иттилооти ҳуқуқии “АДЛИЯ” 7.0. Санаи муроҷиат 20.03.2024.
[7] Минбаъд - Созишномаи чортарафа.

Созишнома чортарафа бо назардошти омилҳои зерин баста шудааст: вобастагии байниҳамдигарии низомҳои экологии минтақа ва имконияти ба амал омадани ҳолатҳои фавқулода, ки оқибатҳои онҳоро бо қувваю воситаҳои яке аз ҷонибҳо бартараф кардан ғайриимкон аст; зарурати дар натиҷаи ба амал омадани амалиётҳо ҳамоҳангии давлатҳои иштироккунанда, бо хоҳиши густариши ҳамкориҳои минтақавии рушдёбанда ҷиҳати расонидани кумаки зарурӣ ба тарафҳои зарардида дар ҳолати рух додани ҳолатҳои фавқулода; дар асоси ҳуқуқи байналмилалӣ; бо эътирофи зарурати муштараки нерӯҳои вокуниш ба ҳолатҳои фавқулода ташаккули захираҳои моддию техникӣ, тиббӣ, озуқаворӣ, молиявӣ ва иттилоотӣ ҷиҳати амалӣ намудани тадбирҳо оид ба пешгирӣ ва рафъи оқибатҳои ҳолатҳои фавқулода; дастгирии саъю кӯшишҳои СММ дар самти расонидани кумаки байналмилалӣ дар ҳолатҳои фавқулода, инчунин, кӯшиши саҳмгузорӣ дар ташаккул ва самаранокии заминаи ҳуқуқӣ.

Доираи татбиқи Созишномаи чортарафаро пешгирӣ, рафъи ҳолатҳои фавқулода, ки ба ҳаёт ва саломатии одамон хатар эҷод менамояд ё зарари калони моддӣ мерасонад, ки бо қувваҳо ва воситаҳои доираи маҳдуди тарафҳо бартараф карда намешавад, ташкил медиҳад.

Дар асоси Созишномаи чортарафа мақомоти салоҳиятдор ва низоми огоҳӣ аз ҳисоби мақомоти ваколатдори ҳолатҳои фавқулодаи давлатҳои иштирокдор дар сатҳи кумита ва вазорати марбута таъсис дода шудааст. Дар сурати мавҷуд набудани мақомоти салоҳиятдор, ҷонибҳо тавассути роҳҳои дипломатӣ ба таври хаттӣ ҳамдигарро огоҳ мекунанд.

Низоми ҳамаҷонибаи огоҳкунии пешакӣ ва огоҳии ҳолатҳои фавқулодаро давлатҳои аъзо таъсис медиҳанд, ки шартҳои таъсису фаъолияти онро Протоколи махсуси байниидоравӣ танзим менамояд. Давлатҳои иштирокдори Созишномаи чортарафа ҳамкориро дар самти пешгирии ҳолатҳои фавқулода дар шаклҳои зерин ба роҳ мемонанд:

- ташкил ва гузаронидани мониторинги равандҳои хатарноки техногенӣ ва экологӣ, инчунин, зуҳуроти табиат;

- хабардор намудани якдигар дар бораи ҳолати объектҳои хавфнок ва муҳити зист, ҳолатҳои фавқулодаи ба вуҷуд омада, рафти инкишофи онҳо ва оқибатҳои эҳтимолӣ, тадбирҳои андешидашуда оид ба рафъи онҳо;

- ташкили омодагии аҳолӣ ба амал дар ҳолатҳои фавқулода, аз ҷумла расонидани ёрии аввалин;

- ҳамоҳангсозии ҳамкории мақомоти манфиатдори давлатӣ оид ба рафъи ҳолатҳои фавқулода;

- арзёбии хавф барои муҳити зист ва аҳолӣ вобаста ба ифлосшавии эҳтимолӣ дар натиҷаи садамаҳои истеҳсолӣ, фалокатҳо ва офатҳои табиӣ;

- банақшагирии муштарак, таҳия ва татбиқи лоиҳаҳои илмӣ, мубодилаи адабиёти илмию техникӣ, натиҷаҳои тадқиқот ва технологияҳо;

- мубодилаи иттилоот, адабиёти методӣ ва дигар адабиёт, маводи видеоӣ ва аксбардорӣ;

- таъмини ҳамкории байни мақомоти салоҳиятдори давлатҳо;

- банақшагирӣ ва гузаронидани чорабиниҳо оид ба пешгирӣ ва рафъи ҳолатҳои фавқулода;

- расонидани кумаки мутақобила дар рафъи ҳолатҳои фавқулода ва андешидани чораҳо барои ҷойгир намудани аҳолии зарардида дар ҳудуди тарафҳои давлатҳои ҳампаймон;

- дигар фаъолиятҳо дар соҳаи пешгирӣ ва рафъи ҳолатҳои фавқулода, ки метавонанд аз ҷониби мақомоти салоҳиятдори давлатҳои мувофиқа карда шаванд.

Тарафҳои Созишномаи чортарафа барои кумак дар ҳолатҳои фавқулода дархост пешниҳод мекунанд, ки дар он дархосткунанда дар бораи хусусияти вазъияти фавқулода маълумот пешниҳод мекунад ва намуду ҳаҷми кумаки заруриро нишон медиҳад. Дархости мазкур сари вақт баррасӣ гардида, дар бораи имконият, ҳаҷм ва шартҳои расонидани кумак ба дархосткунанда хабар дода мешавад. Дар раванди кумакрасонӣ убури бемамониат аз

ҳудуд, ирсоли таҷҳизот ва борҳои кумаки тарафҳои ёрирасон тибқи қонунгузории миллӣ ва қоидаҳои байналмилалӣ таъмин мегардад.

Кумак дар вокуниш ба ҳолати изтирорӣ тавассути фиристодани гурӯҳҳои имдодрасонӣ ва маводи кумак ё дар шакли дигари дархостшуда расонида мешавад, ки шартҳо, намуд, ҳаҷм ва давомнокии он дар ҳар як ҳолати мушаххас аз ҷониби мақомоти салоҳиятдори давлатҳо мувофиқа мегардад. Гурӯҳҳои имдодрасонӣ барои иҷрои корҳои наҷотдиҳии изтирорӣ дар минтақаи фавқулода истифода мешаванд.

Идоракунии оперативӣ ва ҳамоҳангсозии фаъолияти гурӯҳҳои кумакрасон аз ҷониби мақомоти салоҳиятдори ҷониби дархосткунанда тавассути роҳбарони ин гурӯҳҳо амалӣ мегардад. Тарафи дархосткунанда роҳбарони гурӯҳҳои ёрирасонро дар бораи вазъияти минтақаи фавқулода ва қисматҳои алоҳидаи кор хабар медиҳад ва дар мавридҳои зарурӣ ин гурӯҳҳоро бо тарҷумонҳо ва таҷҳизоти алоқа таъмин менамояд, инчунин, бехатарӣ ва ёрии ройгони тиббиро таъмин менамояд. Гурӯҳҳои кумакрасон бояд муҷаҳҳаз бошанд, то дар минтақаи фавқулода дар давоми 72 соат мустақилона кор намоянд.

Зарурати ҳамкории бисёртарафаи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои хориҷӣ, бахусус минтақаи Осиёи Марказӣ дар он зоҳир мегардад, ки зиёда аз 80 миллион нафар аҳолӣ зиндагӣ намуда, амалан ба ҳама гуна хатари табиӣ ва техногенӣ мисли заминларза, обхезӣ, фаромадани ярч, омадани сел, тармафаророӣ, хушксолӣ, ҳарорати шадид, эпидемияҳо, вайроншавии сарбандҳо ва ихроҷи моддаҳои хатарнок дучор шуда метавонанд.

### 1.3. Аҳамияти шартномаҳои дуҷонибаи байналмилалӣ дар таҳкими вокуниш ба ҳолатҳои фавқулода

Тоҷикистон тибқи маълумоти мақоми ваколатдор дар даврони соҳибистиқлолӣ зиёда аз 2673 шартномаи дуҷонибаи гуногунмазмун бо 84 кишвари дунё, аз ҷумла дар самти огоҳсозӣ ва барҳамдиҳии ҳолатҳои фавқулода бастааст. Дар ин самт ҷумҳурӣ иштироки фаъол дошта, асосан шартномаҳои дуҷонибаи байниидоравии Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо сохторҳои дахлдори соҳавии кишварҳои Арманистон, Беларус, Қатар, Қирғизистон, Қазоқистон, Ӯзбекистон, Украина, Швейтсария ва Эрон ба тасвиб расонида шудаанд (ниг. ба ҷадвали №1).

### Таҳлили шартномаҳои алоҳидаи дуҷонибаи байналмилалӣ.

**Беларус**. Тибқи моддаи 1 Созишнома байни Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати ҳолатҳои фавқулода оид ба ҳамкории Ҷумҳурии Беларус дар соҳаи пешгирӣ ва рафъи ҳолатҳои фавқулода аз 30 июни соли 2012 ҳамкориҳо дар доираи қонунгузории миллии давлатҳо дар самтҳои зерин амалӣ мегарданд:

- мубодилаи ахбор, нашрияҳои даврӣ, адабиёти методӣ, илмию техникӣ, натиҷаҳои тадқиқот, маводи видеоӣ ва аксбардорӣ дар соҳаи пешгирӣ ва рафъи ҳолатҳои фавқулода;
- банақшагирӣ, таҳия ва гузаронидани семинарҳои муштарак, конфронсҳо, курсҳои омӯзишӣ, тренингҳо, машқҳо, лоиҳаҳои тадқиқотӣ, варзишӣ ва дигар чорабиниҳо;
- ташкили таълими мутахассисон дар муассисаҳои таълимии ҳар ду кишвар, мубодилаи таҷрибаомӯзон, омӯзгорон, олимон, мутахассисон ва дигар намояндагон;
- таҳияи пешниҳодҳо оид ба такмили қонунгузорӣ оид ба масъалаҳое, ки ба салоҳияти онҳо тааллуқ доранд;
- таҳия ва татбиқи лоиҳаҳои муштараки ҳамкориҳои техникӣ, иҷтимоӣ ва гуманитарӣ;
- расонидани кумаки мутақобила ё кумаки муштарак ба давлатҳои сеюм дар мавриди зарурат вобаста ба рафъи оқибатҳои ҳолатҳои фавқулодаи табиӣ ва техногенӣ;

- ҳамкорӣ дар соҳаи рафъи оқибатҳои фалокати нерӯгоҳи атомии Чернобил ва ғайра.

Ҳамкориҳои дутарафаи Тоҷикистону Беларус дар доираи фаъолияти Комиссияи муштарак ба роҳ монда мешавад. Комиссияи муштараки Тоҷикистону Беларус дар навбати худ механизми муваққатии татбиқи чорабиниҳо вобаста ба пешгирӣ ва рафъи ҳолатҳои фавқулода мебошад, ки дар ҳолатҳои зарурат таъсис дода мешавад.

**Қирғизистон**. Дар самти пешгирии ҳолатҳои фавқулода, инчунин, ҳамкориҳои Тоҷикистон бо кишварҳои ҳамсарҳад муҳим мебошад. Созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Қирғизистон дар бораи ҳамкорӣ дар соҳаи мудофиаи граждании (муҳофизат), огоҳсозӣ ва рафъи ҳолатҳои фавқулодда байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Қирғизистон аз 2 ноябри соли 2013[8] ба таҳкими муносибатҳои анъанавии дӯстона асос ёфта, бо мақсадҳои зерин баста шудааст:

- мусоидат ба осудаҳолӣ ва амнияти миллии давлатҳо;
- эътирофи хатари ҳолатҳои фавқулода барои ҳарду тараф;
- мубодилаи иттилооти илмию техникӣ дар соҳаи мудофиаи гражданӣ;
- пешгирӣ ва рафъи ҳолатҳои фавқулода бо назардошти имкони рух додани ҳолатҳои фавқулода, ки бо қувваю воситаҳои як тараф бартараф кардани онҳо ғайриимкон аст.

Боиси зикр аст, ки тибқи моддаи 2 Созишномаи Тоҷикистону Қирғизистон тарафҳои иҷрокунандаи он мақомоти ваколатдор Вазорати ҳолатҳои фавқулодаи Ҷумҳурии Қирғизистон ва Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар карда шудааст.

Омодагӣ ба офатҳо ва вокуниш ба ҳолатҳои фавқулода дар чунин шаклҳо амалӣ карда мешавад:

- ташкил ва гузаронидани мониторинги равандҳои хатарноки техногению экологӣ ва ҳодисаҳои табиӣ;
- хабардорсозии тарафайн оид ба холати иншооти эҳтимолии хатарнок ва муҳити зист, дар ҳолати сар задани таҳдид ва ё сар задани ҳолатҳои фавқулодда, ҷараёни онҳо ва оқибатҳои эҳтимолӣ, андешидани чораҳо ҷиҳати рафъи онҳо;
- мубодилаи иттилоот оид ба маниторинг ва пешгӯии ҳолатҳои фавқулоддаи дорои хусусияти табиӣ ва техногенӣ;
- мубодилаи таҷриба дар ташкили омодасозии аҳолӣ ба амалиёт ҳангоми ҳолатҳои фавқулодда, аз ҷумла оид ба расонидани ёрии аввалияи тиббӣ;
- ташкил ва ҳамоҳангсозии амалиёти мақомоти дахлдори давлатӣ ҳангоми рафъи ҳолатҳои фавқулодда;
- арзёбии хатар барои муҳити зисти табиӣ ва аҳолӣ дар робита ба ифлосшавии эҳтимолӣ дар натиҷаи садамаҳои саноатӣ, фалокат ва офатҳои табиӣ;
- огоҳсозӣ ва хабардоркунии фаврӣ дар хусуси сар задании офатҳои табиии эҳтимолӣ дар дарёҳои байнисарҳадӣ;
- пешгирӣ ва рафъи офатҳои табиӣ;
- банақшагирии муштарак, таҳия ва амалисозии лоиҳаҳои илмию таҳқиқотӣ, мубодилаи адабиётҳои илмию техникӣ ва натиҷаҳои корҳои таҳқиқотӣ;
- мубодилаи иттилоот, матбуотӣ даврӣ, адабиёти методӣ ва дигар адабиёт, наворҳои видиоӣ ва маводи аксӣ, инчунин технологияҳо;
- ташкили конфронсҳои муштарак, семинарҳо, машваратҳои корӣ, омӯзишӣ ва машқҳо;
- омодасозии нашрияҳои муштарак ва маърӯзаҳо;
- омодасозии мутахассисони соҳаи мудофиаи гражданӣ (муҳофизат), огоҳсозӣ ва рафъи ҳолатҳои фавқулодда дар муассисаҳои таҳлимии Тарафҳои якдигар, мубодилаи таҷрибаомӯзон, омӯзгорон, олимон ва мутахасиссон;
- таъмини равобити ҳамкорӣ байни мақомоти ваколатдор;

[8] Минбаъд Созишномаи Тоҷикистону Қирғизистон.

- расонидани кӯмакҳои мутақобила ҳаногми таҷҳизонидани гурӯҳҳо оид ба расонидани кӯмак;

- расонидани кӯмакҳои мутақобила ҳангоми рафъи ҳолатҳои фавқулодда;

- дигар фаъолиятҳое, ки дар соҳаи огоҳсозӣ ва рафъи ҳолатҳои фавқулодда бо мақомоти ваколатдор мувофиқа мегарданд.

Тибқи Созишномаи Тоҷикистону Қирғизистон ёрӣ оид ба рафъи ҳолатҳои фавқулода дар шаклҳои фиристодани гурӯҳҳои ёрирасон, таҷҳизот, маводи ёрирасон ва ғайра амалӣ мешавад. Гурӯҳҳои имдодрасонӣ дар минтақаи изтирорӣ корҳои наҷотбахширо анҷом медиҳанд. Гурӯҳҳои кумакрасон бояд муҷаҳҳаз бошанд, то дар минтақаи фавқулода дар давоми 72 соат мустақилона кор кунанд. Баъди ба охир расидани таъминоти таҷҳизот аз ҷониби дархосткунанда ба гурӯҳҳои зикргардида барои кори минбаъдаи онҳо воситаҳои зарурӣ дода мешавад.

Ҳамчунин, Созишномаи Тоҷикистону Қирғизистон низ шартҳои убури сарҳади давлатӣ аз ҷониби гурӯҳҳои кумакрасон ва низоми будубоши онҳо дар ҳудуди давлати дархосткунанда, воридот ва содироти таҷҳизоту мавод барои кумак дар вокуниш ба ҳолати фавқулода, истифодаи ҳавопаймо, ҷубронпулӣ, ҷуброни зарар, истифодаи иттилоотро муқаррар кардааст.

**Украина**. Бо давлатҳои дигар, аз ҷумла кишварҳои Аврупо санадҳои дуҷониба баста шудааст. Бахусус, Созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Девони Вазирони Украина аз 6 декабри соли 2005[9] оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи пешгирии ҳолатҳои фавқулода ва рафъи оқибатҳои онҳо бо дарназардошти ба ҳисоб гирифтани хавфи вазъиятҳои фавқулода барои ҳарду кишвар, ҳамкорӣ дар соҳаи пешгирии ҳолатҳои фавқулода ва рафъи оқибатҳои онҳо ба некӯаҳволӣ ва амнияти ҳарду давлат, мубодилаи ахбороти илмӣ-техникӣ дар ин соҳа, инчунин, зарурати мутобиқ намудани амалиёти тарафҳо бо мақсади пешгирӣ намудани вазъияти фавқулода ва рафъи оқибатҳои онҳо, дастгирии кӯшишҳои СММ дар соҳаи пешгирии ҳолатҳои фавқулода ва рафъи оқибатҳои онҳо, эҳтиром ва тасдиқи меъёрҳо ва қоидаҳои аз ҷониби умум қабулшуда, ки дар доираи созмонҳои гуногуни байналмилалӣ, конвенсияҳо ва созишномаҳои дахлдори байналмилалӣ мавҷуданд, инчунин, барои мусоидат намудан ба рушди қонунгузории миллӣ баста шудааст.

Тибқи Созишнома Тоҷикистону Украина ҳамкориҳо дар асоси санадҳои байналмилалӣ ва принсипҳои аз ҷониби умум эътирофшудаи байналмилалӣ ба роҳ монда шуда, дар вазъияти фавқулода муроҷиат барои кумак, таъмини қувва ва воситаҳои барои пешгирӣ ва ё рафъи оқибатҳои вазъияти фавқулода, тақсим кардани маводи кумак танҳо дар байни аҳолии зарардида амалӣ карда мешаванд. Бояд гуфт, ки расонидани кумак ройгон ба роҳ монда мешавад. Мақомоти салоҳиятдори тарафи дархосткунанда ба гурӯҳҳои кӯмакрасон посбонҳо, хизматрасонии тиббии ройгон, хӯрокворӣ ва манзил пешниҳод намуда, ҳамчунин аъзои гурӯҳҳоро бо ашёҳои истифодаи шахсӣ дар ҳолати ба охир расидани захираҳо таъмин менамояд.

Мақомоти салоҳиятдори давлатҳои аъзои Созишномаи Тоҷикистону Украина аз ҷониби Тоҷикистон – Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи гражданӣ ва аз тарафи Украина – Вазорати ҳолатҳои фавқулода ва ҳифзи аҳолӣ аз оқибатҳои садамаи Чернобил (аз соли 2012 инҷониб Хадамоти давлатии Украина оид ба ҳолатҳои фавқулода) мебошад, ки онҳо дар сатҳи дуҷониба ё бисёрҷониба ҳамкорӣ менамоянд. Бояд гуфта, ки онҳо нуқтаҳои доимии тамосро бо мақсади иттилоот ва кумак дар ҳолати фавқулода, гурӯҳи муштараки кориро таъин мекунад ё таъсис медиҳанд. Гурӯҳи муштараки корӣ ҷаласаҳои худро бо навбат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Украина, чун қоида, соле як маротиба ва дар ҳолати зарурӣ бо мувофиқаи мақомоти салоҳиятдори ҷонибҳо мегузаронад.

Созишномаи Тоҷикистону Украина, инчунин, тартиби гузариш аз ҳудуди давлат ва қоидаҳои будубоши гурӯҳро оид ба расонидани кумак, интиқоли молу маводи кумакро муқаррар кардааст. Ҷиҳати таъмини самаранокӣ гурӯҳҳои ёрирасон сарҳади давлатиро ба

---

[9] Минбаъд Созишномаи Тоҷикистону Украина.

тариқи соддашуда тавассути гузаргоҳҳои сарҳади давлатӣ, ба шарте, ки ҳар як аъзои гурӯҳи дорои ҳуҷҷати тасдиққунандаи шахсият бошад, убур мекунанд. Роҳбари гурӯҳ ба мақомоти назорати сарҳадӣ дар гузаргоҳи сарҳадӣ ҳуҷҷати аз ҷониби мақомоти салоҳияти тарафи таъминкунанда додашуда, ки роҳбарии гурӯҳро бо мақсади расонидани кумак тасдиқ мекунад ва рӯйхати шахсонеро, ки дар гурӯҳ сафар мекунанд, пешниҳод менамояд.

Тартиби истифодаи ҳавопаймо барои кумак дар муайян кардани масири пешбинишудаи парвоз, макони фуруд, аломатҳои мушаххаси ҳавопаймо, ҷадвали парвоз, ҷуброни хароҷоте, ки ҳангоми расонидани кумак барои нигоҳдории сӯзишворӣ ва ҳавопаймоҳо ва дигар ҳолатҳоро Созишнома Тоҷикистону Украина муқаррар кардааст. Давлати таъминкунанда ҳангоми иҷрои вазифаҳои марбут ба татбиқи Созишномаи Тоҷикистону Украина аз пардохт барои парвоз, фуруд омадан, таваққуф дар фурудгоҳ ва парвоз аз он, инчунин, барои хизматрасонии радионавигатсионӣ озод мебошанд.

Ҳангоми расонидани зарар ба саломатии узви гурӯҳи кумак ё дар ҳолати фавти ӯ вобаста ба татбиқи Созишномаи Тоҷикистону Украина давлати таъминкунанда тамоми хароҷоти вобаста ба ҷуброни зарарро ба дӯш мегирад. Ҳаҷми маблағи ҷуброн бо мувофиқаи байни тарафҳо муқаррар карда мешавад.

**Швейтсария**. Ҳамчунин Ҷумҳурии Тоҷикистон бо кишварҳои алоҳида дар Аврупо шартномаҳои дуҷонибаи байналмилалӣ бастааст. Аз ҷумла, Созишнома бо Конфедератсияи Швейтсария оид ба ҳамкорӣ дар вазъияти фавқулода баста шудааст. Созишномаи мазкур илова ба Созишнома оид ба ҳамкории техникӣ ва молиявӣ, инчунин, кумаки башардӯстона байни Шӯрои Федеролии Швейтсария ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад, ки аз 19 ноябри соли 1999 баста шудааст. Созишномаи мазкур 29 ноябри соли 2005[10] дар шаҳри Душанбе ба имзо расонида шуд.

Мақомоти ваколатдори татбиқи Созишномаи Швейтсария ва Тоҷикистон – Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Комиссар оид ба кумаки башардӯстона ва сардори шуъбаи Швейтсария оид ба кумаки башардӯстона буда, онҳо бевосита дар ҳолатҳои зарурӣ масъалаҳои ба миён омадаро баррасӣ менамоянд.

Мутобиқи Созишномаи Швейтсария ва Тоҷикистон тарафҳои он кумакҳоро мустақим ё ғайримустақим тавассути воҳидҳои кумакрасон, аз ҷумла наҷотдиҳандагони Швейтсария бо истифода аз таҷҳизоти зарурӣ ва дар ҳолатҳои зарурӣ бо дигар воситаҳои қобили қабул мерасонанд. Онҳо метавонанд тавассути замин, ҳаво ё об ба минтақаи осебдида дар муддати кӯтоҳ фиристода шаванд. Кумак бебозгашт буда, дар сурати ба миён омадани зарурат дар рафти кор ва бо дархости воҳидҳои ёрирасон, аз ҷумла наҷотдиҳандагони Швейтсария, давлати дархосткунанда бояд ба ҷузъу томҳо аз ҳисоби худ кумаки зарурӣро, ки тибқи созишномаи тарафайн муайян шудааст, расонад.

Таҳлили шартномаҳои дуҷониба нишон дод, ки дар онҳо масъалаҳои марбут ба вокуниш ба ҳолатҳои фавқулода ба таври умум ҳалли худро ёфтаанд. Вале, дар ин самт мушкилиҳо ба назар мерасанд. Масалан, амалисозии нишондоди шартномаи басташуда байни Тоҷикистону Федератсияи Россия дар шаҳри Душанбе 14 январи соли 1998 доир ба омодасозӣ аз рӯи ихтисоси 20.03.01 "Бехатарии техносферавӣ" (дараҷаи бакалавр) дар Донишгоҳи славянии Россия-Тоҷикистон мувофиқи мақсад аст.

**Бо мақсади мустаҳкам намудани ҳамкориҳо дар самти вокуниш, пешгирӣ ва рафъи ҳолатҳои фавқулода чунин пешниҳодҳо оид ба банди 1.3. Таҳлил манзур мегарданд:**

1) дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ҳифзи аҳолӣ ва ҳудуд аз ҳолатҳои фавқулоддаи дорои хусусияти табиӣ ва техногенӣ" аз 15 июли соли 2004, боби алоҳида оид ба "Ҳамкориҳои байналмилалӣ дар соҳаи ҳифзи аҳолӣ ва ҳудуд аз ҳолатҳои фавқулодаи

[10] Минбаъд Созишномаи Швейтсария ва Тоҷикистон

дорои хусусияти табиӣ ва техногенӣ” бо мақсади таъмини фаврият ва ҳамкориҳои мутақобилаи судманди дуҷониба ва бисёрҷонибаи ҷумҳурӣ бо кишварҳои дуру наздик дар самти вокуниш ба ҳолатҳои фавқулода, илова карда шавад;

2) аз таҳлили шартномаҳои дуҷонибаи байналмилалии Тоҷикистон бармеояд, ки аксари онҳо дар даҳсолаи аввали соҳибистиқлолӣ баста шуда, ниёз ба таҷдиди назар ва такмил доранд. Аз ин рӯ, шартномаҳои мазкур бояд бо ба ҳисобгирии санадҳои меъёрии ҳуқуқии нав қабулшуда ва фаъолияти мақомоти нави ваколатдор таҷдиди назар карда шуда, бо роҳҳои дипломатӣ аз сари нав баста шаванд ва ё бо протоколҳои алоҳида ба расмият дароварда шаванд;

3) бо дар назар доштани муҳим ва рӯзмарра будани масъалаи пешгирӣ, рафъи ҳолатҳои фавқулода ҳамкориҳо бо дигар давлатҳо вусъат дода шаванд. Барои Тоҷикистон дар самти пешгирӣ ва рафъи ҳолатҳои фавқулода кишварҳои ҳамсоя, аз ҷумла Чин, Афғонистон, Ӯзбекистон, Туркманистон, Қирғизистон, Қазоқистон, Покистону Ҳиндустон манфиатдор мебошанд. Чунки хатари ҳолатҳои фавқулода дар минтақаҳои гуногуни кишвар ва давлатҳои номбаршуда аз ҷумла, обхезӣ, заминларза, садамаҳо ва ғайра мавҷуд буда, дар навбати аввал кишварҳои болозикр ба ёрии ҳамдигар мерасанд;

**4)** таҳия, коркард ва бастани шартномаҳои алоҳида бо дигар кишварҳои хориҷӣ дар самти вокуниш, пешгирӣ ва рафъи ҳолатҳои фавқулода зарур мебошад. Дар мавриди мавҷудияти шартномаи дуҷониба ҷараёни расонидани кумак вусъат ёфта, масъалаҳои ҳалталаб дар робита ба вокуниш ба ҳолатҳои фавқулода ҳалли худро фавран хоҳанд ёфт;

**5)** мувофиқи мақсад аст, ки шартномаҳои дуҷонибаи Тоҷикистон, ки дар оянда баста мешаванд бо мақсади вокуниши саривақтӣ ва рафъи ҳарчи зудтари оқибатҳои офатҳои табиӣ, вусъати ҳамкориҳо ва инчунин, устувории муносибатҳо бемуҳлат баста шаванд.

### 1.4. Қонунҳои намунавӣ ва тавсияҳои Ассамблеяи байнипарлумонии ИДМ (АБ ИДМ) ва Ассамблеяи парлумонии СААД (АП СААД) дар робита ба вокуниш ба ҳолатҳои фавқулода

Механизми дигари ҳамкории минтақавӣ вобаста ба вокуниш ба ҳолатҳои фавқулода дар доираи фаъолияти АБ ИДМ амалӣ мешавад, ки Тоҷикистон аъзои комилҳуқуқи он аст. Мувофиқи маълумотҳои АБ ИДМ то имрӯз зиёда аз 650 ҳуҷҷат қабул ва аз ин миқдор қариб 70 дарсади он ба қонунгузории давлатҳои аъзои ИДМ ворид (имплементатсия) гардида, наздики 10 дарсади он бо муқаррароти қонунгузории миллии давлатҳо монандӣ доранд.

АБ ИДМ мунтазам қонунҳои намунавӣ, қарорҳо, тавсияҳо ва дигар ҳуҷҷатҳоеро қабул менамояд, ки ба таъминоти ҳуқуқии ҳуқуқи ҳолатҳои фавқулода, таъсири бевосита мерасонанд. Бо ҳамин мақсад АБ ИДМ Қонунҳои намунавии ИДМ “Дар бораи ҳифзи аҳолӣ ва ҳудуд аз ҳолатҳои фавқулодаи хусусияти табиии ва техногенидошта” (қарори №10-6 аз 06.12.1997 с.), “Дар бораи ҳолатҳои фавқулода” (қарор аз 13.06.2000 с., №15-15), “Дар бораи мусоидат ба танзими кумаки башардустона ҳангоми ҳолатҳои фавқулода ва кумак дар баргузории корҳои аввалини барқарорсозӣ” (қарор аз 28.11.2014 с., №41-20), инчунин, Қонуни намунавии ИДМ “Дар бораи низоми ягонаи занг задан ба хадамоти изтирорӣ”-ро (қарор аз 28.10.2022 с., №54-9) қабул намуд, ки дар заминаи онҳо қонунҳои дахлдор дар давлатҳои аъзои ИДМ қабул карда шуданд.

Аз ҷумла, аз ин ҳисоб дар Тоҷикистон ду санади қонунгузорӣ марбут ба ҳифзи аҳолӣ ва ҳудуд аз ҳолатҳои фавқулодаи хусусияти табиӣ ва техногенидошта ва ҳолатҳои фавқулода қабул гардидааст.

Ҷиҳати танзими ҳуқуқии кумаки башардӯстона дар ҷумҳурӣ санади меъёрии ҳуқуқии дахлдори зерқонунӣ-Низомномаи тартиби идораи кумаки башардӯстона ва техникӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон[11], ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 9 ноябри соли 2000, №459 тасдиқ шудааст, қабул шудааст, ки дар боби VII он муқаррароти

[11] Минбаъд Низомнома.

алоҳида оид ба тартиби қабул, кашонидан, дар анбор ҷобаҷокунӣ, ҳифз ва тақсими кумаки башардӯстона ва кумаки техникии ба суроғаи мақоми ваколатдор воридгардида муайян шудааст. Мониторинги Низомнома нишон медиҳад, ки муқарраროти он зарурат ба таҷдид дорад. Зеро, дар мазмуни Низомнома як қатор норасоии меъёрҳои танзимкунанда, номувофиқатӣ (истиноди нодуруст ба меъёри Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла дар банди 2) ва носаҳеҳӣ (ифодаи нодурусти номи мақоми ваколатдор дар робита ба ҳолатҳои фавқулода ва монанди инҳо) ба назар мерасад.

Натиҷаи таҳлил, нишон дод, ки имрӯзҳо бо мақсади мусоидат намудан ба танзими кумаки башардӯстона ҳангоми ҳолатҳои фавқулода ва кумак дар баргузории корҳои аввалини барқарорсозӣ дар Тоҷикистон масъалаи қабули санади меъёрии ҳуқуқӣ - қонуни дахлдори соҳа ба вуҷуд омадааст. Таҷрибаи як қатор кишварҳо, аз ҷумла Қазоқистон нишон дод, ки дар ин давлат ҷиҳати танзимнамоии ҳуқуқии масъала Қоидаҳо оид ба расонидани кумаки башардӯстона қабул, бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Қазоқистон аз 8 октябри соли 2019, №743 тасдиқ шудааст. Яке аз масъалаи ҳалталаб, ки дар санади меъёрии зерқонунии мазкур ҳаллу фасл шудааст, пешниҳоди худи истилоҳи “кумаки башардӯстона” ба маънои васеъ, аз ҷумла ҳангоми ҳолатҳои фавқулода, тартиби пешниҳоди дархост оид ба дастрасӣ ба кумаки башардӯстона, қабул ва тақсими он мебошад.

Таъминоти назариявӣ-ҳуқуқии вокуниш ба ҳолатҳои фавқулода самти дигари фаъолияти АБ СААД мебошад, ки дар ин ҷода корҳои мушаххас анҷом дода шудаанд. Чунончӣ, ҷиҳати ҳамоҳангсозии қонунгузории давлатҳои аъзои СААД оид ба вокуниш ба ҳолатҳои фавқулода Луғати истилоҳоти махсус (тақрибан 50 истилоҳ) омода ва бо қарори АБ СААД аз 28 ноябри соли 2013, №6-9 тасдиқ гардида, дар он як зумра мафҳумҳо аз ҷумла “вокуниш ба ҳолатҳои фавқулода” муқаррар шудааст.

Субъектони фаъолияти ҳуқуқэҷодкунии давлатҳои аъзои СААД, аз ҷумла Тоҷикистон ҳангоми амалисозии сиёсат ва таҳияи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ метавонанд аз ин истилоҳоти махсуси соҳавӣ истифода намоянд. Инчунин, АБ СААД Тавсияҳо оид ба ҳамоҳангсозии қонунгузории давлатҳои аъзои СААД-ро дар соҳаи вокуниш ба ҳолатҳои фавқулода (қарор аз 17.05.2012 с., №5-8) қабул намуд. Таҳиякунандагони Тавсияҳои мазкур омилҳоеро муқаррар намуданд, ки метавонанд то имрӯз барои ҳамоҳангсозии қонунгузории давлатҳои аъзои СААД мубрам бошанд, аз ҷумла:

- муайян намудани минтақа, сарҳадот ва ҳаҷми ҳудудҳое, ки таҳти таъсири бавуҷудоварандаи омилҳои хусусияти техногенидошта ва табиӣ қарор гирифтаанд;
- эълон намудани минтақаи ҳолати фавқулодаи ҳудуде, ки таҳти таъсири бавуҷудоварандаи омилҳои хусусияти техногенидошта ва табиӣ қарор гирифтаанд;
- муқаррар намудани ҳуқуқ, уҳдадорӣ, маҳдудиятҳои фаъолияти шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ дар минтақаи ҳолати фавқулода;
- барҳам додани мақоми минтақаи ҳолати фавқулодаи ҳудуде, ки таҳти таъсири бавуҷудоварандаи омилҳои хусусияти техногенидошта ва табиӣ қарор гирифтаанд.

Тавсияҳо бо мақсади ҳамоҳангсозии қонунгузории давлатҳои аъзои СААД, як зумра пешниҳодро пешбинӣ намуданд, ки хусусияти зерин доштанд: иттилоотӣ (ташаккули махзани иттилоотии вокуниш тавассути таҳияи луғатҳо), истилоҳотӣ (истифодаи мафҳуми ягонаи “ҳолатҳои фавқулода” дар қонунгузории миллӣ тибқи Таснифоти ҳолатҳои фавқулодаи хусусияти табиӣ ва техногенидоштаи ИДМ аз 15 августи соли 2002., №16), ҳуқуқӣ-конститутсионӣ (оқибатҳои эълони вазъияти фавқулода, таъсири он ба маҳдудсозии ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, муайянсозии ваколатҳои мақоми ваколатдор), фаросарҳадӣ (дар сатҳи қонунгузорӣ таъсиси низоми ҳамоҳангшудаи коллективии вокуниш ба ҳолатҳои фавқулодаи хусусияти техногенӣ ва табиӣ, инчунин, ҳолатҳои бӯҳронӣ агар давлати аъзои СААД мустақилона натавонад масъаларо ҳал намояд) ва монанди ҳамин.

Дар ин ҷода масъалаҳои танзими ҳуқуқии муқаррар намудани вазъи ҳуқуқии гурӯҳҳои махсусгардонидашудаи тиббӣ, ки ба зарардидагон кумаки аввалини тиббӣ ва равоншиносӣ мерасонанд, расмиёти таъмини он, ҳамоҳангсозии мақомоти давлатӣ ҳангоми ба вуҷуд омадани вазъияти фавқулода, ҳамоҳангсозии вокуниши башардӯстона ва

расонидани кумак аз тарафи давлатҳои аъзои СААД, якзайл муайян намудани ҷавобгарӣ барои вайрон кардани қонунгузорӣ ҳангоми огоҳсозии ҳолатҳои фавқулода ва барҳам додани оқибатҳои он, механизмҳои ҷуброни зиёни расонидашуда ба молу мулки шаҳрвандон, таъминоти молиявии чорабиниҳои гузаронидашаванда, таъсиси хадамоти ягонаи навбатдорӣ бо рақами ягонаи телефони наҷот матраҳ гардидааст.

**Пешниҳодот оид ба такмили қонунгузории миллӣ вобаста ба банди 1.4. Таҳлил:**

1) Таҳлили қонунгузории давлатҳои аъзои СААД, аз ҷумла Тоҷикистон нишон медиҳад, ки аксари ин тавсияҳо дар қонунгузорӣ оид ба ҳолатҳои фавқулода амалӣ гардида, қисмати дигар дар ҳолати воридшавӣ қарор доранд. Мувофиқи мақсад аст, ки муқаррароти қонунҳои намунавӣ оид ба мусоидат ба танзими кумаки башардустона ҳангоми ҳолатҳои фавқулода ва кумак дар баргузории корҳои аввалини барқарорсозӣ, дар бораи низоми ягонаи занг задан ба хадамоти изтирорӣ дар қонунгузории миллӣ мавриди таҳлили консептуалӣ қарор дода шавад.

2) Тавсияҳо оид ба ҳамоҳангсозии қонунгузории давлатҳо-аъзои СААД дар доираи ҳамкориҳои наздисарҳадӣ ҳангоми бавуҷудоии ҳолатҳои фавқулодаи хусусияти табиӣ ва техногенидошта[12] ва Тавсияҳо оид ба ҳамоҳангсозии қонунгузории давлатҳои аъзои СААД дар доираи омодасозӣ ва азнавомодасозии мутахассисон дар самти “Бехатарӣ дар ҳолатҳои фавқулода”[13] таҳия карда шуданд, ки ҳангоми вокуниш ба ҳолатҳои фавқулода аҳамияти амалӣ доранд. Бахусус, Тавсияҳо оид ба ҳамоҳангсозии қонунгузории давлатҳои аъзои СААД дар доираи ҳамкориҳои наздисарҳадӣ ҳангоми бавуҷудоии ҳолатҳои фавқулодаи хусусияти табиӣ ва техногенидошта дар фарқ аз тавсияҳои дигар таҳияи лоиҳаи созишномаи бисёрҷониба, аз ҷумла созишномаи дуҷонибаи намунавиро бо нишон додани чораҳои такмили расмиёти сарҳадӣ, гумрук ва дигар назорат, муайянсозии гузаштан ба таври соддакардашуда, пешбинӣ менамояд. Пешниҳод аст, ки меъёрҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ бо мазмуни “Ҳамкориҳои наздисарҳадӣ ҳангоми бавуҷудоии ҳолатҳои фавқулодаи хусусияти табиӣ ва техногенидошта” мукаммал, мафҳуми “ҳолати фавқулодаи фаросарҳадӣ” дар сатҳи қонунгузорӣ муқаррар карда шавад.

3) Тавсияҳо оид ба ҳамоҳангсозии қонунгузории давлатҳои аъзои СААД дар доираи омодасозӣ ва азнавомодасозии мутахассисон дар самти “Бехатарӣ дар ҳолатҳои фавқулода” бинобар пурра ҳал нашудани мушкилот мубрам мемонад. Зеро, омодасозии мутахассисон дар соҳаи бехатарӣ дар ҳолатҳои фавқулода танҳо дар Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ гардида, бозомӯзии онҳо дар Россия, Беларус, Қазоқистон ва Озарбойҷон анҷом дода мешавад.

4) Мувофиқи мақсад аст, ки таҳқиқотҳои назариявӣ-ҳуқуқии илмӣ дар робита ба мавзуъҳои танзимнамоии ҳуқуқии байналмилалии ҳолатҳои фавқулода дар таносуб бо қонунгузории миллӣ, таъминоти ҳуқуқии ҳолатҳои фавқулода ва монанди инҳо дар муассисаҳои илмии Тоҷикистон интихоб ва барои дифои рисолаҳои номзадӣ ва докторӣ пешниҳод карда шаванд.

5) Зарур аст, ки муносибатҳои дуҷонибаи Тоҷикистон дар самти вокуниш ба ҳолатҳои фавқулода бо кишварҳои ҳамсарҳад тақвият дода шуда, шартномаҳои дуҷонибаи бемуҳлат баста шаванд, зеро мавҷудияти муҳлат ҳангоми сар задани офатҳои табиӣ ва техногенӣ метавонад иҷрои онро ба таъхир гузорад.

[12] Қарори АП СААД аз 26 ноябри соли 2015, № 8-8. Захираи электронӣ: www.mmk.tj. Санаи дастрасӣ: 5.06.2025

[13] Қарори АП СААД аз 24 ноябри соли 2016, №9-4.4. Захираи электронӣ: www.mmk.tj. Санаи дастрасӣ: 5.06.2025

## II. ТАЪМИНОТИ ҲУҚУҚ ДАР ҲОЛАТҲОИ ФАВҚУЛОДА ВА КОҲИШИ ХАВФИ ОФАТҲОИ ТАБИӢ ВА ТЕХНОГЕНӢ ДАР ҚОНУНГУЗОРИИ МИЛЛӢ

### 2.1. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳои конститутсионӣ, кодексҳо ва қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон.**[14] Муҳимтарин қонун аст, ки тибқи меъёрҳои он ҳаёти сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ, ҳуқуқӣ ва ғайра ташаккул меёбанд. Мавриди зикр аст, ки меъёрҳои Конститутсия мустақиман, инчунин, тавассути қабули дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, бахусус қонунҳои конститутсионӣ, қонунҳои соҳавӣ татбиқ гардида, барои таъминоти ҳуқуқ ва коҳиши ҳолатҳои фавқулода мусоидат менамояд.

Дар робита ба ҳуқуқ ва коҳиши ҳолатҳои фавқулода ду моддаи Конститутсия (моддаҳои 46 ва 47) муқаррар шудаанд, ки бевосита ба таъминоти ҳуқуқӣ-конститутсионӣ дар ин самт равона шуда, ҷузъи таркибӣ ва манбаи инкишофи муносибатҳои марбута мебошанд. Меъёрҳои мазкур дар боби ҳуқуқ ва озодиҳои асосии инсон ва шаҳрванд ҷойгир гардида, аҳамияти амалӣ дар робита ба арзиши олӣ доштани ҳуқуқ ва озодиҳои инсон дар Тоҷикистонро доранд.

Мутобиқи моддаи 46 Конститутсия ҳангоми таҳдиди бевосита ба ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон, истиқлолияти давлат, тамомияти арзии он ва офатҳои табиӣ, ки дар натиҷаи он мақомоти конститутсионии ҷумҳурӣ наметавонад ба таври мӯътадил фаъолият намояд, ҳамчун тадбири муваққатӣ барои амнияти шаҳрвандон ва давлат вазъияти фавқулода эълон мегардад. Мӯҳлати вазъияти фавқулода тибқи ҳамин меъёр то се моҳ аст. Тавре аз меъёри мазкур бармеояд асосҳои ҳуқуқии эълони вазъияти фавқулода ҳамчун тадбири муваққатӣ ва мӯҳлатнок, субъектҳои ваколатдори вазъи фавқулода муайян карда шуда, шартҳои дароз намудани мӯҳлати он, омилҳои эълони чунин вазъ мушаххас шудаанд.

Дигар масъалаи муҳим дар давраи вазъияти фавқулода таъмин намудани ҳуқуқ ва озодиҳои асосии инсон аст, ки аз талаботи қонунгузории миллӣ ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ бармеояд. Дар моддаи 47 Конститутсия муқаррар гардидааст, ки дар давраи вазъияти фавқулода ҳуқуқ ва озодиҳое, ки дар моддаҳои 16, 17, 18, 19, 20, 22, 25, 28-и Конститутсия пешбинӣ шудааст, маҳдуд карда намешавад. Тибқи меъёри дигари ҳаволакунанда низоми ҳуқуқии вазъияти фавқулодаро қонуни конститутсионӣ муайян мекунад.

Ҳамин тавр, маҳз бо мақсади таъмини бехатарии аҳолӣ, фаъолияти мунтазами мақомоти давлатӣ, созмонҳои ҷамъиятӣ, намояндагии дипломатии кишварҳои хориҷӣ, созмонҳои байналмилалии муқими кишвар пас аз ба даст овардани соҳибистиқлолӣ дар самти пешгӯӣ ва пешгирии ҳолатҳои фавқулода, аз ҷумла офатҳои табиӣ ва бартараф кардани пайомадҳои нохуши онҳо дар сатҳи давлатӣ чораҳои ташкилӣ, ҳуқуқӣ, техникӣ ва молиявӣ андешида шуданд.

Маҳз бо назардошти муҳимият масъалаи мазкур дар моддаҳои 46 ва 47 Конститутсия танзим гардидааст. Ҳангоми ба вуқӯъ омадани ҳолатҳои фавқулода ва таҳдиди он ба бехатарии аҳолӣ, истиқлоли давлат, тамомияти арзии он, фаъолияти мунтазами вазорату идораҳо ва дигар сохторҳои давлативу ҷамъиятӣ дар тамоми ҳудуди кишвар ва ё бахши алоҳидаи он дар асоси Конститутсия ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонад бо фармони худ вазъияти фавқулода эълон намояд ва воситаҳои заруриро барои пешгириву бартараф кардани ҳолатҳои фавқулода равона намоянд. Фармон фавран барои тасдиқ ба ҷаласаи якҷояи парламент-Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардида, дар ин бора ба СММ хабар дода мешавад.

[14] Минбаъд Конститутсия.

Вазъияти фавқулода чораи муваққатӣ ва муҳлатнок буда, то се моҳ эълон карда мешавад. Ин муҳлат дар ҳолатҳои зарурӣ мумкин аст аз тарафи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дароз ва ё пеш аз муҳлат бекор карда шавад.

**Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи низоми ҳуқуқии вазъияти фавқулодда”** тартиб ва шарту шароити эълони вазъияти фавқулодаро танзим менамояд. Ҳангоми эълон намудани вазъияти фавқулода низоми махсуси идоракунӣ ҷорӣ гардида, мумкин аст ҳуқуқҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ба истисноӣ ҳуқуқҳое, ки дар моддаи 47 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон номбар шудаанд, муваққатан маҳдуд гардида, ба зиммаи онҳо тавассути Қонуни конститутсионии мазкур вазифаҳои иловагӣ вогузор шаванд.

Вазъияти фавқулода ҳангоми рӯй додани ҳолатҳои фавқулода ба монанди обхезӣ, заминҷунбӣ, садамаҳои экологӣ, паҳншавии бемориҳои гузаранда, ба таври оммавӣ вайрон намудани тартиботи ҳуқуқӣ, кӯшиши ғасб кардани ҳокимияти давлатӣ ё бо роҳи зӯрӣ дигар кардани сохти конститутсионӣ, сӯиқасд ба тамомияти арзии давлат, зарурати барқарор кардани тартиботи ҳуқуқӣ ва фаъолияти мақомоти давлатӣ ҷорӣ карда мешавад.

Ҳолатҳои фавқулода вобаста ба хусусиятҳои худ ба табиӣ, техногенӣ ва сунъӣ ҷудо мегарданд (ниг. ба ҷадвали №2).

Дар Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи низоми ҳуқуқии вазъияти фавқулодда” ва дигар санадҳои ҳуқуқии дахлдор ҷиҳати пешгӯӣ, пешгириву бартараф кардани ҳолатҳои фавқулода салоҳияти Президент ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, вазифаҳои мақомоти давлатӣ, инчунин, ҳуқуқу уҳдадориҳои шахсони воқеиву ҳуқуқӣ, ниҳодҳои ҷамъиятӣ ва созмонҳои байналмилалӣ пешбинӣ шудаанд.

**Кодексҳо.** Санадҳои меъёрии ҳуқуқии кодификатсионӣ дар ҷумҳурӣ масъалаҳои алоҳидаи таъмини ҳуқуқҳои моддӣ ва мурофиавии вокуниш ба ҳолатҳои фавқулодаро дар бар мегиранд. Қонунгузор дар робита ба таъминоти ҳуқуқҳои маданӣ, содир намудани ҳуқуқвайронкуниҳо, ба монанди ҷавобгарӣ барои вайрон намудани муқаррароти қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи ҳолатҳои фавқулода, тарзи баррасии мурофиавии он меъёрҳои дахлдорро пешбинӣ намудааст.

Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24 декабри соли 2022, №1918 дар ҳолатҳои фавқулода меъёрҳои алоҳидаро оид ба реквизитсияи молу мулк муқаррар намудааст. Реквизитсия имкони ба таври маҷбурӣ гирифтани молу мулк дар ҳолатҳои фавқулода бо тартиби маъмурӣ мебошад.

Мутобиқи қисми 1 моддаи 312 Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳолатҳои офати табиӣ, садама, эпидемия, эпизоотия ва ҳолатҳои дигари дорои хусусияти фавқулода, молу мулк тибқи қарори мақомоти ваколатдори давлатӣ метавонад аз молик бо тартиб ва тибқи шартҳои муқаррарнамудаи қонун ба моликияти мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ба манфиати ҷомеа гирифта шуда, ба молик арзиши молу мулк пардохт карда шавад (реквизитсия).

Дигар талабот, ки дар қонунгузории маданӣ муқаррар шудааст нархи арзиши молу мулк ва тартиби пардохти он мебошад. Тибқи меъёри номбаршуда нархе, ки мутобиқи он ба молик арзиши молу мулки реквизитсияшуда пардохт карда мешавад, дар суд мавриди баҳс қарор гирифта метавонад. Шахсе, ки молу мулки ӯ реквизитсия шудааст, ҳуқуқ дорад баъди қатъи ҳолате, ки вобаста ба он молу мулк реквизитсия шуд, баргардондани молу мулки боқимондаашро талаб ва дар ҳолати радди он ба суд муроҷиат намояд.

Таҳлили масъала нишон дод, ки дар Тоҷикистон реквизитсияи молу мулк танҳо дар асоси қонун амалӣ мегардад, ки ин дар навбати худ кафолати иловагии ҳуқуқии ҳифзи ҳуқуқи моликият, аз ҷумла моликияти хусусӣ аст. Мафҳуми “реквизитсия” меъёрҳои моддӣ оид ба кафолати ҳуқуқҳои сармоягузор ҳангоми экспроприатсия ва реквизитсия дар моддаи 14 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи сармоягузорӣ” аз 15 марти соли 2016, №1299 муқаррар шудааст. Сармоягузор метавонад мутобиқи қисми 9 ҳамин модда қонунӣ будани мақсади истифодаи экспроприатсия ва реквизитсия, арзёбии арзиши молу мулки экспроприатсия ва ё реквизитсиягардида ва расмиётеро, ки мақомоти давлатӣ ҳангоми

татбиқи экспроприатсия ва реквизитсия риоя намудаанд, дар судҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин дар суди ҳакамӣ, суди байналмилалии арбитражӣ ва арбитражи байналмилалии тиҷоратӣ мавриди баҳс қарор диҳад.

Таҷрибаи давлатҳои аъзои ИДМ нишон дод, ки мусодираи молу мулк дар асоси кодексҳои маданӣ, қонунҳо ва қоидаҳои алоҳида амалӣ карда мешавад. Мисол, дар Молдова Қонун “Дар бораи реквизитсияи молу мулк ва иҷрои уҳдадории меҳнатӣ ба манфиати ҷомеа” аз 11 октябри соли 2002, №1384-XV[15], дар Қазоқистон бошад, Қоидаҳои баҳисобгирии молу мулки реквизитсияшуда, ки барои таъмини эҳтиёҷоти чорабиниҳо вобаста ба рафъи ҳолатҳои фавқулодаи хусусияти табиӣ ва техногенидошта, инчунин, ҳангоми гузаронидани корҳои наҷотдиҳӣ ва барқарорсозӣ садамавӣ[16] қабул ва тасдиқ карда шудааст.

Мувофиқи мақсад аст, ки санадҳои болозикр ва таҷрибаи пешрафтаи байналмилалӣ мавриди омӯзиш ва таҳлили ҳамаҷониба қарор дода шавад.

Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21 майи соли 1998 таркиби алоҳидаи ҷинояти толонгариро муқаррар намекунад. Қонунгузор толонгариро тибқи моддаи 405 Кодекси ҷиноятӣ ба дигар қонуншиканиҳои меъёри байналмилалии ҳуқуқи башар мансуб медонад. Агарчанде, ки тибқи қисми якуми моддаи 62 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон содир намудани ҷиноят бо истифода аз шароити вазъияти фавқулода, офати табиӣ ё фалокатҳои дигари ҷамъиятӣ, инчунин, ҳангоми бетартибиҳои оммавӣ ҳамчун ҳолатҳое, ки ҷазоро вазнин мекунанд, эътироф карда мешавад, дар ин самт масъалаҳои ҳалталаб низ мавҷуд аст.

Мутобиқи моддаи 405 Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳангоми мавҷуд набудани аломатҳои ҷиноятҳои пешбининамудаи моддаҳои 403 ва 404 ҳамин Кодекс, толонгарӣ, яъне дар вазъияти ҷанг соҳиб шудан ба молу мулки шахсони фавтида ё захмиён, ҳамчунин молу мулки шаҳрвандон, ки дар минтақаҳои амалиёти ҳарбӣ мононда шудаанд, истифодаи шахсони зикргардида барои ҳимояи қӯшуни худ ё иншоот аз амалиёти ҳарбӣ, дар амалиёти ҳарбӣ ё мухолифати мусаллаҳона истифода бурдани восита ва маводе, ки тибқи шартномаҳои байналмилалӣ манъ шудаанд, истифодаи силоҳи қатли ом, ки мутобиқи шартномаи байналхалқӣ манъ шудааст, қонуншикании меъёри байналмилалии ҳуқуқи башар эътироф мегардад. Аз меъёри мазкур бармеояд, ки ин кирдор танҳо дар ҳолати ғайриосоишта содир намудан, қонуншикании меъёри байналмилалии ҳуқуқи башар мебошад, аммо агар ҳамин кирдор дар давраи осоишта ҳангоми сар задани ҳолати фавқулода ба вуҷуд ояд, кирдори мазкур толонгарӣ ҳисобида намешавад.

Доир ба қисмати мазкур пешниҳод мегардад, ки кирдори толонгарӣ ҳангоми сар задани ҳолати фавқулода ҳамчун таркиби ҷиноят эътироф гардида, ҳамчун моддаи алоҳида ҳангоми таҳияи Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳрири нав, ба инобат гирифта шавад.

Хусусияти хоси қонунгузории миллӣ, бахусус ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ дар робита ба ҳолатҳои фавқулода дар он аст, ки қонунгузор таваккал кардан ба ҳаёт ва саломатии одамонро манъ намудааст. Агар таваккал баръало бо фалокати экологӣ ё офати ҷамъиятӣ алоқаманд бошад, асоснок эътироф карда намешавад. Дар Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 декабри соли 2008 дар моддаҳои 415 ва 471 (1) ҷавобгарии маъмуриро барои аз тарафи мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ иҷро накардани уҳдадориҳои вобаста ба пешгирӣ ва бартараф намудани оқибатҳои офатҳои табиӣ (заминҷунбӣ, фурӯравии замин, сел ва ғайра) ва барои аз ҷониби шахсони воқеӣ риоя накардани қоидаҳои муқарраршуда дар шароити вазъияти фавқулода, муқаррар намудааст. Аммо, содир намудани ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ҳангоми офатҳои табиӣ ё дигар ҳолатҳои фавқулода, ки ҳолати вазнинкунандаи ҷавобгарии маъмурӣ ба вуҷуд

[15] Қонуни Ҷумҳурии Молдова “Дар бораи мусодираи молу мулк ва иҷрои уҳдадории меҳнатӣ ба манфиати ҷомеа” Захиаи электронӣ: URL: https://base.spinform.ru/show_doc.fwx?rgn=5099. Санаи дастрасӣ: 29.03.2024.
[16] Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Қазоқистон аз 6 октябри соли 2011, №1145 // Захираи электронӣ: https://adilet.zan.kz/rus/docs/P1100001145. Санаи дастрасӣ: 29.03.2024.

меоранд, ҳангоми набудани аломатҳои ҷиноят дар кодекси мазкур ба таври мукаммал таснифоту бандубаст нашудааст.

Вобаста ба қисмати мазкур пешниҳод менамоем, ки дар Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон боби алоҳида оид ба ҳуқуқвайронкуниҳои маъмурӣ дар робита ба ҳолатҳои фавқулода таҳия ва пешбинӣ карда шавад.

**Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ҳифзи аҳолӣ ва ҳудуд аз ҳолатҳои фавқулоддаи дорои хусусияти табиӣ ва техногенӣ”** аз 15 июли соли 2004, №53 вобаста ба пешгӯӣ, пешгирии ҳолатҳои фавқулода, аз ҷумла офатҳои табиӣ, садама, паҳншавии бемориҳои сироятӣ ва бартараф кардани оқибатҳои онҳо қабул карда шудааст.

Дар он салоҳият ва вазифаҳои мақомоти давлатӣ ҷиҳати пешгирии ҳолатҳои фавқулода ва кам кардани густаришу зиёни онҳо, саривақт огоҳ намудани мардум аз сар задани ҳолатҳои фавқулода ва бартарафсозии оқибати онҳо, ҳамкории мақомоти давлатӣ бо ниҳодҳои ҷамъиятӣ, созмонҳои ҷаҳонӣ, омода ва истифодаи қувваю воситаҳои дахлдор, муайян намудани ҳудуди ҳолатҳои фавқулода, ҳалли дигар масъалаҳои ҳифзи аҳолӣ ва ҳудудҳо аз ҳолатҳои фавқулода, инчунин, ҳуқуқу уҳдадориҳои шахсони воқеиву ҳуқуқӣ пешбинӣ карда шудаанд.

Ҳолатҳои паҳнгаштаи фавқулода, ҳолатҳои дорои хусусияти табиӣ ва техногенӣ мебошанд, ки дар дилхоҳ ҳудуд ва кишвар ба вуқуъ омада метавонанд. Тавре омори солҳои 2015-2020 нишон медиҳад дар ҷумҳурӣ тамоюли мазкур якзайл набуда, зудтағйирёбанда аст (ниг. ба нақшаи 2)[17].

Дар пешгирии ҳолатҳои фавқулода ва кам кардани зиёни онҳо пешгӯӣ аҳамияти калон дорад, ки аз тарафи хадамоти махсуси назорат ва санҷиш аз рӯи офатҳои табиӣ, садамаҳои техногенӣ ва фалокатҳо амалӣ карда мешавад. Инчунин, дар асоси Қонуни мазкур барои ҳалли вазифаҳо вобаста ба ҳолатҳои фавқулода, аз ҷумла дар ҳолати омодабош будани захираҳои давлатӣ, ҳамоҳангсозии кори вазорату идораҳо, ташкилоту корхонаҳо дар ин самт ва ҳалли дигар масъалаҳо вобаста ба ҳолатҳои фавқулода таъсиси мақомоти давлатии махсуси ваколатдор пешбинӣ ва вазифаҳои он ба таври мушаххас, муайян карда шудааст.

Дар асоси Қонун муҳофизати тартиботи ҷамъиятӣ, объектҳои ҳаётан муҳими давлативу ҷамъиятӣ пурзӯр гардида, ҷиҳати аз ҷойҳои хавфнок кӯчондани аҳолӣ ва ба онҳо додани хонаҳои зисти доимӣ ё муваққатӣ чораҳо андешида мешаванд. Ҳамчунин, муқаррар шудааст, ки ҷиҳати пешгирии баромада рафтани шаҳрвандони алоҳида аз маҳалли офатзада ва аз чунин маҳал берун кардани вайронкунандагони тартиботи ҷамъиятӣ, ки сокинони он маҳал нестанд, чораҳо андешида мешаванд.

Бо мақсади таъмини бехатарии ҷомеа, фаъолияти мунтазами мақомоту идораҳо, корхонаву ташкилот дар ҳолати фавқулода аз шаҳрвандон, корхонаю муассиса ва ташкилот силоҳ, техникаи таълимии ҳарбӣ, моводи заҳрнок ва дигар моводи хатарзо мумкин аст муваққатан гирифта шаванд. Ҳамзамон, гузарондани маҷлису гирдиҳамоӣ, роҳпаймоию намоиш, корпартоӣ, гурӯснанишинӣ ва эътирозҳо, инчунин, дигар чорабиниҳои оммавӣ, ки метавонанд боиси ноустувории вазъият гарданд, пешгирӣ карда шаванд.

Барои корхонаву муассиса ва ташкилотҳо сарфи назар аз шакли моликияташон тартиби махсуси фаъолият ҷорӣ гардида, масъалаҳои дар вазифа будани роҳбарону коргарон, инчунин, ба кор ҷалб кардани шахсони қобили меҳнат ҳал карда мешавад. Доираи шахсоне, ки барои нигоҳ доштани низоми вазъияти фавқулода ҷалб мегарданд, аз тарафи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда мешавад. Ҳангоми зарурат кори барномаҳои иттилоотӣ маҳдуд ё манъ ва қоидаҳои махсуси истифодаи воситаҳои алоқа ҷорӣ карда мешаванд.

Мақомоти босалоҳияти давлатӣ метавонанд ҳаракати воситаҳои нақлиётро маҳдуд ва онҳоро тафтиш намоянд, соати комендантӣ ҷорӣ кунанд, ҳуҷҷатҳои шаҳрвандонро санҷанд, барангехтани низои миллӣ, кӯшишҳои итоат накардан ба мақомоти давлатиро

[17] Тоҷикистон: 30 соли Истиқлолияти давлатӣ (маҷмӯаи оморӣ), Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2021. – С. 329.

пешгирӣ ва карантин ҷорӣ намоянд, инчунин, дигар чораҳои ҳатмии амниятиву санитарӣ андешанд.

Дар Қонуни болозикр роҳҳои омодасозии аҳолӣ дар чунин ҳолатҳо ва тарғиби дониш вобаста ба ҳолатҳои фавқулода низ ба таври кушоду равшан пешбинӣ карда шудааст.

**Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ҳолати ҷангӣ"** аз 20 июни соли 2019, №1608 қабул гардида, дар баробари масоили ҳолати ҷангӣ ба таври илова масоили ҳолати фавқулодаро низ танзим кардааст.

Барои вайрон кардани талаботи қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ вобаста ба вазъи фавқулода ва ҳолатҳои фавқулода шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд. Парвандаҳо дар ин самт дар муҳлати то се шабонарӯз баррасӣ мегарданд. Шахсоне, ки ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ содир намудаанд, то баррасии парванда аз ҷониби судя, дар ҳабс нигоҳ дошта мешавад. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонад дар чунин ҳолат шакли махсуси идораи муваққатии ҷумҳурӣ ё ҳудуди ҷудогонаи онро муқаррар намояд.

**Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи хадамоти садамавию наҷотдиҳӣ, сохторҳои садамавию наҷотдиҳӣ ва вазъи ҳуқуқии наҷотдиҳандагон"** аз 1 марти соли 2005, №83[18] асосҳои умумии ташкилию ҳуқуқии таъсис ва фаъолияти хадамоти садамавию наҷотдиҳӣ ва сохторҳои садамавию наҷотдиҳиро дар ҳудуди Тоҷикистон муайян намуда, ҳуқуқу уҳдадориҳо ва вазифаҳои наҷотдиҳандагонро муқаррар месозад, асосҳои сиёсати давлатиро дар соҳаи ҳифзи ҳуқуқию иҷтимоии наҷотдиҳандагон ва дигар шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар бартараф кардани ҳолатҳои фавқулодаи дорои хусусияти табиӣ ва техногенӣ иштирок мекунанд, танзим менамояд ва намудҳои корҳои садамавию наҷотдиҳиро муайян менамояд, ки ба онҳо бартараф кардани оқибатҳои ҳолатҳои фавқулода, аз ҷумла офатҳои табиӣ, экологиву санитарӣ низ дохил мешаванд.

Инчунин, иштироки мақомоти ваколатдори хадамоти садамавию наҷотдиҳӣ дар таҳияи нақшаҳои пешгирӣ ва бартараф кардани ҳолатҳои фавқулода дар иншоот ва ҳудудҳои таҳти хизматрасонӣ қарордошта, нақшаҳои ҳамкорӣ ҳангоми бартараф кардани оқибатҳои ҳолатҳои фавқулода дар дигар иншоот ва ҳудудҳо, тарғибу ташвиқи донишҳо дар соҳаи ҳифзи аҳолӣ ва ҳудуд аз ҳолатҳои фавқулода, иштирок дар омода сохтани аҳолӣ ва кормандони ташкилот барои амалиёт дар шароити ҳолатҳои фавқулода, тартиби иштироки онҳо дар самти ҳолатҳои фавқулода муайян карда шудааст.

**Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи бехатарӣ аз сӯхтор" аз 20 марти соли 2008, №363.** Сӯхтор низ ҳодисаи нохуш ва бахше аз ҳолатҳои фавқулода аст, ки метавонад барои инсонҳо ва табиат, моликияти давлатӣ, шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, инчунин, моликияти иттиҳодияву иттифоқҳои ҷамъиятӣ зиён расонад. Бахусус, имрӯзҳо ҳодисаҳои сӯхтори ҷангалҳо дар кунҷу канори ҷаҳон зиёд ба назар мерасад ва ин ҳолат ҳар як давлатро водор месозад, ки вобаста ба ин офати табиӣ, бахусус ҷиҳати пешгирии сар задани он чораҳо андешад.

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи бехатарӣ аз сӯхтор" асосҳои ҳуқуқӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва ташкилии таъмини бехатарӣ аз сӯхторро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян намуда, вазифаҳо, муносибатҳои байни мақомоти давлатӣ, ташкилот, шахсони воқеиву ҳуқуқиро дар ин соҳа ба танзим медарорад ва ба пешгӯиву пешгирӣ, инчунин, бартараф кардани оқибатҳои он мусоидат мекунад.

**Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи бехатарии сейсмикӣ".** Заминҷунбӣ низ бахше аз ҳолатҳои фавқулода буда, метавонад барои одаму табиат оқибатҳои ногувор ба бор орад. Бо назардошти ин 30 майи соли 2017, №1416 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи бехатарии сейсмикӣ" қабул гардид, ки он асосҳои ташкилӣ, ҳуқуқӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии таъмини бехатарии сейсмикиро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян менамояд.

Дар ин санади меъёрии ҳуқуқӣ пешгӯии эҳтимолии заминҷунбӣ, муҳофизати сейсмикӣ, ноҳиябандии сейсмикӣ, хатари сейсмикӣ, хавфи сейсмикӣ, огоҳкунии пешакии

[18] Минбаъд Қонуни соли 2005, №83.

заминҷунбӣ, таъмини бехатарии сейсмикӣ, салоҳияти Ҳукумат ва мақоми ваколатдори соҳа, вазифаҳои муассисаҳои махсусгардондашудаи давлатӣ, дигар мақомоти давлатӣ, шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, ҳамкориҳои байналмилалӣ оид ба бехатарии сейсмикӣ ва дигар масъалаҳои он танзими худро пайдо кардааст.

**Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ҳифзи пиряхҳо" аз 3 январи соли 2024, №2026.** Масъалаи ташвишовар, ки дар ҷаҳони имрӯза мавҷуд аст, гармшавии босуръати иқлими сайёра, камшавии боришот, офатҳои табиӣ, ки ба ин равандҳо вобаста мебошанд, аз ҷумла офати табии тармафароӣ аст, ки ҳамчун ҳолати фавқулода баромад менамояд. Бо мақсади коҳиши ҳолатҳои фавқулода дар моддаи 8 Қонуни мазкур масъалаи пешгӯии эҳтимолияти фаромадани тарма ва обхезӣ, омода намудани пешниҳодҳо ҷиҳати гузарондани чорабиниҳои пешгирикунандаи офатҳои табиӣ ва таъмини ҳифзи пиряхҳоро ҳамчун ваколати мақомоти ваколатдори давлатӣ оид ба ҳифзи пиряхҳо муқаррар шудааст.

Ҷиҳати коҳиш додани ҳолатҳои фавқулода истифодаи натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ оид ба пиряхшиносӣ ва мониторинги пиряхҳо бо мақсадҳои таҳияи харитаҳои фаврии барфтӯдаҳо, муайян намудани масоҳат ва сарҳади пиряхҳо, пешгӯии лағжиши пиряхҳои набзӣ ва фаромадани тармаҳо бо мақсади пешгирии оқибатҳои номатлуби офатҳои табиии марбут ба онҳо, зарур дониста шудааст.

**Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи байторӣ"** 16 декабри соли 2010, №108 қабул шудааст. Соли 2016 ба он мафҳумҳои нав мисли "бехатарии биологӣ", "таҳдид", "идоракунии таҳдид", "арзёбии таҳдид", "муҳофизати байторию биологӣ" ва "огоҳкунӣ аз таҳдид" ворид карда шуданд, ки барои коҳиши ҳолатҳои фавқулода ҳангоми ба вуқӯъ омадани эпизоотияҳо - паҳншавии саросарии бемориҳои сироятии ҳайвонот дар як ё якчанд воҳидҳои марзиву маъмурӣ, равона гардидааст.

Барои коҳиши ҳолатҳои фавқулода дар ин самт таҳия ва қабули чорабиниҳои беҳдошти байторӣ дар назар аст. Аз ҷумла, мутобиқи қисми сеюми моддаи 6 Қонуни мазкур ҳангоми мавҷудияти далелҳои кофии илмӣ барои арзёбии объективии таҳдид ё дар вазъиятҳои фавқулода мақоми ваколатдор ҳуқуқ дорад дар асоси нишондодҳои мавҷуда, аз ҷумла нишондодҳои созмонҳои байналмилалии соҳавӣ ва маълумот оид ба тадбирҳои беҳдошти байтории дигар мамлакатҳо тадбирҳои муваққатии беҳдошти байториро қабул намояд. Нишондодҳои мазкур мумкин аст дар робита ба фаъолияти Бюрои Байналмилалии Эпизоотӣ пешниҳод гардида, тадбирҳои муваққатӣ дар шакли карантин ҷорӣ карда шаванд.

**Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи бехатарии радиатсионӣ"[19]** 1 августи соли 2003, №42 қабул гардида, дар баробари муқаррароти умумӣ, инчунин, принсипҳо, танзим дар соҳаи бехатарии радиатсионӣ, талабот дар ин самт, танзими бехатарии радиатсионӣ ҳангоми садамаи радиатсионӣ, ҳуқуқу уҳдадориҳои шаҳрвандон ва иттиҳодияҳои ҷамъиятиро дар соҳаи таъмини бехатарии радиатсионӣ дар бар мегирад.

Боиси зикр аст, ки ба Қонуни соли 2003, №42 аз лаҳзаи қабул то имрӯз ягон маротиба тағйиру иловаҳо ворид нагардидааст. Зарур аст, ки Қонуни мазкур таҷдиди назар гардида, меъёрҳои он бо дарназардошти қабули Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳрири нав, дигар қонунҳо, талаботи имлои забони давлатӣ ва техникаи қонунгузорӣ такмил дода шавад.

**Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи бехатарии саноатии объектҳои истеҳсолии хатарнок"** аз 28 феврали соли 2004, №14 қабул карда шудааст. Тавре аз муқаддимаи Қонуни мазкур бармеояд он асосҳои ҳуқуқӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии таъмини бехатарии объектҳои истеҳсолии хатарнокро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар намуда, ба ошкор кардан ва ҳифзу пешгирии садамаю ҳодисаҳои нохуши дар объекти истеҳсолии хатарнок рухдиҳанда равона шудааст.

Бехатарии саноатии объектҳои истеҳсолии хатарнок дар асоси талаботи саноатӣ амалӣ мегардад. Талаботи бехатарии саноатӣ бошад, мутобиқи қисми дуюми моддаи 4 Қонуни мазкур бояд ба меъёрҳои ҳифзи аҳолӣ ва минтақаҳо аз ҳолатҳои фавқулода,

[19] Минбаъд Қонуни соли 2003, №42.

беҳбудии санитарию эпидемиологии аҳолӣ, ҳифзи муҳити зист, амнияти экологӣ, амнияти радиатсионӣ, муҳофизат аз сӯхтор, ҳифзи меҳнат, сохтмон, инчунин, талаботи стандартҳои давлатӣ мувофиқ бошад. Яке аз паҳлуҳои мусбии Қонуни мазкур дар он пешбинӣ намудани мафҳумҳои "бехатарии саноатӣ", "садама", "ҳодиса" ва "объектҳои истеҳсолии хатарнок" мебошад, ки барои танзимнамоии ҳуқуқии соҳаи ҳолатҳои фавқулода мусоидат менамоянд. Таҳлили Қонуни мазкур нишон дод, ки гарчанде ба он соли 2020 тағйиру иловаҳо ворид шуда бошад ҳам, бо назардошти қабули Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон", Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи низоми иҷозатдиҳӣ" аз 22 июни соли 2023, №1968 меъёрҳои онро таҷдиди назар намудан зарур аст.

**Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи бехатарии иншоотҳои гидротехникӣ",** ки 29 декабри соли 2010, №666 қабул гардид ва ба танзими як қатор масъалаҳои дар вазъияти фавқулода оид ба иншоотҳои дахлдор бавуҷудоянда бахшида шудааст. Қайд намудан зарур аст, ки дар Қонуни мазкур мафҳуми "вазъияти фавқулода" муқаррар гардида, ваколатҳои мақоми давлатӣ дар соҳаи бехатарии иншоотҳои гидротехникӣ, талаботи умумӣ оид ба таъмини бехатарии ин иншоот, инчунин, уҳдадориҳои соҳибмулкон ва истифодабарандагони иншоотҳои гидротехникӣ, пешбинӣ шудаанд. Таъмини бехатарии иншооти гидротехникӣ яке аз масъалаҳои мубраме ба шумор меравад, ки дуруст танзим намудани он боиси пешгирӣ аз ҳамагуна ҳолатҳои фавқулода мегардад.

**Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Ҷамъияти Ҳилоли Аҳмари Тоҷикистон" аз 12 январи соли 2010, №592.** Вазъи ҳуқуқии Ҷамъияти Ҳилоли Аҳмар (ҶҲАТ) тақозо мекунад, ки он ҳамчун иттиҳодияи ҷамъиятии ихтиёрӣ дар сатҳи ҷумҳурӣ таъсис дода шуда, бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон шахси ҳуқуқӣ эътироф карда шавад. ҶҲАТ дар асоси умумияти манфиатҳои шаҳрвандон бо мақсади сабук намудани азияти одамон, ҳалли мушкилоти иҷтимоӣ, кумак расонидан ба ҷабрдидагони задухӯрдҳои мусаллаҳона ва шахсони аз ҳолатҳои фавқулода ва техногенӣ зарардида, ҳамкорӣ дар иҷрои вазифаҳое, ки аз Конвенсияҳои Женева (с.1949), Протоколҳои иловагӣ (с.1977) бармеоянд, тарғиби ҳуқуқи башардӯстонаи байналмилалӣ ва принсипҳои асосии Ҳаракати Байналмилалии Салиби Сурх ва Ҳилоли Аҳмар, инчунин, баланд бардоштани маърифати аҳолӣ дар соҳаи ҳифзи саломатӣ фаъолият мекунад.

Иттиҳодияи ҶҲАТ ҳанӯз соли 1927 таъсис ёфта, зиёда аз 12 ҳазор волонтёр дорад, ки айни замон метавонанд дар пешгирӣ ва рафъи ҳолатҳои фавқулода нақши фаъол дошта бошанд. Тибқи моддаи 6 Қонуни мазкур ҶҲАТ вазифаҳои зеринро дар робита ба ҳолатҳои фавқулода иҷро мекунад:

- бо мақсади ҷустуҷӯи шахсони бе ному нишон гумгашта хадамоти ҷустуҷӯӣ ташкил мекунад, робитаи байни аъзои оилаҳоро, ки дар натиҷаи задухӯрдҳои мусаллаҳона, ҳолатҳои фавқулода ва техногенӣ ҷудо шудаанд, барқарор месозад, барои пайваст намудани оилаҳо кумак мерасонад;

- бо мақомот ва ҷузъу томҳои Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждании ба шахсоне, ки дар натиҷаи ҳолатҳои фавқулода зарар дидаанд, кумак расонида, бо ҳамин мақсад хадамоти дахлдор созмон медиҳад;

- ба мақомоти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои қабул ва ҷойгирондани қурбониёни задухӯрдҳои мусаллаҳона ва инчунин, ба шахсоне, ки дар натиҷаи ҳолатҳои фавқулода осеб дидаанд, кумак мерасонад;

- дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шахсоне, ки қурбониёни задухӯрдҳои мусаллаҳона буда, инчунин, аз ҳолатҳои фавқулода ва техногенӣ зарар дидаанд, расонидани кумакро ташкил менамояд;

- тавассути Кумитаи Байналмилалии Салиби Сурх ва Федератсияи Байналмилалии Ҷамъиятҳои Салиби Сурх ва Ҳилоли Аҳмар ва Ҷамъиятҳои миллии Салиби Сурх ва Ҳилоли Аҳмари кишварҳои хориҷӣ ба қурбониёни задухӯрдҳои мусаллаҳона ва инчунин, ба шахсоне, ки дар натиҷаи ҳолатҳои фавқулода ва техногенӣ дар мамлакатҳои хориҷӣ ҷабр дидаанд, кумак мерасонад.

Вазифа ва самтҳои фаъолияти ҶҲАТ ҳамин тавр дар вобастагӣ ба вуқуъ омадани ҳолатҳои фавқулода ба расонидани кумак, ҳамгирой ва ташкили кор бо шарикони рушд, аз ҷумла КБСС, ФБҶСС ва ҲА ва Ҷамъиятҳои миллии Салиби Сурх ва Ҳилоли Аҳмари кишварҳои хориҷӣ дар вазъи осоишта ва ғайриосоишта мушаххас мегардад.

**Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи фаъолияти волонтёрӣ”.** Қонуни номбурда 19 сентябри соли 2013, № 1019 қабул гардида, асосҳои ҳуқуқӣ, ташкилӣ ва иҷтимоии фаъолияти волонтёриро муайян намуда, муносибатҳои ҷамъиятиро вобаста ба амалишавии ин намуди фаъолияти ҷамъиятӣ ба танзим медарорад. Қайд кардан зарур аст, ки фаъолияти мазкур ба таври озод, ихтиёрӣ ва бемузд тавассути шартнома бо ҷалбкунанда бо мақсадҳои мушаххас (гузаронидани чорабиниҳои оид ба ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, ҳифзи ҳуқуқи инсон, тандурустӣ, маориф, илм, фарҳанг, варзиш, туризм, эҳсонкорӣ ва ҳифзи муҳити зист) амалӣ мегардад.

Ҳамчун ҷузъи таркибии ҷомеаи шаҳрвандӣ волонтёрҳо метавонанд дар рафъи ҳолатҳои фавқулода фаъолона иштирок намоянд. Бинобар ин, мувофиқи мақсад аст, ки , фаъолият оид ба иштирок дар рафъи ҳолатҳои фавқулода ҳамчун яке аз самтҳои фаъолияти волонтёрӣ мушаххас дар моддаи алоҳида пешбинӣ карда шавад.

Ҳамин тариқ, таҳлил нишон дод, ки маҳз бо мақсади тақвияти меъёрҳои Конститутсия Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи низоми ҳуқуқии вазъияти фавқулода” аз 3 ноябри соли 1995 қабул гардида, ба он 4 маротиба тағйирот ворид карда шудааст (охирон тағйирот соли 2014). Бинобар ин, Қонуни конститутсионии номбурда бо назардошти тағйиру иловаҳои соли 2016 ба Конститутсия бозбинӣ карда шавад.

Омӯзиш нишон дод, ки санадҳои меъёрии ҳуқуқии номбаршуда вазъи ҳолати фавқулода, аз ҷумла пешгӯӣ, пешгирӣ ва бартаф кардани оқибатҳои нохуши он, ҳамкории Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар мақомоти дахлдори давлатиро бо кишварҳои дигар ва созмонҳои байналмилалӣ дар шаклҳои гуногун муайян ва танзим кардааст. Таҷрибаи чандинсолаи мақомоти давлатӣ ва ҳамкории онҳо бо ҷомеаи шаҳрвандӣ, созмонҳои байналмилалӣ дар ин самт собит намуд, ки дар онҳо чораҳои эътиноӣ вобаста ба ҳолатҳои фавқулода ба таври пурра пешбинӣ карда шудаанд. Дар баробари бознигарӣ кардани талабот ё ченакҳои алоҳидаи онҳо аз аҳамият холӣ нест ва метавонад барои такмили сохтори мақомоти дахлдори давлатӣ, пешрафти фаъолияти онҳо ва иҷрои саривақтиву босамари корҳо дар ин самт мусоидат намояд.

Истифодаи нерӯ, воситаҳои Қувваҳои мусаллаҳ ва мақомоти корҳои дохилӣ барои бартарафсозии ҳолатҳои фавқулода дар асоси қонунҳои дахлдор амалӣ карда мешаванд. Аз ҷумла, ин ҳолат дар моддаи 17 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи мудофиаи гражданӣ” аз 28 феврали соли 2004, №6 низ пешбинӣ шудааст.

**Дар асоси таҳлилҳои қонунгузории миллӣ пешниҳодоти зерин дар робита ба банди 2.1. қисми II таҳлил манзур мегардад:**

1. Ба Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи низоми ҳуқуқии вазъияти фавқулодда”:

- аз ном ва матни Қонуни конститутсионӣ калимаҳои “низоми ҳуқуқии” хориҷ ва Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи вазъияти фавқулода” номгузорӣ гардад;

- дар моддаи 10 Қонуни конститутсионӣ чунин муқаррар шудааст:

“Моддаи 10. Барои роҳбарӣ ба корпартоии манъшуда дар шароити вазъияти фавқулода, ҳамчунин барои монеъ шудан ба кори корхона, муассиса ва ташкилот айбдор дар асоси қонунҳои амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешавад”.

Ҷиҳати мувофиқ гардонидани ин талабот ба қонунҳои дахлдор бояд он дар таҳрири зерин пешбинӣ шавад:

“Моддаи 10. Барои роҳбарӣ ба корпартоии манъшуда дар шароити вазъияти фавқулода, ҳамчунин барои монеъ шудан ба фаъолияти корхона, муассиса ва ташкилот шахси гунаҳгор ба ҷавобгарӣ кашида мешавад.”.

Зеро, ки ҷумлаи “мувофиқи қонунҳои амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешавад” аз нигоҳи мазмуну сохтор ба қонунгузорӣ мувофиқ намебошад. Ҳамчунин кирдори ин шахси гунаҳгор шояд ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ва ё дигар намуди ҳуқуқвайронкунӣ бошад.

- дар моддаи 11 Қонуни конститутсионӣ ба Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқ дода шудааст, ки дар ҳолати вазъи фавқулода тобеияти ҳудудии судиии парвандаҳои маданӣ ва ҷиноятиро, ки қонун муқаррар кардааст, дигар намояд. Мувофиқи мақсад аст, ки талаботи мазкур дар кодексҳои мурофиавии дахлдор пешбинӣ карда шаванд.

2. Мувофиқи мақсад аст, ки масъалаи танзимнамоии ҳуқуқии реквизитсияи молу мулки шаҳрвандон ва шахсони ҳуқуқӣ дар ҳолатҳои фавқулода, зарурати қабули санади меъёрии ҳуқуқӣ бо дар назар доштани шарту шароит, тартиби гузаронидан нисбати объектҳои моликият, бақайдгирӣ, муқаррар намудани ҳамаи моликони моликият дар асоси таҷрибаи пешрафтаи байналмилалӣ мавриди омӯзиш ва таҳлили ҳамаҷониба қарор дода шавад.

3. Дар Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон боби алоҳида оид ба ҳуқуқвайронкуниҳо дар соҳаи ҳолатҳои фавқулода таҳия ва пешбинӣ карда шавад.

4. Дар баробари Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ҳифзи аҳолӣ ва ҳудуд аз ҳолатҳои фавқулоддаи дорои хусусияти табиӣ ва техногенӣ” вобаста ба сӯхтору заминҷунбӣ қонунҳои алоҳида таҳия ва қабул шудаанд. Бо назардошти талаботи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ба кам кардани шумораи санадҳои меъёрии ҳуқуқии танзимкунандаи муносибатҳои ҳаммонанд равона шудааст, мувофиқи мақсад аст, ки муқаррароти қонунҳои зидди сӯхтор ва сейсмикӣ низ чун боби алоҳида ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ҳифзи аҳолӣ ва ҳудуд аз ҳолатҳои фавқулоддаи дорои хусусияти табиӣ ва техногенӣ” ҳамроҳ гардад.

5. Бо назардошти он, ки Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи мудофиаи гражданӣ” фарогири масъалаҳои ҳолатҳои фавқулода мебошад ва дар он истилоҳҳои “эпидемияҳо” ва “эпифитотияҳо” истифода шуда, шарҳ додани мафҳумҳои онҳо мувофиқи мақсад аст.

6. Меъёрҳои кодексҳои ҷиноятӣ, ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ва мурофиаҳои маданиву маъмурӣ вобаста ба ҷавобгарии ҷиноятӣ ва маъмурӣ кашидани шахсони вайронкунандаи тартиботи вазъи фавқулода, тартиб ва муҳлати баррасии онҳо, муҳлати дар ҳабс нигоҳ доштан дар раванди баррасии парванда ба Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи низоми ҳуқуқии вазъияти фавқулодда” мувофиқ карда шаванд. Чунончӣ, дар асоси моддаи 136 Кодекси мурофиавии ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ оид ба қонунгузорӣ дар бораи интихобот ва раъйпурсӣ дар муҳлати панҷ шабонарӯз аз лаҳзаи протоколи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ва дигар маводи парвандаро гирифтани судя баррасӣ карда мешаванд. Вале, чунин талабот дар ин модда вобаста ба қонуншиканӣ дар ҳолати вазъи фавқулода дида намешавад;

7. Офат, садама, фалокат ва монанд ба инҳо ҳодисаҳои табииву техногенӣ буда, ҳолат ё вазъияти ногуворро ба бор оварда, боис ба харобиву чораандешӣ мешаванд. Ҷиҳати соддаву фаҳмо намудани мазмуну моҳияти калимаҳои истифодашаванда дар қонунгузорӣ шарҳи мафҳумҳои “офат” ва “фалокати техногенӣ” мувофиқи мақсад аст.

8. Дар Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон кирдори толонгарӣ ҳангоми сар задани ҳолати фавқулода ҳамчун таркиби алоҳидаи ҷиноят эътироф гардида, ҳангоми таҳияи Кодекси ҷиноятӣ дар таҳрири нав ба инобат гирифта шавад.

9. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи бехатарии саноатии объектҳои истеҳсолии хатарнок” нишон дод, ки агарчанде ба он соли 2020 тағйиру иловаҳо ворид шуда бошанд ҳам, бо назардошти қабули Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни

Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи низоми иҷозатдиҳӣ” аз 22 июни соли 2023, №1968 меъёрҳои он бояд таҷдиди назар шаванд.

10. Ҷиҳати ба роҳ мондани танзими ҳуқуқии дастрасӣ ба кумакҳои башардӯстона таҳияи лоиҳаи қонуни дахлдор, ё Қоидаҳо оид ба расонидани кумаки башардӯстона зарур мебошад. Таҳлили муқоисавии ҳуқуқии қонунгузории як қатор давлатҳо, аз ҷумла Федератсияи Россия ва Ҷумҳурии Қазоқистон нишон дод, ки қабули ин гуна санадҳои меъёрии зерқонунӣ дар ҷумҳурӣ ҷиҳати бартараф намудани холигии танзимнамоии ҳуқуқӣ дар ин самт, мувофиқи мақсад аст.

Ҳамин тавр, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба вазъият ва ҳолатҳои фавқулода 1 Қонуни конститутсионӣ, 5 қонун ва 21 санади зерқонунӣ, дар маҷмӯъ 27 санади ҳуқуқӣ қабул шудаанд, ки дар асоси онҳо масоили пешгирии ҳолатҳои фавқулода танзими худро ёфтааст.

## 2.2. Санадҳои меъёрии ҳуқуқии зерқонунӣ оид ба таъмини ҳуқуқ, коҳиш ва вокуниш дар ҳолатҳои фавқулода

Масъалаи хатарҳое, ки ҳамарӯза инсон ба онҳо рӯ ба рӯ мешавад ҳанӯз соли 2005 дар маркази таваҷҷӯҳи Конфронси Умумиҷаҳонии СММ оид ба “Коҳиши хатари офатҳо”, ки дар шаҳри Кобеи Ҷопон баргузор гардид, қарор дошт. Дар ин Конфронс Барномаи қолабии амалиёти Хиого барои солҳои 2005-2015 қабул гардид, ки мақсади асосии он “ташкили иқтидори истодагарӣ ба офатҳо дар сатҳи давлатӣ ва ҷомеавӣ” буда, роҳҳои афзалиятноки амалиёт ва паст кардани таҳдиди хатари офатҳоро дар бар мегирифт.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои паст кардани таҳдиди хатари офатҳо, ки аз тавсияи Барномаи қолабии амалиёти Хиого бармеояд, тамоми қувваро равона карда, дар якҷоягӣ бо ташкилотҳои ғайридавлатӣ ва шарикони рушд корҳоро ҷиҳати сабук гардонидани оқибати офатҳо дар мамлакат амалӣ намуд. Дар ин раванд дар асоси санадҳои зерқонунӣ як қатор ҳуҷҷатҳои банақшагирии стратегӣ қабул гардид. Аз ҷумла, аввалин Стратегияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба идоракунии хатари офатҳои табиӣ барои солҳои 2010-2015 бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 марти соли 2010, №164 қабул ва амалӣ гардид.

Бо дар назар доштани Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, таҷрибаи амалисозии Стратегия барои солҳои 2010-2015 ва мутобиқи муносибати нави ҷомеаи ҷаҳонӣ вобаста ба масъалаҳои хавфи офатҳои табиӣ, аз ҷумла тағйирёбии иқлим, ки дар Барномаи қолабии Сендай ва Ҳадафҳои рушди устувор то соли 2030 баён шуданд, бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 декабри соли 2018, №602 Стратегияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба паст кардани хавфи офатҳои табиӣ барои солҳои 2019-2034[20] қабул шуд.

Ҳадафи Стратегия барои солҳои 2019-2034 паст кардани хавфи ҷойдошта ва пешгирии хавфи нави офатҳои табиӣ бар асоси таҳкими иқтидори миллӣ оид ба идоракунии хавфи офатҳои табиӣ мебошад. Барои амалисозии ҳадафи мазкур чор вазифаи асосӣ муқаррар карда шуд.

**Якум,** то соли 2030 кам кардани шумораи ҳалокшудагон, осебдидагон ва ҳаҷми зарар дар натиҷаи офатҳои табиӣ бавуҷудомада дар муқоиса бо давраи солҳои 2005-2015. Барои ҳалли вазифаи мазкур як қатор тадбирҳо амалӣ карда мешаванд, аз ҷумла:

- таҳлили пайвастаи омилҳо ва сабабҳои асосӣ, ки боиси талафоти ҷонӣ миёни аҳолӣ ва зарари иқтисодӣ дар натиҷаи офатҳои табиӣ мешаванд;

- гузаронидани арзёбии хавф бо таваҷҷуҳ на танҳо ба таҳдидҳо, балки ба муайян кардани осебпазирии аҳолӣ ба хавф, муайян кардани иқтидор бо дар назар доштани омилҳои гендерӣ ва синнусолӣ, захираҳои ҷойдошта барои идоракунӣ ва паст кардани

[20] Минбаъд Стратегияи миллии солҳои 2019-2034.

сатҳи осебпазирӣ, муайян кардани таҳдидҳо, омилҳои хавф, ноҳияҳо ва гурӯҳҳои аҳолии бештар осебпазир барои амалӣ намудани тадбирҳо оид ба паст кардани хавф;

- таъсиси махзани маълумот ва ворид намудани иттилооти ҷудошуда аз рӯи ҷинс, синну сол ва маъюбият дар арзёбии сатҳи осебпазирӣ дар шароити хатар/хавф;

- барои ҳар як намуди таҳдид таҳия намудани маҷмӯи дахлдори тадбирҳо бо мақсади омодагӣ ва эътино ба офатҳои табиӣ.

**Дуюм**, таъмини дастрасии ҳамаи ҷонибҳои манфиатдор ба иттилоот дар бораи хавфи офатҳои табиӣ. Вазифаи мазкур бо роҳҳои зерин иҷро карда мешавад:

- ташкил намудани махзанҳои маълумоти миллӣ ва маҳаллӣ оид ба мубодилаи иттилоот дар бораи офатҳои табиӣ, ки барои муттаҳид сохтани маълумот дар бораи офатҳои табиии солҳои гузашта, натиҷаҳои арзёбии хавф, маълумоти низомҳои огоҳсозӣ, маълумот дар бораи таъсири офатҳои табиӣ, амалиёт оид ба расонидани кумак ва барқарорсозӣ дар манбаи ягонаи ба шахсони мансабдори мақомоти давлатии дахлдор, аҳолии таҳти хавф ва осебдида ва ҳамаи дигар ҷонибҳои манфиатдор;

- гузаронидани арзёбии ҳолати техникии бино ва иншоотҳои муассисаҳои таълимӣ ҷиҳати устуворӣ ба офатҳои табиӣ;

- дар амал ҷорӣ намудан ва истифодаи фаъолонаи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ ва дигар роҳҳои ҳалли инноватсионӣ.

**Сеюм**, ҳамоҳангсозии тадбирҳо оид ба идоракунии хавфи офатҳои табиӣ дар раванди рушд. Вазифаи мазкур тавассути тадбирҳои зерин ҳал карда мешавад:

- афзоиши маблағгузорӣ, ки барои мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ҷиҳати иҷрои тадбирҳо оид ба паст кардани хавфи дорои дараҷаи хурд ва миёна ва чорабиниҳои пешгирикунанда бо риояи тавозуни миёни тадбирҳои дорои хусусияти сохторӣ ва ғайрисохторӣ ва бо дар назар доштани натиҷаҳои таҳлили самаранокии хароҷот ҷудо карда мешавад;

- фаъолсозии муколамаи сохторҳои давлатӣ бо бахши хусусӣ, ҷомеаи шаҳрвандӣ, ҷамоати маҳаллӣ ҷиҳати иштирок дар идоракунии хавфи офатҳои табиӣ, аз ҷумла таҳкими роҳбарии занон, шахсони дорои имкониятҳои маҳдуд ва ҷавонон барои таҳияи нақшаҳо оид ба барқарорсозӣ ва рушд пас аз офати табиӣ бо дар назар доштани манфиатҳо ва эҳтиёҷоти гурӯҳҳои мухталифи иҷтимоӣ;

- таҳкими нақши Платформаи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба паст кардани хавфи офатҳои табиӣ дар соҳаи ҳамоҳангсозии тадбирҳо дар бораи паст кардани хавф, ки аз тарафи сохторҳои давлатӣ якҷо бо ҷомеаи байналмилалӣ, аз ҷумла бо гурӯҳи баҳодиҳии зудамал ва ҳамоҳангсозӣ дар ҳолатҳои фавқулода анҷом меёбад. Беҳтар намудани механизмҳои ҷудо намудани маблағ барои паст кардани хавф ва ташкили расмиёти мониторинги беҳбудӣ дар соҳаи идоракунии хавф;

- таҳия, намоишдиҳӣ ва ҷорӣ намудани қарорҳои инноватсионии низомҳои ҳифзи табиат, аз ҷумла равишҳои экосистемавии идоракунӣ дар минтақаҳои деҳот, махсусан минтақаҳои кӯҳистон;

- гузаронидани арзёбии ҳолати физикии инфрасохтор, аз ҷумла биноҳо, иншооти муассисаҳои таълимӣ, тиббӣ ва муассисаҳои дигари иҷтимоӣ барои устувор будан ба офатҳои табиӣ ва дастрасӣ барои гурӯҳҳои бештар осебпазири аҳолӣ ба хавф;

- таҳкими иқтидор ва нақши воситаҳои ахбори омма дар ҳамаи марҳилаҳои идоракунии хавфи офатҳои табиӣ, аз ҷумла васеъ намудани фаъолияти ҳассос ба масъалаҳои гендерӣ оид ба баланд бардоштани сатҳи огоҳӣ ва дарки аҳолӣ дар бораи хавфи офатҳои табиӣ, аҳамияти иштироки аҳолӣ ҳангоми эҷоди низомҳои огоҳсозии қаблӣ, эътино, барқарорсозӣ ва рушд.

**Чорум**, такмили механизмҳои омодагӣ ва эътино ба офатҳои табиӣ. Вазифаи мазкур бо роҳҳои зерин амалӣ карда мешавад:

- навсозии низоми мавҷудаи омодагӣ ва эътино дар ҳамаи сатҳҳо, ки ба таҳдиди офатҳои табиӣ дучор шудаанд, бар асоси соҳаҳои дақиқ муайяншудаи масъулият ва идоракунӣ, инчунин, такмили расмиёти банақшагирӣ ва ҳамоҳангсозии тадбирҳо оид ба

расонидани кумак ва баркарорсозӣ барои баланд бардоштани шаффофияти роҳҳои ҳал бо дар назар доштани пешбурди баробарии гендерӣ ва рушди бахшҳои дигар;

- эҷоди низоми маҷмӯии огоҳсозӣ барои шахсони мансабдори давлатӣ, аҳолии осебпазир ба хавф ва дигар ҷонибҳои манфиатдор бо истифода аз технологияҳои муносиб ҳамроҳ бо раванди омӯзиши гирандагони маълумоти огоҳсозӣ;

- омода намудани нақшаҳо ва таҳияи тадбирҳо оид ба таъмини омодагӣ ба офатҳои табиӣ дар сатҳҳои маҳаллӣ ва минтақавӣ бо иштироки ҳамаи ҷонибҳои манфиатдор ва бо дар назар доштани эҳтиёҷоти махсуси занон ва кӯдакон, шахсони куҳансол, маъюбон ва гурӯҳҳои дигари аҳолии ба хавф дучоршуда;

- навсозии расмиёти арзёбии зарар мутобиқи меъёрҳои байналмилалӣ;

- густариши имкониятҳои корҳои ҷустуҷӯию наҷотдиҳӣ тавассути беҳтаргардонии ҳамкории раёсати хадамоти таъиноти махсусгардонидашудаи кофтуковӣ - наҷотдиҳӣ бо ташкилотҳои монанд ва баланд бардоштани иқтидори онҳо.

Дар Стратегияи миллии солҳои 2019-2034 ба масъалаҳои тағйирёбии иқлим ва обу ҳаво таваҷҷуҳи махсус зоҳир гардида, барои ба роҳ мондани фаъолияти бомуваффақият дар самти коҳиш ва вокуниш дар ҳолатҳои фавқулода якчанд пешниҳодҳо пешбинӣ гардидааст, аз ҷумла:

- такомули низоми огоҳсозии қаблӣ ва усулҳои мавҷудаи идоракунии хавф (мисол, нисбат ба селу хушксолиҳо);

- таҳия намудани роҳҳои нави паст кардани сатҳи оқибатҳо ва мутобиқшавӣ ба онҳо, ба хусус дар робита бо давраҳои обу ҳавои ба таври ғайримуқаррарӣ гарм ва хушксолиҳо;

- бо дар назар доштани таъсири гуногуни тағйироти иқлим ба минтақаҳои мухталифи кишвар, анҷом додани пешгӯӣ аз нуқтаи назари минтақаҳои мазкур;

- барои ҳалли ин масъалаҳо таҳияи платформаи умумӣ ҷиҳати огоҳсозиҳо дар кишвар ва ҷалби муассисаҳои гуногун ба кори он, инчунин, ҳалли масъалаи маблағгузории устувори фаъолияти чунин платформа;

- такмили низоми огоҳсозӣ дар асоси истифодаи технологияҳои иттилоотии коммуникатсионӣ ва масъалаҳои мутобиқшавӣ ба тағйироти иқлим ва дигар ҷанбаҳои ҳаётан муҳим;

- мусоидат ба таҳсилоти ғайрирасмӣ оид ба масъалаҳои паст кардани хавфи офатҳои табиӣ ва тағйироти иқлим бо мақсади таъмини бехатарии маҷмӯии мактабҳо.

Дар асоси афзалиятҳо ва ҳадафҳои мақсадноки Стратегияи миллии солҳои 2019-2034 Барномаи миёнамуҳлати давлатӣ оид ба ҳифзи аҳолӣ ва ҳудуд аз ҳолатҳои фавқулода барои солҳои 2023-2028[21] қабул шуд. Дар робита ба Барнома Нақшаи амал барои солҳои 2023-2025 таҳия карда шуд.

Банди 10 Барнома пешбинӣ намуд, ки дар шароити тағйирёбии ҷаҳонии иқлим ва пайдоиши таҳдидҳои нави зуҳуркунанда зарур аст, ки равишҳои нави ба тағйир додани таваҷҷуҳ ва аз идоракунии офатҳои табиӣ ба идоракунии хавфи офатҳои табиӣ гузаронидани он, бахусус дар сатҳи маҳаллӣ равонашуда, бо сиёсати давлатӣ ҳамоҳанг карда шаванд.

Дар назар аст, ки тайи ду сол, солҳои 2023-2025 асосҳои ташкилию ҳуқуқии низоми идоракунии хавфи офатҳои табиӣ такмил дода шуда, масъалаҳои ворид намудани тағйирот ва иловаҳо ба қонунгузорӣ, Низомномаи Платформаи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба паст кардани хавфи офатҳои табиӣ ва санадҳои дигари зерқонунӣ оид ба фаъолияти мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии сатҳҳои миллӣ ва маҳаллӣ, вобаста ба низоми идоракунии хавфи офатҳои табиӣ баррасӣ гардад. Зеро, дар қонунгузорӣ тағйироти зиёд ба вуҷуд омаданд, ки албатта мувофиқати санади меъёрии ҳуқуқии зерқонунии мазкурро бо дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ тақозо менамоянд.

Ҳаҷми умумии маблағҳои амалигардонии Барнома пешбинишаванда 19 миллион сомонӣ, аз ҷумла 2 миллиону 125 ҳазор сомонӣ аз ҳисоби маблағҳои буҷети давлатӣ, 16

[21] Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 декабри соли 2022, №630. Маҳзани муттамаркази иттилооти ҳуқуқии "АДЛИЯ" 7.0. Санаи муроҷиат 20.03.2024.

миллиону 875 ҳазор сомонӣ аз ҳисоби ҷалби маблағҳои шарикони рушд ва маблағҳои созмонҳои байналмилалиро ташкил медиҳад. Қонунгузор муқаррар намуд, ки маблағгузории барнома, инчунин, аз ҳисоби манбаъҳое амалӣ шуда метавонад, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон манъ накардааст.

Дигар барномаи давлатӣ, ки дар робита ба ҳолатҳои фавқулода қабул шуд, Барномаи омодагии садамавӣ ва муҳофизати радиатсионӣ барои солҳои 2013-2017[22] буд. Таҳлили қонунгузории ҷорӣ дар соҳаи ҳолатҳои фавқулода, ки тибқи барномаи мазкур дар доираи "Лоиҳа оид ба таҳкими имкониятҳои эътино ба офатҳои табиӣ" аз ҷониби Ташкилоти Байнамилалии Меҳнат бо дастгирии Ҳукумати Ҷопон анҷом дода шуд, нишон дод, ки масъалаи эътинонамоии фаврӣ ба ҳолатҳои садамавии радиатсионӣ, нуқтаҳои алоқа (огоҳонӣ), ки огоҳонӣ ва эътиноро ба ҳолатҳои садамавии радиатсионӣ амалӣ менамоянд, ба пуррагӣ бо санадҳои меъёрии ҳуқуқии дахлдор муайян нашудааст.

Масъалаи мубрам, ки дар таъмини ҳуқуқ, коҳиш ва вокуниш ба ҳолатҳои фавқулода аҳамияти амалӣ дорад, имконияти ҷуброни зиёне аст, ки ба молу мулки шаҳрвандон дар натиҷаи ҳолатҳои фавқулода мерасад. Қонунгузор бо ҳамин мақсад якчанд Тартиб-санади меъёрии зерқонунӣ қабул намудааст, ки ба таври махсус ба танзими ҳуқуқӣ дар ин самт равона шудаанд. Аз ҷумла:

- Тартиби умумии муайян намудани ҳаҷми зарари ба амвол расида ва пешниҳоди ҳуҷҷатҳои зарурӣ ҳангоми рух додани ҳолатҳои фавқулода;[23]

- Тартиби пардохти ҷуброни зарар ба шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ дар натиҷаи мусодира ва нобуд кардани ҳайвонот ва маҳсулоти аз ҳайвонот истеҳсолшудаи барои саломатии ҳайвонот ва инсон хатарнок;[24]

- Тартиби муайян намудани андозаи таъмини молиявии масъулияти шаҳрвандӣ барои зарари дар натиҷаи садамаи иншоотҳои гидротехникӣ расонидашуда[25].

Тартибҳои номбурда ҳамчун санадҳои меъёрии ҳуқуқии зерқонунӣ солҳои 2010, 2012 ва 2015 қабул гардида, то имрӯз ба таври назаррас таҷдид нашудаанд. Масъалае, ки дар робита ба тартибҳои номбаршуда ба вуҷуд меояд, мутобиқати меъёрҳои он ба талаботи Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон, бартараф намудани холигиҳо дар танзими ҳуқуқӣ, мушаххас намудани ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои мақомоти ваколатдор дар робита ба муайян намудани ҳаҷми зарари расонидашуда, шаклҳои соддакардашудаи пардохти зарар, истифодаи техникаву технологияҳои иттилоотии муосир ва монанди инҳо мебошад.

Қонунгузории мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин, ҷавобгарии молумулкии шахсони воқеӣ ва ҷавобгарии шахсони ҳуқуқиро барои расондани зарар тавассути фаъолияте, ки барои атрофиён хатари зиёдро ба миён меоварад (моддаи 1204 Кодекси маданӣ) муқаррар намудааст.

Қонунгузор пешбинӣ менамояд, ки шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, ки фаъолияти онҳо бо хатари зиёд барои атрофиён алоқаманд мебошад (ташкилотҳои нақлиётӣ, корхонаҳои саноатӣ, сохтмон, соҳибони воситаҳои нақлиёт ва ғайра), агар исбот карда натавонанд, ки зарар дар натиҷаи неруи рафънопазир ё қасди ҷабрдида рух додааст, ӯҳдадоранд зарари тавассути манбаи хатари зиёд расондашударо ҷуброн намоянд. Ӯҳдадории ҷуброни зарар ба шахсони воқеӣ ё ҳуқуқӣ вогузошта мешавад, ки манбаи мазкурро дар асоси ҳуқуқи моликият, ҳуқуқи пешбурди хоҷагӣ ё ҳуқуқи идораи оперативӣ ё тибқи ҳама гуна асосҳои қонунӣ (шартномаи иҷораи молу мулк, ваколатномаи ҳуқуқи идоракунии воситаи нақлиёт, амри мақомоти ваколатдор оид ба додани манбаъ ва ғайра) соҳибӣ менамоянд (қисми 2 моддаи 1204 Кодекси маданӣ).

---

[22] Бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 декабри соли 2012, №770 тасдиқ шудааст. Маҳзани муттамаркази иттилооти ҳуқуқии "АДЛИЯ" 7.0. Санаи муроҷиат 20.03.2024.
[23] Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 декабри соли 2010, № 632. Маҳзани муттамаркази иттилооти ҳуқуқии "АДЛИЯ" 7.0. Санаи муроҷиат 20.03.2024.
[24] Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 апрели соли 2012, №156. Маҳзани муттамаркази иттилооти ҳуқуқии "АДЛИЯ" 7.0. Санаи муроҷиат 20.03.2024.
[25] Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 июли соли 2015, № 436. Маҳзани муттамаркази иттилооти ҳуқуқии "АДЛИЯ" 7.0. Санаи муроҷиат 20.03.2024.

Дар робита ба масъала дар қонунгузорӣ ҷуброни зарари дар натиҷаи садамаи иншоотҳои гидротехникӣ расонидашуда ва тартиби муайян намудани андозаи таъмини молиявии он муқаррар шудааст.

Тартиби муайян намудани андозаи таъмини молиявии масъулияти шаҳрвандӣ барои зарари дар натиҷаи садамаи иншоотҳои гидротехникӣ расонидашуда дар умум андозаи таъмини масъулияти молиявиро бо дарназардошти баҳододашудаи зарари ҳадди аксар, ки мумкин аст ба ҳаёт ва саломатии шахсони воқеӣ, молу мулки шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ дар натиҷаи садамаи иншооти гидротехникӣ (зарари имконпазир) расонида шавад, муайян менамояд.

Мақоми ваколатдори давлатӣ ҳангоми ба вуқӯъ омадани ҳолатҳои номбурда дар муҳлати 3 моҳ аз рӯзи ворид гардидани ҳуҷҷатҳои зарурӣ, ҳисоби зарари имконпазир андозаи таъмини масъулияти молиявиро ба муҳлати на зиёда аз 5 сол муайян мекунад ё оид ба рад намудани муайян кардани ин андоза ба молики иншооти гидротехникӣ мактуби асоснок мефиристад. Таҳлили Тартиби муайян намудани андозаи таъмини молиявии масъулияти шаҳрвандӣ барои зарари дар натиҷаи садамаи иншоотҳои гидротехникӣ расонидашуда низ нишон медиҳад, ки муқаррароти он, аз ҷумла дар робита ба тағйири мафҳумҳо, тартиби пардохт бояд таҷдиди назар ва ба талаботи Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ карда шавад.

Нақши санадҳои зерқонунӣ дар таъмини ҳуқуқҳои шаҳрвандон, ки ба ҳолатҳои фавқулода дучор мешаванд, бахусус кумакҳои якдафъаина басо назаррас аст, зеро онҳо дар амал татбиқ гардидани меъёрҳои конститутсионӣ ва дигар қонунҳои ҷориро таъмин менамоянд. Масалан, мутобиқи моддаи 13 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон", бо мақсади рафъи саривақтии оқибатҳои офатҳои табиӣ дар шаҳри Хоруғи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон қарор қабул карда шуд[26] ва тибқи банди якуми он Корхонаи воҳиди давлатии "Тоҷиксуғурта" вазифадор гардид, ки ба аҳолии ин шаҳр, ки аз офати табиии 15 феврали соли 2023 зарар дидаанд, сарфи назар аз мавҷудияти шартномаи суғуртавӣ ба ҳар як оилаи пурра зарардида 2000 (ду ҳазор) сомонӣ ва ба ҳар як оилаи қисман зарардида 1000 (як ҳазор) сомонӣ пардохт намояд.

Инчунин, бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон "Тартиби ташкил намудани паноҳгоҳҳо ва дигар иншоотҳои мудофиаи гражданӣ" аз 31 майи 2012, №262 қабул гардидааст, ки дар таъмини ҳуқуқҳои шаҳрвандон ҳангоми ба вуқӯъ омадани ҳолатҳои фавқулода нақши муассир дорад. Тартиби мазкур асосан қоидаҳои дар замони осоишта, дар давраи сафарбарӣ ва замони ҷанг дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил намудани паноҳгоҳҳо ва дигар иншоотҳои мудофиаи граждаиро муайян менамояд.

Бо мақсади таъмини мудофиаи гражданӣ дар ҳудуди ҷумҳурӣ паноҳгоҳҳои зиддирадиатсионӣ, анборҳои махсусгардонидашуда барои нигоҳдории воситаҳои ҳифзи инфиродӣ, асбобҳои иктишофи радиатсионӣ ва кимиёвӣ, назорати дозиметрӣ ва дигар воситаҳои мудофиаи гражданӣ, нуқтаҳои санитарию шустушӯӣ, истгоҳҳои (стансияҳои) безараргардонии сару либос ва нақлиёт ва дигар иншоотҳои мудофиаи гражданӣ барои таъмини ҳифзи тиббӣ ва таъминоти аввалиндараҷаи ҳаётии аҳолӣ, коркарди санитарии одамон ва ҳайвонот, коркарди махсуси сару либос ва воситаҳои нақлиёт ташкил карда мешаванд. Айни замон зарур аст, ки дар Тартиби номбурда масъалаи пешбурди Феҳристи иншооте, ки ба сифати паноҳгоҳҳо ва дигар иншоотҳои мудофиаи гражданӣ истифода бурда мешаванд, омода шавад, то ки масъалаи таъминоти ҳуқуқ ва вокуниш ба ҳолатҳои фавқулода пешакӣ ҳаллу фасл гардад.

Дигар масъала, ки дар таъминоти ҳуқуқ ва вокуниш ба ҳолатҳои фавқулода мубрам мебошад, таъминоти моддии қисмҳо ва сохторҳои ҳарбикунонидашудаи наҷотдиҳӣ аст. Дар ҳайати КҲФМГ баробари қисмҳои ҳарбӣ (ҳамагӣ 8 қисми ҳарбӣ-45005, 45010, 45025, 45045, 45075, 45085, 45095, 45989), инчунин, қисмҳои ҳарбикунонидашудаи махсус амал менамоянд. Ҳамчунин, дар низоми КҲФМГ Хадамоти ҳарбикунонидашудаи наҷотдиҳӣ-

[26] Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 апрели соли 2023, №176. Маҳзани муттамаркази иттилооти ҳуқуқии "АДЛИЯ" 7.0. Санаи муроҷиат 20.03.2024.

кӯҳии ҷумҳуриявӣ дар шаҳрҳои Хуҷанд, Норак ва Роғун таъсис ёфтааст, ки тартиби таъминоти моддии онҳоро қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи тасдиқ намудани Тартиби таъминоти моддии қисмҳо ва сохторҳои ҳарбикунонидашудаи наҷотдиҳии кӯҳии Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон” аз 2 ноябри соли 2011, № 555 танзим менамояд.

Дар Тартиб асоси ҳуқуқии шартномавии фаъолияти қисмҳо ва сохторҳои ҳарбикунонидашудаи наҷотдиҳии кӯҳии КҲФМГ, таъминоти моддӣ, таъминоти пулии ҳайати шахсӣ, пардохти иловапулиҳо барои иҷрои корҳои садамавию наҷотдиҳӣ ва техникӣ, таъсиси Фонди ягонаи ҳавасмандгардонӣ, Фонди таъминоти давлатии (Фонди захиравии) қисмҳо ва сохторҳои ҳарбикунонидашудаи наҷотдиҳии кӯҳӣ, таъминоти нафақавии ҳайати ҳарбикунонидашудаи қисмҳо ва сохторҳои ҳарбикунонидашудаи наҷотдиҳии кӯҳӣ, таъминоти шайъии ҳайати шахсии қисмҳо ва сохторҳои ҳарбикунонидашудаи наҷотдиҳии кӯҳӣ ва таъминоти техникии қисмҳо ва сохторҳои ҳарбикунонидашудаи наҷотдиҳии кӯҳиро муайян менамояд.

Натиҷаи таҳлил нишон дод, ки зарурати васеъ намудани низоми КҲФМГ, бахусус Хадамоти ҳарбикунонидашудаи наҷотдиҳӣ-кӯҳии ҷумҳуриявӣ дар шаҳрҳои дигар, аз ҷумла шаҳри Хоруғи Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон ба вуҷуд омадааст. Ҳамзамон, то имрӯз ба Тартиби номбурда ягон маротиба тағйиру иловаҳо ворид нагардида, пешниҳод карда мешавад, ки муқаррароти он ба талаботи Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ мувофиқ карда шавад.

**Пешниҳод аст, ки чорабиниҳои зерин оид ба такмили санадҳои зерқонунӣ вобаста ба банди 2.2. қисми II таҳлил анҷом дода шаванд:**

1. Ҳуҷҷатҳои “Тартиби умумии муайян намудани ҳаҷми зарари ба амвол расида ва пешниҳоди ҳуҷҷатҳои зарурӣ ҳангоми рух додани ҳолатҳои фавқулода” ва “Тартиби пардохти ҷуброни зарар ба шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ дар натиҷаи мусодира ва нобуд кардани ҳайвонот ва маҳсулоти аз ҳайвонот истеҳсолшудаи барои саломатии ҳайвонот ва инсон хатарнок” мувофиқан солҳои 2010 ва 2012 қабул гардидаанд. Мувофиқи мақсад аст, ки мутобиқати меъёрҳои тартибҳои мазкур ба талаботи Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон, бартараф намудани холигиҳо дар танзими ҳуқуқӣ, мушаххас намудани ҳуқуқ ва уҳдадориҳои мақомоти ваколатдор вобаста ба муайян намудани ҳаҷми зарари расонидашуда, шаклҳои соддакардашудаи пардохти зарар, истифодаи техникаву технологияҳои иттилоотии муосир ва монанди инҳо таъмин карда шаванд.

2. Ба ҳисоби миёна муҳлати ҷуброни зарари ба молу мулк расида, инчунин, пешниҳоди ҳуҷҷатҳои зарурӣ ҳангоми рух додани ҳолатҳои фавқулода то 50 рӯзро дар бар мегирад, ки бознигарии он зарур аст. Бахусус, рух додани ҳолати фавқулода дар фасли сармо барои аҳолии зарардида сарборӣ ва оқибатҳои фалокатборро ба вуҷуд меорад. Пешниҳод аст, ки шакли соддакардашудаи баррасии дархостҳо аз ҷониби Комиссияи ҳолатҳои фавқулода ва ҳамоҳангсозии он дар “Тартиби умумии муайян намудани ҳаҷми зарари ба амвол расида ва пешниҳоди ҳуҷҷатҳои зарурӣ ҳангоми рух додани ҳолатҳои фавқулода” муқаррар карда шавад.

3. Дар Тартиби ташкил намудани паноҳгоҳҳо ва дигар иншоотҳои мудофиаи граждании масъалаи пешбурди Феҳристи иншооте, ки ба сифати паноҳгоҳҳо ва дигар иншоотҳои мудофиаи гражданӣ истифода бурда мешаванд, пешбинӣ гардад, то ин ки масъалаи таъминоти ҳуқуқ ва вокуниш ба ҳолатҳои фавқулода ҳаллу фасли худро ёбад.

4. Ба Тартиби таъминоти моддии қисмҳо ва сохторҳои ҳарбикунонидашудаи наҷотдиҳии кӯҳии Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон то имрӯз тағйиру иловаҳо ворид нагардидааст. Пешниҳод мегардад, ки муқаррароти он ба талаботи Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ мувофиқ карда шавад.

5. Таҳлили Тартиби муайян намудани андозаи таъмини молиявии масъулияти шаҳрвандӣ барои зарари дар натиҷаи садамаи иншоотҳои гидротехникӣ расонидашуда низ нишон медиҳад, ки муқаррароти он, аз ҷумла мафҳумҳо ва тартиби пардохт бояд таҷдиди назар ва ба талаботи Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ шавад.

6. Яке аз мушкилот оид ба коҳиши хавфи офатҳои табиӣ баҳисобгирии заифи омили гендерӣ ва нодида гирифтани он мебошад, ки офатҳои табиӣ ба мардон ва занон таъсири гуногун мерасонанд ва ҳамин тавр занон ва мардон дорои талабот ва осебпазирии алоҳидаи махсус мебошанд. Дар баробари ин, занон на танҳо гурӯҳи осебпазир ҳастанд, балки ҳамчунин захираи арзишманд оид ба паст кардани хавфи офатҳои табиӣ муҳсуб меёбанд. Бинобар ин, муносибати гендерӣ бояд дар ҳамаи марҳилаҳои коҳиши хавфи офатҳои табиӣ бо дар назар доштани ду самти ҳатмӣ дар амал ҷорӣ карда шавад:

1) ба ҳисоб гирифтани эҳтиёҷоту талаботи мардон ва занон ё дигар гурӯҳҳои иҷтимоии бештар осебпазир ба хавф, аз ҷумла шахсони маъюб, пиронсолон ва ғайра дар робита бо намудҳои мухталифи осебпазирӣ ва имкониятҳои воқеӣ;

2) ҷалби занон ва дигар гурӯҳҳои иҷтимоӣ ба раванди иштирок ва қабули қарорҳо аз рӯи ҳамаи самтҳои асосӣ[27].

Дар робита ба ин, пешниҳод мегардад, ки зимни такмили қонунгузорӣ ба масъалаҳои зерин таваҷҷуҳ зоҳир карда шавад:

- ворид кардани меъёрҳои мушаххас дар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ки ҳимояи занон ва гурӯҳҳои осебпазир, аз ҷумла шахсони маъюб, пиронсолон ва дигаронро дар ҳолатҳои фавқулода таъмин мекунанд;
- бо дарназардошти омилҳои гендерӣ муайян кардани механизми расонидани кӯмак ҳангоми сар задани ҳолатҳои фавқулода;
- таҳияи барномаҳо ва нақшаҳои амал дар робита ба ҳифзи ҳуқуқҳои занон ва гурӯҳҳои дигари осебпазир, ки ҳангоми сар задани ҳолатҳои фавқулода бештар ба кумак эҳтиёҷ доранд;
- ташкили нуқтаҳои ҳифзи иҷтимоӣ дар минтақаҳои осебпазир барои кумаки фаврӣ;
- омӯзиши таҷрибаи байналмилалӣ ва ҷорӣ намудани стандартҳои ҷаҳонӣ дар робита ба ҳифзи ҳуқуқҳои гендерӣ.

7. Дар баробари тадбирҳое, ки дар Стратегияи миллии солҳои 2019-2034 дар робита ба масъалаҳои тағйирёбии иқлим пешбинӣ шудааст, ҳамзамон мувофиқи мақсад аст:

- дар қонунгузорӣ танзим намудани масъалаҳои ҷалби муассисаҳои илмӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ, инчунин зеҳни сунъӣ дар таҳия ва татбиқи сиёсати мутобиқшавӣ;
- таҳия ва татбиқи барномаҳои дастгирӣ барои аҳолии осебпазир, бахусус дар минтақаҳое, ки ба хавфи тағйирёбии иқлим бештар дучор мешаванд;
- рушди иқтисоди сабз ва барномаҳои сарфаи энергия барои коҳиш додани таъсири инсон ба иқлим;
- ҷорӣ намудани барномаҳои таълимӣ барои баланд бардоштани сатҳи маълумотнокии аҳолӣ дар бораи оқибатҳои тағйирёбии иқлим.

---

[27] Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 декабри соли 2018, №602 // Маҳзани муттамаркази иттилооти ҳуқуқии “АДЛИЯ” 7.0. Санаи муроҷиат 20.03.2024.

## III. ТАРТИБИ ОМОДАГӢ БА ОФАТҲО ВА ВОКУНИШ БА ҲОЛАТҲОИ ФАВҚУЛОДА

### 3.1. Муқаррароти умумӣ оид ба омодагӣ ба офатҳо ва вокуниш ба ҳолатҳои фавқулода

То давраи ба даст овардани истиқлол Тоҷикистон таърихи хоси ташаккули низоми рафъ ва омодагӣ ба офатҳо, вокуниш ба ҳолатҳои фавқулодаро гузашта, нақши ҳар як фард, аҳолӣ ва мақоми идоракунии давлатӣ дар ин самт то андозае мушаххас, маҳакҳои дигар оид ба вокуниш ба ҳолатҳои фавқулода муайян карда мешуд. Аз манбаъҳои илмии таърихӣ бармеояд, ки дар ҳудуди ҷумҳурӣ барои пешгирии хатарҳои офатҳои табиӣ, кандани заҳбуру ҷуйбор, таъмир, сохтмони иншооти обёрӣ, иҷтимоӣ, инчунин, корҳои ҷамъиятӣ бо мақсади пешгирӣ аз офатҳои табиӣ аҳолӣ ба сафарбарии маҷбурӣ ҷалб гардида, ба таври дастҷамъона дар шакли "ҳашар" амал мекард.[28] Вокуниш ба ҳолатҳои фавқулода бошад, дар шакли сода, танҳо пас аз рушди иҷтимоию иқтисодӣ, соҳаҳои илму фанноварӣ, дастрасӣ ба технологияҳои нави алоқа ба таври касбӣ амалӣ мегардид.

Таъсиси мақомоти давлатии идоракунӣ дар робита ба ҳолатҳои фавқулода бошад, дар ҷумҳуриҳои пасошуравӣ, аз ҷумла Тоҷикистон ба солҳои 1932-1960 ва замони пошхӯрии ИҶШС охири солҳои 1960-1989 рост омад. Аввалин сохтори идоракунӣ, ки ба ҳолатҳои фавқулода сару кор дошт ҳамчун мудофиаи зидди қувваҳои ҳавопаймоии маҳаллӣ ташкил, сипас ба мудофиаи гражданӣ дар солҳои 1960 табдил дода шуд. Тибқи маълумоти кушодаи дастрас соли 1956 дар Тоҷикистон ҳамагӣ ду нафар оид ба мудофиаи гражданӣ фаъолият намуда, соли 1967 аввалин сардори Ситоди мудофиаи граждании ҶШС Тоҷикистон ба фаъолият шурӯъ кард. Мувофиқи қарори Шӯрои Вазирони Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 17 августи соли 1994, №400 дар заминаи Ситоди мудофиаи гражданӣ - Кумита оид ба ҳолатҳои фавқулодда ва корҳои мудофиаи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода шуд. Яке аз сабабҳои таъсиси мақомоти идоракунии ҳолатҳои фавқулода дар давлатҳои пасошӯравӣ заминларзаи шадид дар Арманистони шӯравӣ соли 1989 дониста мешавад, ки боиси талафоти зиёди аҳолӣ ва хисороти моддӣ гардид.

Агар аз як тараф маҳз ба вуқӯъ омадани ҳолатҳои фавқулода, талафоти ҷонӣ ва зарурати омодагӣ барои истодагарӣ зидди ин ҳодисаҳо боиси пайдо шудани мақомоти ваколатдор гардида бошад, аз ҷониби дигар ба вуҷуд овардани зарурати ислоҳот ва низоми устувор дар ин самтро тақозо менамуд. Дар марҳилаи аввали соҳибистиқлолӣ мафҳумҳои "ҳолатҳои фавқулода", "пешгирии ҳолатҳои фавқулода", "рафъи ҳолатҳои фавқулода", "минтақаи ҳолатҳои фавқулода", "наҷотдиҳандагон" ва монанди он ба қонунгузории миллӣ ворид гардиданд.

Яке аз мафҳумҳои асосӣ, ки ба қонунгузории миллӣ ворид шуд, мафҳуми "ҳифзи аҳолӣ ва ҳудуд аз ҳолатҳои фавқулода" аст, ки ҳамчун низоми чорабиниҳо, тарзу воситаҳо, маҷмӯи фаъолиятҳо ҷиҳати пешгирӣ ва рафъи ҳолатҳои фавқулода, фаҳмида мешавад. Дар баробари мафҳумҳои номбаршуда, мафҳуми "омода намудани аҳолӣ ба ҳифз аз ҳолатҳои фавқулода" дар қонунгузории миллӣ мушаххас нагардид. Дар фарқ аз Тоҷикистон мафҳумҳои "омода намудани аҳолӣ ба ҳифз аз ҳолатҳои фавқулода" ба таври маҳдуд дар қонунгузории як қатор кишварҳои ИДМ, аз ҷумла дар моддаи 1 Қонуни Федералии Россия аз 21 декабри соли 1994, №68-ФЗ (дар таҳрири 14.04.2023 с.) "Дар бораи ҳифзи аҳолӣ ва ҳудуд аз ҳолатҳои фавқулодаи дорои хусусияти табиӣ ва техногенӣ" муқаррар карда шуд. Ҳамин тавр, омода намудани аҳолӣ ба ҳифз аз ҳолатҳои фавқулода ҳамчун низоми

[28] Қушматов А. Деҳқонони тоҷик дар охири асрҳои XIX ва ибтидои асри XX, Душанбе "Ирфон", 1996. С.258.; Муртазоқулов Ҷ.С. Мушкилоти маданӣ-ҳуқуқии хоҷагии деҳқонӣ (аз рӯи маводҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон), Душанбе, 2002. – С.21. (Муртазокулов Ч.С. Гражданско-правовые проблемы дехканского хозяйства (по материалам Республики Таджикистан), Душанбе, 2002. С.21)

чорабиниҳои таълимӣ ба ҳаракатҳое, ки ҳангоми ба вуқӯъ омадани ҳолатҳои фавқулода хусусияти табиӣ ва техногенидошта амалӣ мегарданд, фаҳмида шуд.

**Комиссияи давлатии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳолатҳои фавқулода (минбаъд - Комиссия).** Дар ҷумҳурӣ ба масъалаи омодагӣ ба ҳолатҳои фавқулода диққати махсусан муҳим дода мешавад. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи моддаи 28 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон” комиссияҳои доимӣ, муваққатӣ ва гурӯҳҳои корӣ таъсис медиҳад, ки фаъолияти онҳо ба масъалаҳои муҳими ҳалталаби ҷамъиятӣ, аз ҷумла ҳолатҳои фавқулода, дахл менамоянд.

Комиссия - мақоми олии доимоамалкунанда аст, ки яке аз мақсадҳои он баланд бардоштани устувории фаъолияти иншооти иқтисодиёти мамлакат ва тайёрии тамоми зинаҳои мақомоти идораи ҷумҳуриявӣ барои амалиёти фаврӣ ва самаранок дар ҳолатҳои ба амал омадани вазъияти ғайриоддӣ, ки дар натиҷаи ҳолатҳои фавқулодаи дорои хусусияти табиӣ ва техногенӣ рух додаанд, мебошад. Комиссия мақоми олии иҷроия ва назоратии доимоамалкунанда аст, ки ба он Раиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон роҳбарӣ намуда, соле на камтар аз ду маротиба ҷаласа мегузаронад, дорои вазифа (26 вазифа дар маҷмӯъ), ҳуқуқ ва уҳдадориҳои мушаххаси ташкилӣ, ҳамоҳангсозӣ, идоракунӣ буда, ба ҳайати он вазорату идораҳо – 40 аъзо шомил мебошанд.

Бо мақсади омодагӣ ба ҳолатҳои фавқулода Комиссия корҳои зеринро анҷом медиҳад:

- омода намудани пешниҳодот ҷиҳати муқаррар намудани муносибатҳои шартномавӣ бо давлатҳои хориҷӣ оид ба масъалаҳои огоҳонии тарафайн, кумакрасонӣ дар бобати пешгирӣ ва рафъ намудани оқибатҳои ҳолатҳои фавқулодаи эҳтимолӣ;
- омода намудани пешниҳодот оид ба ташаккули низоми чораҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, ташкилӣ, илмию техникӣ, ҳуқуқӣ ва дигар чораҳо, ки ба ҳифзи аҳолӣ ва ҳудуд аз ҳолатҳои фавқулода равона гардидаанд;
- омода намудани пешниҳодот оид ба расонидани дастгирии моддию молиявӣ ба зарардидагони ҳолатҳои фавқулода;
- омода намудани пешниҳодот оид ба тақсимоти захираҳои молиявӣ ва моддию техникие, ки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои рафъ намудани ҳолатҳои фавқулода, анҷом додани тадбирҳои таъҷилию таъхирнопазири пешгирӣ ва рафъ намудани оқибати ҳолатҳои фавқулодаи ногаҳон бамиёномада ҷудо менамояд;
- ташкили захираҳои манбаъҳои молиявӣ-моддӣ ҷиҳати рафъи ҳолатҳои фавқулода ва монанди инҳо.

Таҳлил нишон дод, ки вазифаҳои Комиссия дар қонунгузорӣ мушаххас масъалаҳои ташкили корҳо ҳангоми ба вуқӯъ омадани ҳолатҳои фавқулода, мусоидатнамоӣ ба фаъолияти комиссияҳои зернизомҳои вазифавӣ ва ҳудудии Низоми ягонаи давлатии пешгирӣ ва рафъи ҳолатҳои фавқулода, ҳамоҳангсозӣ, омодагӣ, баррасии масъалаҳои марбут ба ҳолатҳои фавқулода, таъминоти иттилоотӣ-ҳуқуқиро дар бар мегирад. Низомномаи Комиссия, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 декабри соли 2015, №799 тасдиқ гардида, то имрӯз ба он тағйиру илова ворид нашудааст. Мувофиқи мақсад аст, ки бо дарназардошти тағйиру иловаҳои соли 2016 ба Конститутсия, қабули кодексҳои меҳнат, маданӣ дар таҳрири нав, қонунҳои соҳавӣ, инчунин, принсипҳои Барномаи Сендай, меъёрҳои Низомнома таҷдиди назар карда шаванд.

Яке аз масъалаҳои ҳалталаб дар робита ба фаъолияти Комиссия вобаста ба омодагӣ ва вокуниш ба ҳолатҳои фавқулода, таъмини бетаъхири иттилооти дастрас, механизмҳои амалигардонии ҳукумати электронӣ аст, ки тавассути сомонаи расмӣ амалӣ мегардад. Омӯзиш маълум намуд, ки як қатор Комиссияҳои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла Комисссияи ҳуқуқи инсон дорои сомонаи расмии худ www.khit.tj мебошад. Пешниҳод мегардад, ки чунин як сомонаи интернетӣ дар робита ба фаъолияти Комиссия фаъол гардонида шавад.

Омодагӣ ба ҳолатҳои фавқулода вобаста ба намудҳо, аз ҷумла оид ба сар задани офатҳои техногенӣ дар қонунҳои соҳавӣ воҳӯрдан мумкин аст. Мисол, яке аз иншооте, ки метавонад манбаи ба вуҷуд омадани офатҳои техногенӣ гарданд, иншооти гидротехникӣ мебошад. Мутобиқи моддаи 8 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи бехатарии иншоотҳои гидротехникӣ" талаботи умумӣ оид ба таъмини бехатарии иншоотҳои гидротехникӣ муқаррар карда шудааст, ки мувофиқи он системаҳои огоҳонии маҳаллӣ оид ба ҳолатҳои фавқулода дар иншоотҳои гидротехникӣ дар ҳолати омодагии доимӣ нигоҳ дошта шаванд. Инчунин, тибқи моддаи 9 ҳамин Қонун соҳибмулкони иншооти гидротехникӣ уҳдадоранд фаъолиятро бо мақомоти идоракунии мудофиаи граждании ва ҳолатҳои фавқулода оид ба масъалаҳои пешгирии саривақтии садамаҳои иншоотҳои гидротехникӣ ҳамоҳанг созанд, ба мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ оид ба назорат дар соҳаи бехатарии иншоотҳои гидротехникӣ, дигар мақомоти дахлдори давлатӣ, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ ва дар ҳолати таҳдиди бевоситаи рахнашавии иншоотҳо - ба аҳолӣ ва ташкилотҳои дар минтақае, ки зери об монданаш имконпазир аст фавран хабар расонанд. Омодагӣ ба офатҳои табиӣ ва техногенӣ, ки ба ҳолатҳои фавқулода мансубанд дар сатҳи қонунҳои алоҳидаи соҳавӣ ва санадҳои зерқонунӣ танзим карда мешавад. Аз ҷумла, як қатор меъёрҳои моддӣ оид ба омодагӣ дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ҳифзи аҳолӣ ва ҳудуд аз ҳолатҳои фавқулоддаи дорои хусусияти табиӣ ва техногенӣ" муқаррар карда шудааст.

Мутобиқи Қонуни мазкур дар умум 12 вазифа ва аз ин ҳисоб ду самти омодагӣ ба уҳдаи Низоми ягонаи давлатии пешгирӣ ва рафъи ҳолатҳои фавқулода вогузор карда шудааст:

1. Таъмини омодагии мақомоти идора, қувваю воситаҳое, ки барои пешгирӣ ва рафъи ҳолатҳои фавқулода таъин ва ҷудо карда шудаанд;
2. Омодасозии аҳолӣ барои фаъолият дар ҳолатҳои фавқулода.

Асосҳои ҳуқуқии омодагӣ, инчунин, тибқи боби 4 (моддаҳои 20 ва 21) Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ҳифзи аҳолӣ ва ҳудуд аз ҳолатҳои фавқулоддаи дорои хусусияти табиӣ ва техногенӣ" муқаррар шуда, омодасозии аҳолӣ дар соҳаи ҳифзи аҳолӣ аз ҳолатҳои фавқулода ва тартиби гирифтани донишҳоро дар ин соҳа муайян намудааст. Албатта, яке аз роҳҳои кам намудани хавфу хатарҳои марбут ба ҳолати фавқулода омодасозии аҳолӣ дар соҳаи ҳифз аз ҳолатҳои фавқулода аст, ки дар асоси Қоидаҳои омодасозии аҳолӣ дар соҳаи ҳифзи аҳолӣ аз ҳолатҳои фавқулодаи дорои хусусиятҳои табиӣ ва техногенӣ амалӣ карда мешавад.[29]

Омӯзиши Қоидаҳои номбурда нишон дод, ки вазифаҳои дар самти мазкур муайянгардида 5 гурӯҳи аҳолӣ (аҳолии дар соҳаи истеҳсолот машғулбуда, аҳолии дар соҳаи истеҳсолот машғулнабуда, таълимгирандагон, роҳбарони вазорату идораҳо, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ВМКБ, вилоятҳо, шаҳри Душанбе ва шаҳру ноҳияҳо, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, ташкилот ва кормандони ваколатдор) ба омодагӣ фаро гирифта мешаванд.

Чорабиниҳои омодагӣ дар алоқамандӣ ба гурӯҳҳои мазкур тафовут дошта, ба тариқи ҳатмӣ ва ғайриҳатмӣ амалӣ мешавад. Мисол, барои таълимгирандагон - гузаронидани машғулиятҳо ҳангоми таълим мувофиқи барномаҳо дар доираи курси "Асосҳои омодагӣ ба ҳолатҳои фавқулода ва мудофиаи гражданӣ" пешбинӣ гардида, кормандони ваколатдори вазоратҳо, идораҳо, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ВМКБ, вилоятҳо, шаҳри Душанбе ва шаҳру ноҳияҳо, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, ташкилотҳо, ки барои ҳалли вазифаҳои пешгирӣ, рафъи оқибатҳои ҳолатҳои фавқулода махсус ваколатдор шудаанд, ба таври ҳатмӣ бояд бозомӯзию такмили ихтисосро дар муддати соли якуми корӣ гузаранд.

Бозомӯзӣ ва такмили ихтисоси ин гурӯҳи аҳолӣ дар Маркази ҷумҳуриявии таълимию методии КҲФМГ ҳамасола гузаронида мешавад. Фаъолияти Маркази макур бошад, дар

[29] Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 августи соли 2009, № 490.

навбати худ барои тайёрӣ, омӯзиш ва баланд бардоштани сатҳи донишу малакаи ҳайати роҳбарикунандаи вазорат, кумита, раёсату идораҳо, муассисаҳои таълимии олӣ, ташкилотҳо ва мутахассисони соҳаи ҳолатҳои фавқулода ва мудофиаи граждании ҷумҳурӣ равона карда шудааст. Дар Маркази номбурда шуъбаи таълимӣ-методӣ, шуъбаи кор бо марказҳои вилоятӣ ва курсҳои минтақавӣ, бахши тайёрии махсус ва бахши хоҷагидорӣ амал менамояд.

Барои аҳолии машғули кор набуда, гузаронидани суҳбатҳо, лексияҳо, намоиши филмҳои таълимӣ, дар маҳали зист ҷалб кардан ба машқҳо оид ба ҳолатҳои фавқулода, инчунин, омӯзиши мустақилонаи воситаҳои аёнӣ, ёддоштҳо, дастуру варақаҳо, шунидан ва тамошои барномаҳои радио ва намоишҳои телевизионӣ оид ба мавзуи ҳифз аз ҳолатҳои фавқулода пешбинӣ шудааст.

Нуқтаи муҳим дар омодасозии гурӯҳҳои номбурдаи аҳолӣ ба ҳолатҳои фавқулода маблағгузории чорабиниҳо аст, ки бояд дар ин самт мувофиқи сметаи хароҷот, ки аз тарафи КҲФМГ тасдиқ гардида, инчунин, аз ҳисоби мабалғҳои худии ташкилотҳо амалӣ карда мешавад. Барои мисол, тайёр намудан ва гузаронидани аттестатсияи сохторҳо, инчунин, гузаронидани машқҳо оид ба ҳолатҳои фавқулодаи аҳолии машғули соҳаи истеҳсолот ба ҳолатҳои фавқулода аз ҳисоби худи ин ташкилотҳо амалӣ карда мешавад.

Боиси зикр аст, ки Қоидаҳои омодасозии аҳолӣ дар соҳаи ҳифзи аҳолӣ аз ҳолатҳои фавқулодаи дорои хусусиятҳои табиӣ ва техногенӣ, ки ҳанӯз соли 2009 қабул шудааст зарурат ба таҷдид доранд, зеро давоми 15 соли охир дар қонунгузории ҷумҳурӣ, аз ҷумла қонунгузории ҳолатҳои фавқулода тағйиротҳои зиёд ба вуҷуд омада, муносибатҳои ҷамъиятии вобаста ба соҳа дигаргун, вазифаву ваколатҳои мақомоте, ки омодагиро амалӣ менамоянд, мушаххас гардидаанд.

**Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон.** Баробари Комиссияи давлатии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳолатҳои фавқулодда[30] ҳамчун мақоми олӣ, инчунин, Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил карда шуд, ки ба таври доимӣ амал намуда, масъалаи омодагиро ба ҳолатҳои фавқулода баррасӣ менамоянд.

Дар ҷумҳурӣ низоми давлатии мақомоти ваколатдори масъули таъмини омодагӣ ва вокуниш ба ҳолатҳои фавқулода (дар марҳилаи аввал ҳамчун сохтори умумишӯравӣ, дар марҳилаи дувум ҳамчун мақоми ваколатдор кумита, вазорат, сипас кумита) таъсис гардид. Аз ҷумла, дар марҳилаи аввал соли 1994 Кумита оид ба ҳолатҳои фавқулодда ва корҳои мудофиаи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, сипас бо мақсади ҳифзи аҳолӣ, иншоотҳои иқтисодӣ ва ҳудудии Тоҷикистон аз оқибатҳои ҳолатҳои фавқулода дар замони осоишта ва ҷанг бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 ноябри соли 1999, №479 “Дар бораи масъалаҳои Вазорати ҳолатҳои фавқулода ва мудофиаи граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон” мақоми ваколатдор дар сатҳи вазорат таъсис ёфт.

Дар марҳилаи сеюми ислоҳоти соҳа бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи такмили сохтори мақомоти марказии ҳокимияти иҷроияи Ҷумҳурии Тоҷикистон” аз 30 ноябри соли 2006, №9 дар заминаи Вазорати ҳолатҳои фавқулода ва мудофиаи граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис ёфт. Сипас, бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон”[31] аз 28 декабри соли 2006, №611 низомнома, сохтори дастгоҳи марказӣ, нақшаи идоракунӣ, номгӯи ташкилотҳои низоми Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда шуд.

Имрӯзҳо КҲФМГ ҳамчун мақоми марказии ҳокимияти иҷроияи пешгирии офатҳо ва вокуниш ба онҳо буда, сохтори асосиест, ки барои таъмини омодагӣ ва эътино ба офатҳои табиӣ масъул аст. Он ба комиссияҳо оид ба ҳолатҳои фавқулода дар сатҳи миллӣ, вилоятӣ,

[30] Минбаъд Комиссия.
[31] Минбаъд КҲФМГ.

шаҳрӣ ва ноҳиявӣ кумак расонида, ҳамоҳангсозии тадбирҳои аввалияи эътиноро таъмин менамояд.

Зимнан, бо мақсади беҳтар намудани фаъолият Низоми ягонаи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба пешгирӣ ва рафъи ҳолатҳои фавқулода таъсис ёфт. Ҷиҳати таҳкими заминаи моддию техникӣ ва иқтидори мақомоти ҳолатҳои фавқулода ва мудофиаи гражданӣ дар таъмини ҳифзи аҳолӣ ва ҳудуди ҷумҳурӣ аз ҳолатҳои фавқулодаи дорои хусусияти табиӣ ва техногенӣ Барномаи рушди Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2022[32] қабул карда шуд.

Татбиқи Барномаи солҳои 2018-2022 мусоидат намуд, ки иқтидори Низоми ягонаи давлатӣ оид ба пешгирӣ ва рафъи ҳолатҳои фавқулода, инчунин, КҲФМГ дар соҳаи ҳифзи аҳолӣ ва ҳудуди ҷумҳурӣ аз ҳолатҳои фавқулодаи дорои хусусияти табиӣ ва техногенӣ баланд бардошта шавад. Инчунин, дар асоси Барномаи солҳои 2018-2022 самаранокии ҳамоҳангӣ ва идоракунии қувва ва воситаҳои Низоми ягонаи давлатӣ оид ба пешгирӣ ва рафъи ҳолатҳои фавқулода ҳангоми рафъи оқибатҳои ҳолатҳои фавқулода, сатҳи ҳифзи аҳолӣ ва ҳудуди ҷумҳурӣ аз хатарҳо ва таҳдидҳои ҳолатҳои фавқулода баланд бардошта шуда, низоми огоҳсозии қаблии аҳолӣ оид ба хатари сар задан ва ё ба амал омадани ҳолатҳои фавқулода васеъ гардида, низоми хабардоркунӣ ва огоҳкунии таъҷилии аҳолӣ дар ҷойҳои ҷамъшавии онҳо ва монанди ин рушд намуд.

Давоми солҳои охир ҷиҳати такмили соҳа якчанд қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул шуд, ки фаъолияти КҲФМГ-ро дар доираи Низоми ягонаи давлатӣ оид ба пешгирӣ ва рафъи ҳолатҳои фавқулода, Комиссияи давлатии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳолатҳои фавқулода ва Платформаи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба паст кардани хавфи офатҳои табиӣ танзим менамоянд.

**Низоми ягонаи давлатӣ оид ба пешгирӣ ва рафъи ҳолатҳои фавқулода.** Сохтор, тартиби фаъолияти Низоми ягонаи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба пешгирӣ ва рафъи ҳолатҳои фавқулода,[33] ки дар дигар соҳаҳо ба назар намерасад бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 декабри соли 2014, №833 муайян ва тасдиқ гардид. Низоми ягона мақомоти идоракунӣ, қувваю воситаҳои вазорату идораҳо, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии маҳаллӣ ва ташкилотҳоеро, ки дар салоҳияти онҳо ҳалли масъалаҳо дар соҳаи ҳифзи аҳолӣ ва ҳудуд аз ҳолатҳои фавқулода дохил мешавад, муттаҳид менамояд.

Низоми ягона бо мақсади иҷрои вазифаҳое, ки дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ҳифзи аҳолӣ ва ҳудуд аз ҳолатҳои фавқулоддаи дорои хусусияти табиӣ ва техногенӣ” пешбинӣ гардидаанд, фаъолият менамояд. Муҳимтарин ҷанбаҳои фаъолияти Низоми ягона мисли сохтор, тартиби фаъолият, қувваю воситаҳои он, тайёрӣ, омӯзиши кормандони низом, таъминоти иттилоотию ҳуқуқӣ, чорабиниҳо оид ба пешгирӣ ва рафъи ҳолатҳои фавқулода, реҷаҳои фаъолият, тартиби рафъи ҳолатҳои фавқулода, таъминоти молиявӣ ва номгӯйи зернизомҳо дар сатҳи ҷумҳуриявӣ тибқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 декабри соли 2014, №833 муқаррар карда шуд.

Омодагӣ ба ҳолатҳои фавқулода дар доираи Низоми ягона тавассути мақомоти ҳамоҳангсоз, доимоамалкунанда ва ҳаррӯза ба роҳ монда мешавад. Чунин низом имкон медиҳад, ки дар се сатҳ масъалаи омодагӣ ба ҳолатҳои фавқулода баррасӣ карда шавад. Ҷиҳати муҳим дар ин раванд омодабошии хадамоти дахлдор ва муқаррар намудани худи реҷаи омодагӣ мебошад, ки бо асосҳои мушаххас эълон карда мешавад. Вобаста аз вазъият се реҷаи фаъолияти Низоми ягонаро ҷудо намудаанд:

1. **Реҷаи фаъолияти рӯзмарра** - фаъолияти низоми ягона ҳангоми вазъияти муътадили истеҳсолию саноатӣ, радиатсионӣ, кимиёвӣ, биологӣ, сейсмикӣ ва гидрометеорологӣ, мавҷуд набудани эпидемияҳо, эпизоотияҳо, эпифитотияҳо;

---

[32]Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 майи соли 2018, №284. Маҳзани муттамарказги иттилооти ҳуқуқии “АДЛИЯ” 7.0. Санаи муроҷиат 20.03.2024.

[33] Минбаъд Низоми ягона.

2. **Реҷаи омодагии баланд** - фаъолияти низоми ягона ҳангоми бад шудани вазъияти истеҳсолию саноатӣ, радиатсионӣ, кимиёвӣ, биологӣ, сейсмикӣ ва гидрометеорологӣ, қабул намудани пешгуӣ дар бораи эҳтимолияти ба амал омадани ҳолатҳои фавқулода;

3. **Реҷаи ҳолатҳои фавқулода** - фаъолияти низоми ягона ҳангоми ба амал омадан ва рафъи ҳолатҳои фавқулода.

Таъмини дурусти фаъолият дар реҷаҳои мазкур мавҷудияти қувваҳои омодабошии доимиро тақозо менамояд. Қувваҳои омодабош аз ҳисоби хадамоти садамавию наҷотдиҳӣ, сохторҳои садамавию наҷотдиҳӣ, дигар хадамот ва сохторҳое, ки бо техникаи махсус, таҷҳизот, лавозимот, асбобу мавод муҷаҳҳаз гардонида шуда, бо дарназардошти таъмини гузаронидани корҳои садамавию наҷотдиҳӣ ва дигар корҳои таъхирнопазир дар минтақаи ҳолатҳои фавқулода дар муддати на камтар аз 3 (се) шабонарӯз фаъолият менамоянд, ташкил менамоянд.

Номгӯи қувваҳои омодабоши доимии сатҳи ҷумҳуриявиро бо пешниҳоди КҲФМГ дар мувофиқа бо вазорату идораҳо, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатии вилоятҳо, шаҳру ноҳияҳо ва ташкилотҳо Комиссия тасдиқ менамояд.

Тарзу усулҳои омодагӣ ба ҳолатҳои фавқулода низ муқаррар гардидаанд. Омодагии касбӣ дар доираи Низоми ягона тавассути тайёрӣ ва бозомӯзии ҳайати шахсӣ, кормандони хадамот ва сохторҳои садамавию наҷотдиҳӣ дар Маркази тайёр намудани наҷотдиҳандагони КҲФМГ тибқи тартиби муқарраргардида гузаронида мешавад.

Таҷрибаи як зумра кишварҳои дунё нишон дод, ки ҳангоми омодагӣ ба ҳолатҳои фавқулода аз маҷмуи коди рангҳо (сабз, зард, норинҷӣ ва сурх) ба мазмуни мушаххас, аз ҷумла дараҷаи хатарзо будани он дар робита ба ҳолатҳои фавқулода, васеъ истифода мегардад. Рангҳои мазкур дар алгоритми мунтазам бо мақсади иттилоотонии аҳолӣ оид ба тағйир ёфтани дараҷаи хатар, вокуниши саривақтии аҳолӣ ба хатарҳои бавуҷудоянда таҳия карда мешаванд. Таҳлил дар ин самт нишон дод, ки асоси ҷорӣ намудани коди рангҳоро стандартҳои давлатӣ, аз ҷумла дар Федератсияи Россия ГОСТ Р 22.3.13-2018 (ИСО 22324:2015) "Бехатарӣ дар ҳолатҳои фавқулода. Роҳнамо оид ба коди рангҳои хатар[34] ташкил менамоянд. Дараҷа ва мазмуни коди рангҳо вобаста ба ҳолатҳои фавқулода дар ҷадвал нишон дода мешавад (ниг. ба ҷадвали №3).

Дар шароити муосири рушди технологияҳои иттилоотӣ, саривақт расонидани иттилоот оид ба дараҷаи хатар натиҷаҳои вокуниши аҳолиро ба ҳолатҳои фавқулода баланд намуда, имкони ба вуқӯъ омадани оқибатҳои нохушро пешгирӣ менамояд. Аҳолӣ дар ин маврид огоҳ гардида, як қатор корҳоеро, ки вобаста ба ҳолати фавқулода аст, анҷом медиҳад. Дар робита ба коди рангҳои хатар дар ҷумҳурӣ маълумоти дахлдор пайдо нагардид. Бинобар ин зарур мешуморем, ки стандартҳои давлатӣ дар робита ба таъмини иттилоотонии бехатарӣ дар ҳолатҳои фавқулода ва роҳнамо оид ба коди рангҳои хатар бо мақсади паст намудани оқибатҳои фалокатбор ҳангоми сар задани офатҳои табиӣ ва техногенӣ, реҷаи мувофиқи омодагӣ ва вокуниш ба он таҳия ва тасдиқ карда шаванд.

Дар умум вазифаҳои Низоми ягона дар самти омодагӣ ба ҳолатҳои фавқулода инҳо мебошанд:

- таҳия ва татбиқи меъёрҳои ҳуқуқию иқтисодӣ ҷиҳати таъмини ҳифзи аҳолӣ ва ҳудуд аз ҳолатҳои фавқулода;
- татбиқи барномаҳои мақсаднок ва илмию техникӣ, ки барои пешгирии ҳолатҳои фавқулода ва зиёд кардани устувории фаъолияти ташкилотҳо, инчунин, иншооти таъиноти иҷтимоӣ дар ҳолатҳои фавқулода равона карда шудаанд;
- таъмини омодагии мақомоти идора, қувваю воситаҳое, ки барои пешгирӣ ва рафъи ҳолатҳои фавқулода таъин ва ҷудо карда шудаанд;

[34] Истифодаи кодҳои рангаи хатар барои иттилоотонии аҳолӣ ҳангоми ҳолатҳои фавқулода Захираи электронӣ: https:// гражданская-оборона-и-защита-от-чс.рф/publ/opoveshhenie_i_ehvakuacija/ispolzovanie_cvetovykh_kodov_opasnosti_dlja_informirovanija_naselenija_pri_chrezvychajnykh_situacijakh/11-1-0-578, Санаи дастрасӣ: 20.04.2024

- ҷамъоварӣ, таҳлил, табодул ва додани ахбор дар соҳаи ҳифзи аҳолӣ ва ҳудуд аз ҳолатҳои фавқулода;

- омодасозии аҳолӣ барои фаъолият дар ҳолатҳои фавқулода;

- пешбинӣ ва баҳо додан ба оқибатҳои иҷтимоию иқтисодии ҳолатҳои фавқулода;

- ташкили захираҳои молияви моддӣ барои рафъи ҳолатҳои фавқулода;

- татбиқи экспертизаи давлатӣ, назорат ва санҷиш дар соҳаи ҳифзи аҳолӣ ва ҳудуд аз ҳолатҳои фавқулода;

- рафъи ҳолатҳои фавқулода;

- амалӣ намудани чорабиниҳо оид ба ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, ки аз ҳолатҳои фавқулода зарар дидаанд, гузаронидани чорабиниҳои башардӯстона;

- татбиқи ҳуқуқу вазифаҳои аҳолӣ дар соҳаи ҳифз аз ҳолатҳои фавқулода, инчунин, шахсоне, ки бевосита дар рафъи он иштирок кардаанд;

- ҳамкории байналмилалӣ дар соҳаи ҳифзи аҳолӣ ва ҳудуд аз ҳолатҳои фавқулода[35].

Низоми ягона дар навбати худ аз зернизомҳои вазифавӣ ва ҳудудӣ иборат мебошад, ки дар сатҳи ҷумҳуриявӣ, вилоятӣ, ноҳиявӣ, шаҳрӣ, маҳаллӣ ва иншоотӣ амал менамояд. Мақомоти ҳамоҳангсоз дар чор сатҳ, ки ҳамчун зернизоми Низоми ягона бароманд менамоянд, амал мекунад (ниг. Нақшаи 1).

Фаъолият оид ба пешгирии офатҳои табиӣ ва бартараф кардани оқибатҳои онҳо дар доираи Низоми ягона ва мақомоти ҳамоҳангсоз, ки комиссияҳо оид ба ҳолатҳои фавқулода дар сатҳи миллӣ, вилоятӣ, шаҳрӣ, ноҳиявӣ, ҷамоатҳо ва ташкилотҳо мебошанд, анҷом меёбад. Ба ҳайати комиссияҳо, ки аз ҷониби шахсони мансабдор дар сатҳи муқарраршуда роҳбарӣ мешаванд, намояндагони ҳамаи мақомоти давлатии дахлдор дохил мешаванд.

Дар Низоми ягона мавқеи на ҳамаи қувваҳои омодабоши ҳолатҳои фавқулода мушаххас шудааст. Имкон дорад, ки дар пешгирӣ ва рафъи оқибатҳои ҳолатҳои фавқулода иқтидори соҳаҳо, бахусус авиатсияи граждании ҳангоми ба вуқӯъ омадани ҳолатҳои фавқулода ҳамаҷониба истифода шавад. Таҳлил нишон дод, ки ҳанӯз 3 майи соли 2010, №233 қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи тасдиқи Тартиби ҷалб намудани корхонаҳои авиатсионӣ ба гузаронидани корҳои ҷустуҷӯӣ ва садамавию наҷотдиҳӣ, таъмини корҳои ҷустуҷӯӣ ва садамавию наҷотдиҳии парвоз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" қабул гардид, ки анҷоми як қатор амалиёти (кори) садамавию наҷотдиҳиро пешбинӣ менамояд. Бояд гуфт, ки аз давраи қабули Тартиби мазкур вақти зиёд гузашта, ба он тағйироту иловаҳо бо дарназардошти талаботи Конститутсия, кодексҳои фазои ҳаво, маданӣ ва меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид карда нашудааст. Пешниҳод карда мешавад, ки Тартиби ҷалб намудани корхонаҳои авиатсионӣ ба гузаронидани корҳои ҷустуҷӯӣ ва садамавию наҷотдиҳӣ, таъмини корҳои ҷустуҷӯӣ ва садамавию наҷотдиҳии парвоз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҷдиди назар карда шавад.

Ҳамзамон, таҳлили санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар робита ба Низоми ягона, аз ҷумла қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 декабри соли 2014, №833 нишон дод, ки он бо дарназардошти тағйироти бавуҷудомада дар қонунгузорӣ аз соли 2014 то имрӯз, бахусус дигаргунӣ дар сохтори мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, зарурат ба таҷдиди назар дорад. Пешниҳод карда мешавад, ки Номгӯи зернизомҳои вазифавии сатҳи ҷумҳуриявии Низоми ягона, ки дар вазорату идораҳо ташкил карда мешаванд (дар маҷмуъ 41 номгуй), бозбинӣ карда шавад.

**Платформаи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба паст кардани хавфи офатҳои табиӣ.[36]** Дар асоси механизми мавҷудаи ҳамоҳангсозии фаъолияти ташкилоту идораҳои ҷумҳурӣ, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Платформаи миллиро ташкил намуд, ки мақоми машваратӣ дар назди Комиссия мебошад.

[35] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ҳифзи аҳолӣ ва ҳудуд аз ҳолатҳои фавқулоддаи дорои хусусияти табиӣ ва техногенӣ" аз 15 июли соли 2004, № 53. Маҳзани муттамаркази иттилооти ҳуқуқии "АДЛИЯ" 7.0. Санаи муроҷиат 20.03.2024.

[36] Минбаъд Платформаи миллӣ.

Платформаи миллӣ бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 марти соли 2012, №98 таъсис дода шуда, дар асоси механизми мавҷудаи ҳамоҳангсозии фаъолияти ташкилоту идораҳои Тоҷикистон ва Дастури стратегӣ оид ба ташкили платформаҳои глобалӣ дар соҳаи паст кардани хавфи офатҳои табиӣ амал менамояд. Гуфтан мумкин аст, ки Платформаи миллӣ ҳамчун падидаи нав ва хоси ҷомеаи шаҳрвандӣ, ки фаъолияти он ба ҳолатҳои фавқулода робита дорад дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низ мисли дигар кишварҳои пешрафта, таъсис ёфт.

Платформаи миллӣ бо мақсадҳои зерин таъсис дода шудааст:

- ташаккул ва ҳамоҳангсозии фаъолият дар соҳаи паст кардани хавфи офатҳои табиӣ ва садамаҳои техногенӣ, инчунин, талафоти ҷонӣ ва зарари иҷтимоию иқтисодӣ;
- гузаронидани машваратҳо доир ба ворид намудани масъалаҳои паст кардани хавфи офатҳои табиӣ ба стратегияҳо, нақша ва барномаҳои тараққиёт.

Вазифаҳои асосии Платформаи миллӣ:

- таҳияи пешниҳоду тавсияҳо оид ба ташккул ва ҳамоҳангсозии фаъолият дар соҳаи паст кардани хавфи офатҳои табиӣ ва садамаҳои техногенӣ, инчунин, талафоти ҷонӣ ва зарари иҷтимоию иқтисодӣ;
- ҳамоҳангсозӣ, ташхис ва машварат доир ба самтҳои асосии паст намудани хавфи офатҳои табиӣ, ки дар сатҳи миллӣ амалиёти мувофиқашударо талаб менамояд;
- таъмини пешравӣ дар ноилшавӣ ба мақсадҳои паст кардани хавфи офатҳои табиӣ, гузаронидани мониторинг дар ин соҳа;
- ташкили иштироки бахшҳои гуногуни ҷомеа дар муҳокимаи фаъолият дар соҳаи паст кардани хавфи офатҳои табиӣ;
- ҳамоҳангсозии ташкил ва фаъолияти гурӯҳҳои кории тематикӣ, бо дарназардошти дониш, таҷриба ва фикру мулоҳизаҳои тарафҳои манфиатдор дар соҳаи паст кардани хавфи офатҳои табиӣ;
- таъмини мониторинги иҷрои барномаҳо, лоиҳаҳо, тавсияномаҳо ва дигар ҳуҷҷатҳои соҳаи паст кардани хавфи офатҳои табиӣ аз тарафи ташкилотҳо;
- ҳамкорӣ бо ташкилотҳои минтақавӣ, хориҷӣ, донорӣ ва дигар ташкилотҳои махсусгардонидашудаи соҳаи паст кардани хавфи офатҳои табиӣ;
- ташкили омӯзиш ва истифодаи таҷрибаи байналмилалӣ дар раванди бартараф намудани оқибатҳои офатҳои табиӣ, инчунин, ҳамоҳангсозии ҳамкории вазорату идораҳои ҷумҳуриявӣ дар ин масъалаҳо дар доираи уҳдадориҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки аз шартномаву созишномаҳои дахлдор бармеояд;
- таҳия ва мувофиқа намудани барномаҳо ва методикаи ягонаи баҳодиҳии хатари офатҳои табиӣ дар соҳаи мазкур;
- истифода ва татбиқи таҷрибаҳои байналмилалӣ дар таҳияи барномаҳо ва баҳодиҳии таъсири хатари офатҳои табиӣ ба муҳити зист;
- тарғиботи паст кардани хавфи офатҳои табиӣ дар зинаҳои мухталиф.[37]

Платформаи миллӣ фаъолияти худро мувофиқи нақшаи корӣ, ки дар ҷаласаи он қабул мегардад ва аз тарафи Раиси он - муовини Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон, сарпарасти соҳа тасдиқ мешавад, амалӣ менамояд. Платформаи миллӣ мунтазам ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон доир ба масъалаҳои муҳими аз тарафи он баррасӣ ва ҳалшаванда иттилоот медиҳад.

Тоҷикистон дар сурати рӯй додани офатҳои зиёд, ки имкон дорад мамлакатро фаро гиранд, метавонад ба кумаки беруна умед дошта бошад. Бо ҳамин мақсад Дастаи ҳамоҳангсозии фаврии кумак дар ҳолати фавқулода таъсис ёфта, ба сифати ташкилоти ҳамоҳангсоз байни КҲФМГ ва ташкилотҳои ғайриҳукуматӣ, донорҳо ва ташкилотҳои байналмилалӣ оид ба расонидани кумаки беруна амал мекунад. Дастаи ҳамоҳангсозии

---

[37] Низомномаи Платформаи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба паст кардани хавфи офатҳои табиӣ, қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 марти соли 2012, №98. Маҳзани муттамаркази иттилооти ҳуқуқии “АДЛИЯ” 7.0. Санаи муроҷиат 20.03.2024.

фаврии кумак дар ҳолати фавқулода на танҳо кумак мерасонад, балки вазифаҳои таъмини омодагӣ ба офатҳо, банақшагирӣ ва коҳиши хатари офатҳоро иҷро менамояд.

Робита бо Дастаи ҳамоҳангсозии фаврии кумак дар ҳолати фавқулода ҳамчун зинаи алоқа барои мусоидати берунаи (хориҷии) марбут бо офатҳо, инчунин, кумаки ҳукумат, кӯшишҳо ҷиҳати таъмини омодагӣ ба офатҳо ва коҳиши хатар бо мақсади таъмини самаранокии кумаки беруна дар вокуниш ба офатҳои табиии мушаххас дар Тоҷикистон зарур арзёбӣ мегардад.

Арзёбии масъалаи омодагӣ ба ҳолатҳои фавқулода нишон дод, ки дар маҷмуъ дар соҳаи мазкур корҳои зиёд анҷом дода шудаанд. Дар баробари корҳои анҷомдодашуда дар қонунгузорӣ ва низоми пешгирӣ ва рафъи ҳолатҳои фавқулода зарурати ҷорӣ намудани идоракунии таҳдид тавассути муқаррар намудани сохторҳое, ки арзёбии таҳдидҳоро мунтазам таҳлил менамоянд ба вуҷуд омадааст. Бо ҳамин мақсад пешниҳод мегардад, ки дар фаъолияти Комиссия, Низоми ягона, Платформаи миллӣ ва КҲФМГ бо мақсади таъмини бехатарӣ аз ҳолатҳои фавқулода, омодагӣ ва вокуниши фаврӣ ба масъалаи идоракунии таҳдидҳо ба аҳолӣ, ки аз офатҳои табиӣ ва техногенӣ бармеоянд, ҳифзи аҳолӣ ва ташаккули низоми муосири огоҳкунӣ аз таҳдидҳо ҳамаҷониба таҳлил ва сохтори марбута муқаррар, асосҳои ҳуқуқии он фароҳам оварда шавад.

**Бо мақсади такмили қонунгузорӣ дар робита ба банди 3.1. Таҳлил пешниҳодоти зерин манзур мегардад:**

1) Таҳлил нишон дод, ки вазифаҳои Комиссияи давлатии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳолатҳои фавқулода дар қонунгузорӣ мушаххас гардида, ташкили корҳо ҳангоми ба вуқӯъ омадани ҳолатҳои фавқулода, мусоидатнамоӣ ба фаъолияти комиссияҳои зернизомҳои вазифавӣ ва ҳудудии Низоми ягонаи давлатии пешгирӣ ва рафъи ҳолатҳои фавқулода, ҳамоҳангсозӣ, омодагӣ, баррасии масъалаҳои марбут ба ҳолатҳои фавқулода, таъминоти иттилоотӣ-ҳуқуқиро дар ин самт дар бар мегирад. Низомномаи Комиссия, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 декабри соли 2015, №799 тасдиқ шудааст то имрӯз ба он тағйиру илова ворид нашудааст. Мувофиқи мақсад аст, ки бо дарназардошти тағйиру иловаҳои ба Конститутсия, қабули кодексҳои меҳнат, маданӣ дар таҳрири нав, қонунҳо ва принсипҳои Барномаи Сендай меъёрҳои Низомнома таҷдиди назар карда шавад.

2) Яке аз масъалаҳои ҳалталаб дар робита ба фаъолияти Комиссия вобаста ба омодагӣ ва вокуниш ба ҳолатҳои фавқулода, таъмини бетаъхири иттилооти дастрас, механизмҳои амалигардонии ҳукумати электронӣ аст, ки тавассути сомонаи расмӣ амалӣ мегардад. Омӯзиш маълум намуд, ки як қатор Комиссияҳои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла Комиссияи ҳуқуқи инсон дорои сомонаи расмии худ (www.khit.tj) мебошад. Пешниҳод мегардад, ки чунин як сомонаи интернетӣ дар робита ба фаъолияти Комиссия омода ва фаъол гардонида шавад.

3) Дар Низоми ягона мавқеи на ҳамаи қувваҳои омодабоши ҳолатҳои фавқулода мушаххас шудааст. Имкон дорад, ки дар пешгирӣ ва рафъи оқибатҳои ҳолатҳои фавқулода иқтидорҳои соҳаҳо, бахусус авиатсияи граждани ҳангоми ба вуқӯъ омадани ҳолатҳои фавқулода ҳамаҷониба истифода шавад. Таҳлил нишон дод, ки ҳанӯз 3 майи соли 2010, №233 қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Тартиби ҷалб намудани корхонаҳои авиатсионӣ ба гузаронидани корҳои ҷустуҷӯӣ ва садамавию наҷотдиҳӣ, таъмини корҳои ҷустуҷӯӣ ва садамавию наҷотдиҳии парвоз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" қабул гардид, ки анҷоми як қатор амалиёти (кори) садамавию наҷотдиҳиро пешбинӣ менамояд. Бояд гуфт, ки аз давраи қабули Тартиби мазкур вақти зиёд гузашта, ба он тағйироту иловаҳо бо дарназардошти талаботи Конститутсия, кодексҳои фазои ҳаво, маданӣ ва меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид карда нашудааст. Пешниҳод карда мешавад, ки Тартиби ҷалб намудани корхонаҳои авиатсионӣ ба гузаронидани корҳои ҷустуҷӯӣ ва садамавию наҷотдиҳӣ, таъмини корҳои ҷустуҷӯӣ ва садамавию наҷотдиҳии парвоз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҷдиди назар карда шавад.

4) Қоидаҳои омодасозии аҳолӣ дар соҳаи ҳифзи аҳолӣ аз ҳолатҳои фавқулодаи дорои хусусиятҳои табиӣ ва техногенӣ, ки ҳанӯз соли 2009 қабул гардидаанд, зарурат ба таҷдид доранд, зеро давоми 15 соли охир дар қонунгузорӣ, аз ҷумла қонунгузорӣ дар соҳаи ҳолатҳои фавқулода тағйиротҳои зиёд ба вуҷуд омада, муносибатҳои ҷамъиятии соҳа дигаргун ва вазифаву ваколатҳои мақомоте, ки омодагиро амалӣ менамоянд мушаххас гардидаанд.

5) Арзёбии масъалаи омодагӣ ба ҳолатҳои фавқулода нишон дод, ки дар маҷмуъ дар соҳаи мазкур корҳои зиёд анҷом дода шудаанд. Дар баробари корҳои анҷомдодашуда дар қонунгузорӣ ва низоми пешгирӣ ва рафъи ҳолатҳои фавқулода зарурати ҷорӣ намудани идоракунии таҳдид тавассути муқаррар намудани сохторҳое, ки арзёбии таҳдидҳоро мунтазам таҳлил менамоянд ба вуҷуд омадааст. Бо ҳамин мақсад пешниҳод мегардад, ки дар фаъолияти Комиссия, Низоми ягона, Платформаи миллӣ ва КҲФМГ бо мақсади таъмини бехатарӣ аз ҳолатҳои фавқулода, омодагӣ ва вокуниши фаврӣ ба масъалаи идоракунии таҳдидҳо ба аҳолӣ, ки аз офатҳои табиӣ ва техногенӣ бармеоянд, ҳифзи аҳолӣ ва ташаккули низоми муосири огоҳкунӣ аз таҳдидҳо ҳамаҷониба таҳлил, сохтори марбута муқаррар ва асосҳои ҳуқуқии он фароҳам оварда шавад.

### 3.2. Тартиби омодагӣ ба офатҳо ва вокуниш ба ҳолатҳои фавқулода дар қонунгузории миллӣ

Тартиби омодагӣ ба офатҳо ва вокуниш ба ҳолатҳои фавқулода дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷузъи асосии омодагӣ ва вокуниш ба ҳолатҳои фавқулода аст, ки аз он натиҷаҳои фаъолияти Комиссия, Низоми ягона, Платформаи миллӣ ва КҲФМГ вобастагии зич доранд. Бо мақсади ба низом даровардани омодагӣ ва вокуниш ба ҳолатҳои фавқулода санадҳои меъёрии ҳуқуқии зиёд қабул гардидаанд, ки барои баланд бардоштани иқтидор дар самти мазкур равона шудаанд.

Дар байни санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳа қонунҳо ва санадҳои меъёрии зерқонунӣ, ки ба ташаккули низоми омодагӣ ва вокуниш ба ҳолатҳои фавқулода нигаронида шудаанд, нақши назаррас доранд. Бахусус, қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонро қайд намудан лозим аст, ки барои амалӣ намудани вазифаҳои таъҷилии мақоми ваколатдор қабул шудаанд.

Дарвоқеъ, муайян намудани дилхоҳ сатҳи омодагӣ ба ҳолатҳои фавқулода ҳангоми гузаронидани санҷишҳои объектҳои хатарзо, аз ҷумла объектҳои махсусан муҳим, ки тибқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии зерқонунӣ амалӣ мегарданд, имконпазир мегардад. Барои мисол, тибқи банди 57 талаботи Қоидаҳои гузаронидани санҷиши фаъолияти субъектҳои хоҷагидор аз ҷониби хадамоти назорати давлатӣ дар соҳаи бехатарии иншооти гидротехникӣ[38] омодагӣ ба бартарафсозии ҳолатҳои садамавӣ ва фавқулода тавассути санҷиши коргоҳ вобаста ба мавҷуд будани ҳолатҳои зерин амалӣ мешавад:

- маълумотҳои ҷамъбастшуда дар бораи шумораи аҳолӣ, ҷойҳои аҳолинишин, корхонаҳои саноатӣ ва ғайра, ки дар ҳолати садамаи гидродинамикӣ дар минтақаи зериобмонӣ мебошанд;
- ҳуҷҷатҳо оиди вайроншавиҳо, азкормонии хосиятнок ва садамаҳои иншоотҳои гидротехникӣ, сабабҳои сарзании онҳо ва нишонаҳои пайдоиши он дар марҳилаи ибтидоӣ;
- қарорҳои намунавии муҳандисӣ-технологӣ, коркардҳои лоиҳавӣ ва тавсияҳо оид ба барҳам додани вусъатёбӣ ва бартарафсозии вайроншавиҳои хатарнок ва ҳолатҳои садамавӣ дар иншоотҳо;
- захираҳои зарурии масолеҳи сохтмонӣ (конҳои кушода, резишгоҳи хок, анборҳои масолеҳи шағалу қум, семент масолеҳи оҳанӣ ва ғ.), техникаи заминкан, мошинҳои боркаш ва дигар механизмҳо барои бартарафсозии фаврии вайроншавиҳои хатарнок ва ҳолатҳои садамавӣ дар иншоотҳои гидротехникӣ;

---

[38] Фармоиши Вазири энергетика ва захираҳои оби Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 8 июни соли 2018, №23. Маҳзани муттамаркази иттилооти ҳуқуқии “АДЛИЯ” 7.0. Санаи муроҷиат 20.03.2024.

- василаҳои ғаввосӣ барои гузаронидани корҳои зериобӣ;

- нақшаи амалиёти фаврии ҳайати коргарони корхонаи истифодабаранда оиди бартарафсозии ҳолатҳои садамавӣ;

- воситаҳои алоқаи садамавӣ ва системаи хабардоркунии аҳолӣ ҳангоми таҳдиди садама.

Санҷиши дурусти ҳолатҳои номбурда имкон медиҳад, ки омодагии коргоҳ ба ҳолатҳои фавқулода муайян гардида, аз оқибатҳои фалокатбор ҳангоми ба вуқӯъ омадани ҳолатҳои фавқулода пешгирӣ карда шавад.

Аксари низомҳои омодагӣ ва вокуниш ба ҳолатҳои фавқулода бо мақсади пешгирӣ намудани ҳолатҳои фавқулода, эътинои саривақтӣ ба вазъиятҳои ногаҳонӣ ва ҳолатҳои фавқулода таъсис дода мешаванд. Вокуниши босифат ва саривақтӣ ба ҳолатҳои фавқулода, ки баъди муроҷиат ба сохторҳои дахлдор имконпазир мегардад аҳамияти амалӣ дорад. Маҳз тавассути муроҷиат ба рақамҳои кӯтоҳи ягонаи фаврии алоқа имконпазир мегардад, ки вокуниши саривақтӣ оид ба ҳолатҳои фавқулода аз ҷониби мақоми ваколатдор анҷом дода шавад. Чунин тарзи кор – робитаи фаврӣ бо сохторҳои дахлдор ҳангоми ба вуқӯъ омадани ҳолатҳои фавқулода дар тамоми дунё ба назар мерасад. Ҷорӣ гардидани низоми вокуниш ба ҳолатҳои фавқулода баробари вокуниш ба ҳолатҳое мисли содир намудани ҷиноят, бемор гардидан ва монанди он басо мубрам арзёбӣ мегардад, зеро таъхир дар ин самт метавонад сабаби оқибатҳои фалокатбор гардад. Дар умум, масъалаи вокуниш ба ҳуқуқи шаҳрвандон оид ба муроҷиати инфиродӣ ё дастаҷамъона вобаста ба масъалаҳои ҳифзи аҳолӣ ва ҳудуд аз ҳолатҳои фавқулода ба мақомоти давлатӣ, ки дар қонунгузорӣ муқаррар шудааст, бармеояд.

Аввалин маротиба дар Тоҷикистони соҳибистиқлол рақами кӯтоҳи ягонаи фаврии алоқа “111”, ки ба хадамоти ҳолатҳои фавқулода дахл дошт, соли 2011 ҷорӣ гардид. Азбаски дар миқёси давлатҳо-аъзои ИДМ рақами кӯтоҳи ягонаи фаврии алоқаи “112” муайян карда шуд, ин таҷриба дар ҷумҳурии мо низ амалӣ гардид. Тибқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи муқаррар намудани рақами кӯтоҳи ягонаи фаврии алоқаи “112” Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба сифати рақами даъвати хадамоти таъҷилии огоҳисозӣ ва эътино ба ҳолатҳои фавқулода” муқаррар карда шуд, ки то имрӯз фаъол аст.

Бояд гуфт, ки рақами кӯтоҳи ягонаи фаврии алоқаи “112” КҲФМГ рақами даъвати хадамоти таъҷилии огоҳисозӣ ва эътино ба ҳолатҳои фавқулода аст, ки дар асоси Низомномаи худ фаъол буда, операторони хизматрасонии алоқаи барқӣ (маҳаллӣ ва мобилӣ) баромадро ба он ройгон таъмин менамоянд. Рақами кӯтоҳи ягонаи фаврии алоқаи “112” бинобар осонии рақамчинӣ хоси на танҳо давлатҳои пасошӯравӣ балки Иттиҳоди Аврупо аст, ки барои даъвати хадамоти ёрии таъҷилӣ васеъ истифода мегардад. Яке аз мақсадҳои асосии ҷорӣ намудани рақамҳои кӯтоҳ таъмини иттилооти бетаъхир ҳангоми ба вуҷуд омадани офатҳо аст. Дар як қатор давлатҳои пешрафта бо мақсади таъмини босифати вокуниш ба ҳолатҳои фавқулода мисли сӯхторҳои маишӣ, сӯхторҳои ҷангал, обхезӣ, бехатарӣ ва наҷот (дар кӯлу дарёҳо), фаромадани ярч, заминҷунбӣ, садамаҳои техногенӣ, садамаҳои ядроӣ ва радиатсионӣ, терроризм, шарту шароитҳои экстремалии боду ҳаво (гармшавии зиёди тоқатфарсо, хунукшавии шадид (шуриши барф), туфонҳову боридани жола, маводҳои нотаркида, садамаҳои нақлиётӣ ва ёрии аввалин - Роҳнамои оилавӣ таҳия ва ба аҳолӣ пешниҳод карда мешавад.

Дар Роҳнамои оилавӣ роҳҳои пешгирӣ, манъкуниҳо, дастури маҳдудиятҳо ва дар хотир нигоҳ доштани як зумра омилҳо барои аҳолӣ ба таври сода ва фаҳмо, инчунин, шакли тасвирӣ расонида мешавад. Илова бар ин, бо дар назар доштани гуногунрақамии хадамоти садамавию наҷотдиҳӣ дар Роҳнамои оилавӣ рақамҳои тамоми хадамоти марбут ба ҳолатҳои фавқулода нишон дода мешавад. Таҳияи Роҳнамои оилавӣ оид ба омодагӣ ба ҳолатҳои фавқулода ва рафъи оқибатҳои он бо дарназардошти тамоми ҳолатҳои номбаршуда дар шароити имрӯзаи Тоҷикистон низ зарур мебошад. Пешниҳод мегардад, ки Роҳнамои оилавӣ ҳарчӣ зудтар таҳия ва ба аҳолӣ дастрас карда шавад. Зеро, таъминоти иттилоотонии аҳолӣ

дар ҷумҳурӣ, ки одатан аз оилаҳои серфарзанд иборат мебошанд, муҳим арзёбӣ гардида, боиси иштироки фаъоли ҳамаи зернизомҳои масъули соҳавӣ мегардад.

Таҳлили санади меъёрии ҳуқуқии зерқонунии Низомнома дар бораи низоми таъмини даъвати хадамоти таъҷилӣ ва эътино ба ҳолатҳои фавқулода бо рақами кӯтоҳи ягонаи фаврии алоқаи “112” нишон дод, ки дар он баробари танзими масъала, инчунин, норасоиҳои таъминоти ҳуқуқии мухлати вокуниш, хизматрасонии фосилавӣ, меъёрҳои ҳаволакунанда оид ба қабули дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ мавҷуданд. Бартараф ва таҷдиди назар намудани норасоиҳо дар мазмун ва моҳияти ҳуҷҷати мазкур имкон медиҳад, ки иқтидори вокуниш ба ҳолатҳои фавқулода боз ҳам устувор ва иҷрои босифати муқаррароти он мунтазам таъмин гардад.

**Дар робита ба банди 3.2. Таҳлил пешниҳодоти зерин манзур мегардад:**

1) Таҳлили Низомнома дар бораи низоми таъмини даъвати хадамоти таъҷилӣ ва эътино ба ҳолатҳои фавқулода бо рақами кӯтоҳи ягонаи фаврии алоқаи “112” нишон дод, ки дар санади меъёрии ҳуқуқии зерқонунии мазкур баробари танзими масъала, инчунин, норасоиҳои таъминоти ҳуқуқии муҳлати вокуниш, хизматрасонии фосилавӣ, меъёрҳои ҳаволакунанда оид ба қабули дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ мавҷуданд. Бартараф ва таҷдиди назар намудани ҳуҷҷати мазкур имкон медиҳад, ки иқтидори вокуниш ба ҳолатҳои фавқулода устувор гардад.

2) Таҳияи Роҳнамои оилавӣ оид ба омодагӣ ба ҳолатҳои фавқулода ва рафъи оқибатҳои он бо дарназардошти тамоми ҳолатҳои номбаршуда дар шароити имрӯзаи Тоҷикистон мубрам аст. Пешниҳод мегардад, ки Роҳнамои оилавӣ ҳарчӣ зудтар таҳия ва ба аҳолӣ дастрас карда шавад. Зеро, таъминоти иттилоотонии аҳолӣ, ки одатан аз оилаҳои серфарзанд иборат мебошанд, муҳим арзёбӣ гардида, боиси иштироки фаъоли ҳамаи зернизомҳои масъули соҳавӣ мегардад.

# IV. ОМОДАГӢ ВА ВОКУНИШ БА ҲОЛАТИ ФАВҚУЛОДА ДАР САМТИ ТАНДУРУСТӢ

## 4.1. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон асоси ҳуқуқ, омодагӣ ва вокуниш ба ҳолати фавқулода дар самти тандурустӣ

**Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон**. Омодагӣ ба ҳолатҳои изтирорӣ ва вокуниш ба саломатии аҳолӣ яке аз самтҳои мубрами сиёсати давлатӣ ва қисми таркибии қонунгузории миллӣ ба ҳисоб меравад. Мутобиқи моддаи 38 Конститутсия "Ҳар шахс ҳуқуқи ҳифзи саломатӣ дорад. Шахс дар доираи муқаррарнамудаи қонун аз ёрии тиббии ройгон дар муассисаҳои нигаҳдории тандурустии давлатӣ истифода менамояд. Давлат барои солимгардонии муҳити зист, инкишофи оммавии варзиш, тарбияи ҷисмонӣ ва сайёҳӣ тадбирҳо меандешад. Шаклҳои дигари ёрии тиббиро қонун муайян мекунад." Албатта, меъёри мазкури Конститутсия дар робита ба арзиши олӣ доштани ҳуқуқ ва озодиҳои инсон зарур ба ҳисоб меравад, зеро, ки на танҳо дар давраи осоишта, балки дар ҳолати фавқулода маҳдуд карда намешавад. Бо ҳамин мақсад ҳуқуқ ва омодагӣ ба ҳолати изтирорӣ ва вокуниш ба саломатии аҳолӣ дар қонунгузорӣ ҳамаҷониба матраҳ шуда, санадҳои меъёрии ҳуқуқии дахлдор ҷиҳати таъмини ҳамин ҳуқуқи конститутсионӣ таҳия мегарданд.

Дар дилхоҳ вақт, бахусус ҳолати фавқулода саломатии аҳолӣ дар madди назари давлат ва мақомоти дахлдор қарор мегирад. Саломатии аҳолӣ омили ҷудонопазир ва ивазнашаванда дар ташаккули ҳуқуқ ва вокуниш ба ҳолатҳои фавқулода буда, манбаи ташаккули ҳуқуқи тиббӣ дар Тоҷикистон ва кишварҳои ҷаҳон мебошад. Заминаҳои ташаккули соҳаи ҳуқуқи тиббӣ дар Тоҷикистон низ фароҳам омада, ҷанбаҳои назариявӣ-ҳуқуқии он ба мисли мафҳум, мавзуъ ва методи омӯзиш, ҷойи ҳуқуқи тиббӣ дар низоми танзимнамоии ҳуқуқии муносибатҳои иҷтимоӣ, ҳуқуқҳои шаҳрвандон ба ҳифзи саломатӣ, хадамоти тиббӣ, сирри тиббӣ, экспертизаи тиббӣ ва дигар падидаҳои он дар адабиёти ҳуқуқии ватанӣ таҳлилу баррасӣ шудаанд[39].

**Кодекси тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон.** Нахустин санади меъёрии ҳуқуқии кодификатсионӣ дар соҳаи тандурустӣ аст, ки 30 майи соли 2017, №1413 қабул гардида, дар робита ба салоҳияти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақоми ваколатдор, шаклҳои расонидани кумаки тиббӣ ва тартиби ташкилу расонидани он меъёрҳоро муқаррар намудааст.

Тибқи қисми якуми моддаи 59 Кодекси тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон 9 шакли кумаки тиббӣ муқаррар шуда, дар байни онҳо кумаки тиббӣ ҳангоми ҳолатҳои фавқулода бо дарназардошти таҳлили масъала мубрам арзёбӣ мегардад. Ногуфта намонад, ки қонунгузор дар ин самт меъёрҳои ҳаволакунандаро дар робита ба расонидани кумаки мазкур дар қисмҳои 1 ва 2 ҳамин модда муқаррар намудааст, ки дар шакли тартиб аллакай таҳия, қабул гардида, татбиқ карда шудааст.

**Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон.** Тибқи моддаи 18 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ҳифзи аҳолӣ ва ҳудуд аз ҳолатҳои фавқулоддаи дорои хусусияти табиӣ ва техногенӣ" шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳифзи ҳаёт, саломатӣ ва амволи шахсӣ ва баргардонидани зарар, ки ба саломатӣ ва молу мулки онҳо дар натиҷаи ҳолатҳои фавқулода расонида шудааст, ҳуқуқ доранд. Аз ин меъёр бармеояд, ки дар ҳолати изтирорӣ ва таҳдиди хатар ба саломатии на танҳо шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, балки шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд, ҳангоми сар задани офатҳои табиӣ ва техногенӣ кумаки аввалини тиббӣ расонида мешавад.

Санади меъёрии ҳуқуқии зерқонунии муҳим, ки дар самти ҳолатҳои фавқулода амал менамояд, Қоидаҳои омодасозии аҳолӣ дар соҳаи ҳифзи аҳолӣ аз ҳолатҳои фавқулодаи

[39] Бобоҷонов И.Х., Степенко С.Г. Ҳуқуқи тиббии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе, "Дониш", 2019. – С. 27. (Бабаджанов И.Х., Степенко С.Г. Медицинское право Республики Таджикистан, Душанбе, "Дониш", 2019.-С.27)

дорои хусусиятҳои табиӣ ва техногенӣ мебошад. Арзёбии санади меъёрии ҳуқуқии зерқонунии мазкур нишон дод, ки дар он меъёрҳо оид ба омодагӣ ба ҳолати изтирорӣ ва вокуниш ба саломатии аҳолӣ муқаррар нашудаанд. Бинобар ин, пешниҳод мегардад, ки ҳангоми таҷдиди назар намудани Қоидаҳои мазкур оид ба омодагӣ ба ҳолати изтирорӣ ва вокуниш ба саломатии аҳолӣ меъёрҳо дар қисми алоҳида пешбинӣ карда шаванд.

Бо мақсади таъмини омодагӣ ба ҳолатҳои изтирорӣ ва вокуниш ба саломатии аҳолӣ дар доираи Низоми ягона зеринизомҳои дахлдор амал менамоянд, ки ба масъалаҳои ҳифзи саломатии аҳолӣ дар ҳолатҳои изтирорӣ вобаста мебошанд. Мақоми босалоҳият - Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон аст, ки вобаста ба зернизомҳои вазифавии пешгирӣ ва рафъи ҳолатҳои фавқулода "Ҳифзи тиббию биологии аҳолӣ дар ҳолатҳои фавқулода", "Ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ дар ҳолатҳои фавқулода" ва "Шабакаи дидбонӣ ва назорати лабораторӣ аз рӯи ҳолати эпидемиологӣ" масъул мебошад.

Таҳлил нишон медиҳад, ки дар Низоми ягона меъёрҳои дахлдор оид ба таъмини ҳуқуқ ва омодагӣ ба ҳолати изтирорӣ ва вокуниш ба саломатии аҳолӣ кифоя намебошад. Мувофиқи мақсад мешуморем, ки муқаррароти алоҳида оид ба омодабошии доимӣ ва таъмини ҳуқуқ тавассути зернизомҳои вазифавии Низоми ягона дар робита ба ҳуқуқ ва омодагӣ ба ҳолати изтирорӣ ва вокуниш ба саломатии аҳолӣ мушаххас карда шаванд.

**Пешниҳод оид ба банди 4.1. Таҳлил:**

1) Санади меъёрии ҳуқуқии зерқонунии муҳим, ки дар самти ҳолатҳои фавқулода амал менамояд, Қоидаҳои омодасозии аҳолӣ дар соҳаи ҳифзи аҳолӣ аз ҳолатҳои фавқулодаи дорои хусусиятҳои табиӣ ва техногенӣ мебошад. Арзёбии санади меъёрии ҳуқуқии зерқонунии мазкур нишон дод, ки дар он меъёрҳо оид ба омодагӣ ба ҳолати изтирорӣ ва вокуниш ба саломатии аҳолӣ муқаррар нашудаанд. Бинобар ин, пешниҳод мегардад, ки ҳангоми таҷдиди назар намудани Қоидаҳои мазкур оид ба омодагӣ ба ҳолати изтирорӣ ва вокуниш ба саломатии аҳолӣ меъёрҳо дар қисми алоҳида пешбинӣ карда шаванд.

2) Таҳлил нишон медиҳад, ки дар Низоми ягона меъёрҳои дахлдор оид ба таъмини ҳуқуқ ва омодагӣ ба ҳолати изтирорӣ ва вокуниш ба саломатии аҳолӣ кифоя намебошад. Мувофиқи мақсад мешуморем, ки муқаррароти алоҳида оид ба омодабошии доимӣ ва таъмини ҳуқуқ тавассути зеринизомҳои вазифавии Низоми ягона дар робита ба ҳуқуқ ва омодагӣ ба ҳолати изтирорӣ ва вокуниш ба саломатии аҳолӣ мушаххас карда шаванд.

## 4.2. Нақши санадҳои меъёрии ҳуқуқии зерқонунӣ дар омодагӣ ва вокуниш ба ҳолати фавқулода дар самти тандурустӣ

Кодекси тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон тартиби қабули санадҳои меъёрии дахлдори зерқонуниро оид ба вокуниш ба ҳифзи саломатӣ муқаррар менамояд, ки барои танзими ҳуқуқӣ дар ҳолати изтирорӣ ва ҳолати фавқулода равона шудааст. Аз ҷумла, тибқи қисми сеюм моддаи 59 Кодекси тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон қонунгузор меъёри ҳаволакунандаро муқаррар намуд, ки дар асоси он санади меъёрии зерқонунӣ-Тартиби ташкили расонидани кумаки тиббӣ ҳангоми ҳолатҳои фавқулода[40] тибқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 феврали соли 2022, №62 тасдиқ гардид.

Тартиб баробари муқаррароти умумӣ, инчунин, фарогири мавзуи расонидани кумаки тиббӣ, маҷмӯи тадбирҳои эҳёгарой, ташкили фаъолияти нуқтаи бастубандӣ, ташкил ва амалисозии таснифоти тиббӣ ва муқаррароти хотимавӣ оид ба ҷавобгарӣ ҳангоми иҷро накардани талаботи ҳуҷҷати мазкур мебошад. Дар ҳолатҳои фавқулода тибқи Тартиби мазкур андешидани тадбирҳо оид ба пешгирӣ, расонидани кумаки таъҷилии тиббӣ, кумаки тиббӣ, наҷоти ҳаёти ҷабрдидагон ва бартараф намудани таъсири давомноки омилҳои осебрасонанда тақозо мешавад.

Дастгирии тиббӣ ва кумаки таъҷилии тиббӣ бевосита аз ҷониби қувва ва воситаҳои зернизоми вазифавии пешгирӣ ва рафъи ҳолатҳои фавқулода дар доираи низоми ягонаи

[40] Минбаъд-Тартиб.

давлатӣ оид ба пешгирӣ ва рафъи ҳолатҳои фавқулода, тавассути хадамоти махсуси кумаки таъҷилии тиббӣ (ёрии таъҷилӣ, бригадаҳои кумаки таъҷилии тиббӣ ва дигар намудҳои кумаки наҷотдиҳандагони сохторҳои дахлдори вазорату идораҳо) анҷом дода мешавад.

Бо мақсади ҳифзи саломатии аҳолӣ чораҳои мушаххаси кумаки аввалияи тиббӣ, вақт, шумораи мутахассисон ва бригадаҳои махсусгардонидашудаи тиббӣ (8 нафар, аз ҷумла ҷарроҳ, эҳёгар, осебшинос, табиби амрози дарунӣ, акушер-гинеколог, ду ҳамшираи тиббӣ ва ронанда), лавозимоти тиббӣ барои расонидани кумак ба 50 ҷабрдида (7 номгуй), таснифоти ҷабрдидагон ва усули расонидани он пешниҳод мегарданд.

Омилҳои асосие, ки дар ҳолати фавқулода боиси вокуниш мегарданд, омилҳои осебрасонанда, офатҳои амалкунанда ва ҷароҳат бардоштани одамон дар ҳолатҳои фавқулода мебошад. Асосан ҳангоми ба вуқӯъ омадани чунин омилҳо, инчунин, дигар ҳодиса ва ҳолатҳои фавқулода дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон, ташкили гирифтани хуни донорӣ ва ҷузъҳои он тибқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии амалкунанда ба роҳ монда мешавад.

Тартиб муҳлати муносиб барои расонидани кумаки аввалияи тиббиро то 30 дақиқа баъд аз осеб ё ҷароҳат бардоштани шахс муқаррар намуда, таъкид мегардад, ки ҳангоми расонидани ин кумак дар тӯли 30 дақиқаи аввал, пас аз ҷароҳат бардоштан оризаҳо 2 маротиба камтар рух дода, дар вақти қатъ гардидани нафаскашӣ, вақти мазкур то 5-10 дақиқа коҳиш меёбад. Шарҳ дода мешавад, ки дар мавриди саривақт нарасонидани кумаки тиббӣ дар муддати 1 соат баъд аз гирифтани осеб ё захмбардорӣ шумораи фавтидагон миёни беморони вазнини зарардида то 30%, баъди 3 соат ба 60% ва баъди 6 соат ба 90% расиданаш мумкин аст.

Кумаки тиббӣ ҳангоми ба вуқӯъ омадани ҳодисаҳои зерин вобаста ба ҳолатҳои фавқулода расонида мешавад:

- осеббинӣ аз қувваи барқ;
- хунравиҳо;
- захмбардорӣ ва ё буридашавӣ;
- шикасти устухонҳо;
- осеби нуқсонбардории майнаи сар;
- осеббардории сутунмуҳра (ҳароммағз);
- сӯхтаниҳо (физикӣ ва кимиёвӣ);
- таъсироти гармибардорӣ ва офтобзанӣ;
- сармозанӣ;
- ғарқшавӣ;
- заҳролудшавиҳо;
- дигар ҳолатҳои садамавӣ ва фавқулода.

Дар робита ба ҳар як ҳолатҳои номбурда дар Тартиб чораҳои андешидашаванда мураттаб, муназзам (масалан, ҳангоми хунравии шараёнӣ 6 ҳаракати пайдарпай) бояд иҷро карда шаванд, то ин ки оқибатҳои фалокатбор ба саломатии аҳолӣ пешгирӣ карда шавад. Илова бар ин, қонунгузор номгӯйи мазкурро ба таври пӯшида муқаррар наменамояд, ки имконияти расонидани кумаки тиббиро дар ҳолатҳое, ки нав ба вуҷуд меоянд, истисно намекунад.

Ба инобат гирифтан зарур аст, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 марти соли 2024, №177 Тартиб ва шартҳои таъмини имтиёзноки гурӯҳи шахсон бо дору ва молҳои тиббӣ тасдиқ шудааст.

Тартиби номбурда гурӯҳи шахсонеро, ки вобаста ба мутобиқати иҷтимоӣ ва аз рӯйи бемориҳои асосӣ (дар умум 21 гурӯҳ) ҳуқуқи гирифтани доруро давоми сол доранд, муқаррар менамояд. Давоми сол ба шахсони дар Тартиби мазкур муқарраргардида бо дору ва молҳои тиббӣ ба андозаи на зиёдтар аз ду нишондиҳанда барои ҳисобҳо таъмин карда мешаванд.

Инчунин, тартиби имтиёзноки таъмини дору ва молҳои тиббӣ бо пешниҳоди номгуйи ҳуҷҷатҳое, ки дар замимаи 2 ба қарори мазкур муқаррар шудаанд, имконпазир мегардад. Аммо, таҳлил нишон дод, ки дар қонунгузорӣ тартиби таъмин бо дору ва

маҳсулоти тиббӣ ҳангоми ба вуқӯъ омадани ҳолатҳои фавқулода, талабот оид ба муҷҷаҳазгардонии маҷмуи ёрии аввал (аптечка) бо маҳсулоти таъиноти тиббӣ ҷиҳати расонидани ёрии аввалини тиббӣ ба кормандон, аз ҷумла ҳангоми ба вуқӯъ омадани офатҳои табиӣ ва техногенӣ тасдиқ нашудаанд.[41] Муқаррар намудани талабот, стандартҳои дахлдор дар ин самт имкон медиҳад, ки дар ҳолатҳои изтирорӣ ва фавқулода саломатии аҳолӣ ва худи кормандоне, ки барои рафъи оқибатҳои ҳолатҳои фавқулода сафарбар карда мешаванд, ҳифз карда шавад.

**Оид ба такмили қонунгузорӣ вобаста ба банди 4.2. Таҳлил пешниҳод мегардад:**

1) Таҳлили Тартиби ташкили расонидани кумаки тиббӣ ҳангоми ҳолатҳои фавқулода нишон дод, ки вақти расонидани кумаки аввалияи тиббӣ то 30 дақиқа дар ҳолатҳои фавқулода муқарраргардида то дараҷае дар шароити имрӯзаи пешрафти илму техника на он қадар муносиб буда, бояд дар ҳолатҳои мавҷуд будани имкониятҳо (масалан, дар наздикии ҳодиса ё офат қарор доштани бригадаҳои махсусгардонидашудаи кумакрасон, имконияти расонидани чунин кумак тавассути воситаҳои алоқаи мобилӣ) камтар аз 30 дақиқа пешбинӣ карда шавад.

2) Илова бар ин зарур аст, ки ҳангоми ба вуқӯъ омадани ҳолатҳои фавқулода, ки хусусияти оммавӣ доранд (масалан, заминҷунбӣ дар як ҳудуди ноҳия, шаҳр) тартиби ташкил ва расонидани кумаки тиббӣ бояд мувофиқан таҷдиди назар карда шуда, зиёдтар корҳои фаҳмондадиҳӣ тавассути воситаҳои ахбори омма барои ҳифзи саломатии ҳар як нафар байни аҳолӣ мунтазам ва тариқи ройгон амалӣ карда шавад. Танҳо дар сурати доштани иттилооти зарурӣ барои расонидани кумаки аввалини тиббӣ, коҳиши хавфҳои он ва вокуниши саривақтӣ таъмин карда шуданаш имконпазир аст.

[41] Масалан, талабот оид ба муҷҷаҳазгардонии маҷмуи ёрии аввали автомобилӣ ва кормандон дар Федератсияи Россия бо фармони Вазорати тандурустӣ ва рушди иҷтимоии ФР аз 08.09.2009, №697 ва аз 05.03.2011, №169 тасдиқ шудаанд.

## Хулоса

Натиҷаҳои таҳлил нишон дод, ки ҷиҳати такмили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти вокуниш ба ҳолатҳои фавқулода андешидани чораҳои маҷмуӣ бо мақсади бартараф намудани нуқсону камбудиҳо мувофиқи мақсад аст: Агарчанде, ки имрӯзҳо дар сатҳи ҷумҳурӣ зиёда аз 400 қонун, аз ҷумла 17 қонуни конститутсионӣ, 23 санади кодификатсионӣ қабул шуда бошад ҳам, қонунгузории соҳаи ҳолатҳои фавқулода, зарурат ба таҷдиди назар ва кодификатсияро дорад.

Таҷрибаи таҳияи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ нишон медиҳад, ки яке аз роҳҳои муфиди расидан ба ҳадафҳои асосӣ - пешгирии ҳолатҳои фавқулода кодификатсияи қонунгузории соҳа буда метавонад. Вале, то имрӯз дар сатҳи давлатҳо-аъзои ИДМ ва СААД кӯшиши таҳияи Кодекси ҳолатҳои фавқулода амалӣ нагардида, ҷанбаҳои назариявӣ-амалии ҳуқуқи ҳолатҳои фавқулода ба таври дахлдор мавриди омӯзиш қарор дода нашудааст.

Таҳияи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар соҳаи ҳолатҳои фавқулода, барнома ва стратегияҳои давлатӣ имкон доданд, ки низоми миллии рафъи ҳолатҳои фавқулода ба вуҷуд ояд, вале дар баробари ин масъалаи вокуниш ба ҳолатҳои фавқулода, бартараф кардани хавфу хатарҳои он мубрам мемонад. Новобаста аз рушди соҳаҳои алоҳидаи қонунгузории миллӣ тақозо менамояд, ки ҳуқуқу уҳдадориҳои субъектҳое, ки ба вокуниш ба ҳолатҳои фавқулода вазифадор гардидаанд, паст намудани таъсири ҳолатҳои фавқулода ба иқтисодиёт, иҷтимоиёт ва тандурустӣ, омодагии саривақтии субъектҳои ваколатдор ва ҷомеа ба ҳолатҳои изтирорӣ, ҷалби густурдаи ҷомеаи шаҳрвандӣ ба вокуниш ба ҳолатҳои фавқулода, таъмини ҳуқуқ ва манфиатҳои аҳолӣ ба таври мутамарказ ва ҳамаҷониба ҳамоҳанг карда шаванд.

Дар ин маврид пеш аз ҳама зарур аст, ки меъёрҳои қабулгардида таҷдиди назар ва фавран мувофиқ гардида, такрори вазифаҳои мақомоти ваколатдор, таъмини сифат ва натиҷаҳои рушди иҷтимоию иқтисодӣ бо дарназардошти раванди ба вуҷуд омадани ҳукумати электронӣ, пайдошавии технологияҳои нави иттилоотӣ, аз ҷумла зеҳни сунъӣ ҳангоми таҳияи барномаҳо, стратегияҳо ва консепсияҳои давлатӣ дар алоқамандӣ бо вокуниш ба ҳолатҳои фавқулода, таъсири имконпазири ин ҳолатҳо, хавфу хатарҳои бавуҷудоянда ба инобат гирифта шаванд.

Бо ҳамин мақсад дар таҳлили мазкур зарурати таҳияи тавсияҳо оид ба такмили қонунгузорӣ ва омодасозии харитаи роҳ ҷиҳати ҳамаҷониба таҷдиди назар намудани қонунгузории миллӣ ба миён омад, ки пешниҳоди мақомоти ваколатдор ва идораву сохторҳои дахлдор карда мешавад. Имкон дорад, ки харитаи роҳ бо дарназардошти таклифу пешниҳодоти вазорату идораҳои дахлдор такмил дода шуда, минбаъд давра ба давра амалӣ карда шавад.

## ТАВСИЯҲО ОИД БА ТАКМИЛИ ҚОНУНГУЗОРИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Вобаста ба бандҳои 1.3, 1.4 қисми I Таҳлил пешниҳодоти мазкур манзур мегардад:**

1) дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ҳифзи аҳолӣ ва ҳудуд аз ҳолатҳои фавқулоддаи дорои хусусияти табиӣ ва техногенӣ” аз 15 июли соли 2004, боби алоҳида оид ба “Ҳамкориҳои байналмилалӣ дар соҳаи ҳифзи аҳолӣ ва ҳудуд аз ҳолатҳои фавқулодаи дорои хусусияти табиӣ ва техногенӣ” бо мақсади таъмини фаврият ва ҳамкориҳои мутақобилаи судманди дуҷониба ва бисёрҷонибаи ҷумҳурӣ бо кишварҳои дуру наздик дар самти вокуниш ба ҳолатҳои фавқулода, илова гардида, мувофиқи мақсад мебошад, ки дар боби мазкур масъалаҳои зерин мавриди танзим қарор дода шаванд:

- тартиби амалӣ намудани расмиёти ҳамоҳангсозӣ, ирсоли дархост, қабули он, ё огоҳсозӣ оид ба кумаки байналмилалӣ ҳангоми ҳолатҳои фавқулода;
- муайян намудани меъёрҳо дар робита ба масъулияти шахсони ваколатдор барои амалӣ намудани расмиёти ҳамоҳангсозии фаъолияти байналмилалӣ;
- муқаррар намудани стандарти сифатӣ барои иштирокчиёни байналмилалӣ, ки кумак мерасонанд;
- муайян намудани меъёр оид ба эътироф намудани мақоми ҳуқуқӣ ҳангоми ҳолатҳои фавқулода;
- муқаррар намудани дастурамали танзимкунандаи мақоми шахсони хориҷӣ, ки барои расонидани кумак ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид шудаанд.

2) аз таҳлили шартномаҳои дуҷонибаи байналмилалии Тоҷикистон бармеояд, ки аксари онҳо дар даҳсолаи аввали соҳибистиқлолӣ баста шуда, ниёз ба таҷдиди назар ва такмил доранд. Аз ин рӯ, шартномаҳои мазкур бояд бо баҳисобгирии санадҳои меъёрии ҳуқуқии нав қабулшуда, таҷдиди сохторӣ ва фаъолияти мақомоти нави ваколатдор таҷдиди назар карда шуда, бо роҳҳои дипломатӣ аз сари нав баста шаванд ва ё бо протоколҳои алоҳида ба расмият даровада шаванд.

3) бо дар назар доштани муҳим ва рӯзмарра будани масъалаи пешгирӣ, рафъи ҳолатҳои фавқулода ҳамкориҳо бо дигар давлатҳо вусъат дода шаванд. Барои Тоҷикистон дар самти пешгирӣ ва рафъи ҳолатҳои фавқулода кишварҳои ҳамсоя, аз ҷумла Чин, Афғонистон, Ӯзбекистон, Туркманистон, Қирғизистон, Қазоқистон, Покистону Ҳиндустон манфиатдор мебошанд. Чунки, хатари ҳолатҳои фавқулода дар минтақаҳои гуногуни кишвар ва давлатҳои номбаршуда, аз ҷумла, обхезӣ, заминларза, садамаҳо ва ғайра мавҷуд буда, дар навбати аввал кишварҳои болозикр ба ёрии ҳамдигар мерасанд.

4) таҳия, коркард ва бастани шартномаҳои алоҳида бо дигар кишварҳои хориҷӣ дар самти вокуниш, пешгирӣ ва рафъи ҳолатҳои фавқулода зарур мебошад. Дар мавриди мавҷудияти шартномаи дуҷониба ҷараёни расонидани кумак вусъат ёфта, масъалаҳои дахлдор дар робита ба вокуниш ба ҳолатҳои фавқулода ҳалли худро фавран хоҳанд ёфт;

5) мувофиқи мақсад аст, ки шартномаҳои дуҷонибаи Тоҷикистон, ки дар оянда баста мешаванд бо мақсади вокуниши саривақтӣ ва рафъи ҳарчи зудтари оқибатҳои офатҳои табиӣ, вусъати ҳамкориҳо ва устувории муносибатҳо бемуҳлат баста шаванд.

6) мувофиқи мақсад аст, ки муқаррароти қонунҳои намунавӣ оид ба мусоидат ба танзими кумаки башардустона ҳангоми ҳолатҳои фавқулода ва кумак дар баргузории корҳои аввалини барқарорсозӣ, дар бораи низоми ягонаи занг задан ба хадамоти изтирорӣ дар қонунгузории миллӣ мавриди таҳлили консептуалӣ қарор дода шавад.

7) Тавсияҳо оид ба ҳамоҳангсозии қонунгузории давлатҳо-аъзои СААД дар доираи ҳамкориҳои наздисарҳадӣ ҳангоми бавуҷудоии ҳолатҳои фавқулодаи хусусияти табиӣ ва техногенидошта[42] ва Тавсияҳо оид ба ҳамоҳангсозии қонунгузории давлатҳо-аъзои СААД

---

[42] Қарори АП СААД аз 26 ноябри соли 2015, № 8-8. Маҳзани мутамаркази иттилооти ҳуқуқии “АДЛИЯ” 7.0. Санаи муроҷиат 20.03.2024. Маҳзани муттамаркази иттилооти ҳуқуқии “АДЛИЯ” 7.0. Санаи муроҷиат 20.03.2024.

дар доираи омодасозӣ ва азнавомодасозии мутахассисон дар самти “Бехатарӣ дар ҳолатҳои фавқулода”[43] таҳия карда шуданд, ки ҳангоми вокуниш ба ҳолатҳои фавқулода аҳамияти амалӣ доранд. Бахусус, Тавсияҳо оид ба ҳамоҳангсозии қонунгузории давлатҳо-аъзои СААД дар доираи ҳамкориҳои наздисарҳадӣ ҳангоми бавуҷудоии ҳолатҳои фавқулодаи хусусияти табиӣ ва техногенидошта дар фарқ аз тавсияҳои дигар таҳияи лоиҳаи созишномаи бисёрҷониба, аз ҷумла созишномаи дуҷонибаи намунавиро бо нишон додани чораҳои такмили расмиёти сарҳадӣ, гумрук ва дигар назорат, муайянсозии гузаштан ба таври соддакардашуда, пешбинӣ менамояд. Пешниҳод аст, ки меъёрҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқии миллӣ бо мазмуни “Ҳамкориҳои наздисарҳадӣ ҳангоми бавуҷудоии ҳолатҳои фавқулодаи хусусияти табиӣ ва техногенидошта” мукаммал, мафҳуми “ҳолати фавқулодаи фаросарҳадӣ” дар сатҳи қонунгузорӣ муқаррар карда шавад.

8) Тавсияҳо оид ба ҳамоҳангсозии қонунгузории давлатҳо-аъзои СААД дар доираи омодасозӣ ва азнавомодасозии мутахассисон дар самти “Бехатарӣ дар ҳолатҳои фавқулода” бинобар пурра ҳал нашудани мушкилот мубрам мемонад. Зеро, омодасозии мутахассисон дар соҳаи бехатарӣ дар ҳолатҳои фавқулода танҳо дар Академияи Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ гардида, бозомӯзии онҳо дар Россия, Беларус, Қазоқистон ва Озарбойҷон анҷом дода мешавад.

9) Мувофиқи мақсад аст, ки таҳқиқотҳои назариявӣ-ҳуқуқии илмӣ дар робита ба мавзуъҳои танзимнамоии ҳуқуқии байналмилалии ҳолатҳои фавқулода дар таносуб бо қонунгузории миллӣ, таъминоти ҳуқуқии ҳолатҳои фавқулода ва монанди инҳо дар муассисаҳои илмии Тоҷикистон интихоб ва барои дифои рисолаҳои номзадӣ ва докторӣ пешниҳод карда шаванд.

**Вобаста ба бандҳои 2.1, 2.2 қисми II Таҳлил пешниҳодоти зерин манзур мегарданд:**

1) Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи низоми ҳуқуқии вазъияти фавқулодда” ба тағйирот зарурат дорад. Зеро, санади мазкур ҳанӯз 3 ноябри соли 1995, №994 қабул гардида, ба он маротибаи охирон соли 2014 тағйиру иловаҳо ворид гардидааст. Ҷиҳати такмили Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи низоми ҳуқуқии вазъияти фавқулодда” таклифҳои зерин манзур мегардад:

- аз ном ва матни Қонуни конститутсионӣ калимаҳои “низоми ҳуқуқии” хориҷ ва Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи вазъияти фавқулода” номгузорӣ гардад;
- дар моддаи 10 Қонуни конститутсионӣ чунин муқаррар шудааст:

“Моддаи 10. Барои роҳбарӣ ба корпартоии манъшуда дар шароити вазъияти фавқулода, ҳамчунин барои монеъ шудан ба кори корхона, муассиса ва ташкилот айбдор дар асоси қонунҳои амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешавад.”

Ҷиҳати мувофиқ гардонидани ин талабот ба қонунҳои дахлдор бояд он дар таҳрири зерин пешбинӣ шавад:

“Моддаи 10. Барои роҳбарӣ ба корпартоии манъшуда дар шароити вазъияти фавқулода, ҳамчунин барои монеъ шудан ба фаъолияти корхона, муассиса ва ташкилот шахси гунаҳгор бо тартиби пешбининамудаи қонун ба ҷавобгарӣ кашида мешавад.”.

Зеро, ки ҷумлаи “мувофиқи қонунҳои амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашида мешавад” аз нигоҳи мазмуну сохтор ба қонунгузорӣ мувофиқ намебошад. Ҳамчунин, кирдори ин шахси гунаҳгор шояд ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ва ё дигар намуди ҳуқуқвайронкунӣ бошад.

[43] Қарори АП СААД аз 24 ноябри соли 2016, №9-4.4. Маҳзани мутамаркази иттилооти ҳуқуқии “АДЛИЯ” 7.0. Санаи муроҷиат 20.03.2024.

- дар моддаи 11 Қонуни конститутсионӣ ба Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқ дода шудааст, ки дар ҳолати вазъи фавқулода тобеияти ҳудудии судиии парвандаҳои маданӣ ва ҷиноятиро, ки қонун муқаррар кардааст, дигар намояд. Мувофиқи мақсад аст, ки талаботи мазкур дар кодексҳои мурофиавии дахлдор пешбинӣ карда шаванд.

2) мувофиқи мақсад аст, ки масъалаи танзимнамоии ҳуқуқии реквизитсияи молу мулки шаҳрвандон ва шахсони ҳуқуқӣ дар ҳолатҳои фавқулода, зарурати қабули санади меъёрии ҳуқуқӣ бо дар назар доштани шарту шароит, тартиби гузаронидан нисбати объектҳои моликият, бақайдгирӣ, муқаррар намудани ҳамаи моликони моликият дар асоси таҷрибаи пешрафтаи байналмилалӣ мавриди омӯзиш ва таҳлили ҳамаҷониба қарор дода шавад;

3) пешниҳод мегардад, ки дар Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон боби алоҳида оид ба ҳуқуқвайронкуниҳо дар соҳаи ҳолатҳои фавқулода таҳия ва қабул карда шавад;

4) дар баробари Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ҳифзи аҳолӣ ва ҳудуд аз ҳолатҳои фавқулоддаи дорои хусусияти табиӣ ва техногенӣ” вобаста ба сӯхтору заминҷунбӣ қонунҳои алоҳида таҳия ва қабул шудаанд. Бо назардошти талаботи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ба кам кардани шумораи санадҳои меъёрии ҳуқуқии танзимкунандаи муносибатҳои ҳаммонанд равона шудааст, мувофиқи мақсад аст, ки қонунҳои зидди сӯхтор ва сейсмикӣ низ чун боби алоҳида ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ҳифзи аҳолӣ ва ҳудуд аз ҳолатҳои фавқулоддаи дорои хусусияти табиӣ ва техногенӣ” ҳамроҳ гардад;

5) бо назардошти талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи забони давлатӣ” ва ҷиҳати оммафаҳмсозии истилоҳи қонунҳои соҳаи ҳолатҳои фавқулода пешниҳод мегардад, ки дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи бехатарии сейсмикӣ” калимаи “сейсмикӣ” ба калимаи “заминҷунбӣ” иваз карда шавад. Зеро вожаи “сейсмикӣ” барои аксари мардуми Тоҷикистон нофаҳмост;

6) Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи мудофиаи гражданӣ” низ фарогири масъалаҳои ҳолатҳои фавқулода мебошад. Дар моддаи 1 ҳамин қонун мафҳуми мудофиаи гражданӣ” маҷмӯи чорабиниҳои умумидавлатии мудофиавӣ ва муҳофизатӣ бахри ҳимояи аҳолӣ, иқтисодиёт ва ҳудуди Тоҷикистон то оғоз ва ҳангоми сар задани амалиётҳои ҷангӣ арзёбӣ шудааст. Дар моддаи 17 қонун муайян шудааст, ки фаъолияти қӯшунҳои мудофиаи гражданӣ аз лаҳзаи эълон шудани ҳолати ҷангӣ, ҳақиқатан оғоз ёфтани амалиётҳои ҳарбӣ ё аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ё дар маҳалҳои алоҳидаи он ҷорӣ карда шудани вазъияти ҳарбӣ, инчунин, дар замони осоишта дар ҳолатҳои ба вуқӯъ омадани офатҳои табиӣ, эпидемияҳо, эпизоотияҳо, эпифитотияҳо, садамаҳои калон ва фоҷиаҳое, ки саломатии аҳолиро зери хатар монда, гузаронидани корҳои наҷотдиҳӣ ва таъхирнопазирро талаб менамоянд, оғоз меёбад. Бояд зикр намуд, ки ҷой доштани калимаҳои “эпидемияҳо”, “эпизоотияҳо”, “эпифитотияҳо” дар ин қонун дар ҳолате, ки на ҳамаи ин мафҳумҳо дар қонунгузорӣ мушаххас шудаанд, истифодаи онро душвор мекунанд. Мувофиқи мақсад аст, агар мазмуни онҳо бо як калима, ба монанди “бемориҳои сирояткунанда” ифода карда шавад. Бинобар ин, пешниҳод мегардад, ки дар матни моддаи 17 Қонуни зикршуда калимаҳои “эпидемияҳо”, “эпизоотияҳо”, “эпифитотияҳо” ба калимаҳои “бемориҳои сирояткунанда” иваз карда шаванд;

7) дар асоси Низомномаи Хадамоти мудофиаи гражданӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 марти соли 2010, №191 тасдиқ шудааст, Хадамоти ҳифзи тартиботи ҷамъиятӣ дар ҳайати Хадамоти мудофиаи гражданӣ таъсис ёфта, он Хадамоти комендатураро ташкил медиҳад. Дар баробари ин, тибқи моддаи 4 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи низоми ҳуқуқии вазъияти фавқулодда” мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва идоракунӣ метавонанд соати комендантӣ ҷорӣ намоянд. Бино ба талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи мудофиаи гражданӣ” Хадамоти ҳифзи тартиботи ҷамъиятӣ бахше аз Хадамоти мудофиаи гражданӣ буда, он дар

Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон созмон дода мешавад. Пешниҳод мегардад, ки такрори вазифаҳо дар ин мавридҳо бартараф карда шавад.

8) меъёрҳои кодексҳои ҷиноятӣ, ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ва мурофиаҳои маданиву маъмурӣ вобаста ба ҷавобгарии ҷиноятӣ ва маъмурӣ кашидани шахсони вайронкунандаи тартиботи вазъи фавқулода, тартиб ва мӯҳлати баррасии онҳо, мӯҳлати дар ҳабс нигоҳ доштан дар раванди баррасии парванда ба Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи низоми ҳуқуқии вазъияти фавқулодда" мувофиқ карда шаванд. Чунончӣ, дар асоси моддаи 136 Кодекси мурофиавии ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ парвандаҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ оид ба қонунгузорӣ дар бораи интихобот ва раъйпурсӣ дар мӯҳлати панҷ шабонарӯз аз лаҳзаи протоколи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ва дигар маводи парвандаро гирифтани судя баррасӣ карда мешаванд. Вале, чунин талабот дар ин модда вобаста ба қонуншиканӣ дар ҳолати вазъи фавқулода дида намешавад;

9) офат, садама, фалокат ва монанд ба инҳо ҳодисаҳои табииву техногенӣ буда, ҳолат ё вазъияти ногуворро ба бор оварда, боис ба харобиву чораандешӣ мешаванд. Ҷиҳати соддаву фаҳмо намудани мазмуну моҳияти калимаҳои истифодашаванда дар қонунгузорӣ шарҳи мафҳумҳои "офат" ва "фалокати техногенӣ" мувофиқи мақсад аст.

10) эҳтиёҷ ба қабули Барномаи нав оид ба омодагии садамавӣ ва муҳофизати радиатсионӣ барои солҳои 2025-2028 ба вуҷуд омадааст, зеро мӯҳлати амали барномаи қаблӣ ба итмом расидааст;

11) дар қонунгузории ҷумҳурӣ дар робита ба вокуниш ба ҳолатҳои фавқулода мафҳуми "эпифитотия" пешбинӣ нашудааст. Пешниҳод мегардад, ки ин мафҳум дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи карантин ва муҳофизати растаниҳо" аз 2 январи соли 2019, № 1567 муқаррар карда шавад;

12) ҷиҳати ба роҳ мондани танзими ҳуқуқии дастрасӣ ба кумакҳои башардӯстона таҳияи лоиҳаи қонуни дахлдор, ё Қоидаҳо оид ба расонидани кумаки башардӯстона зарур мебошад. Таҳлили муқоисавии ҳуқуқии қонунгузории як қатор давлатҳо, аз ҷумла Федератсияи Россия ва Ҷумҳурии Қазоқистон нишон дод, ки қабули ин гуна санадҳои меъёрии зерқонунӣ ҷиҳати бартараф намудани холигии танзимнамоии ҳуқуқӣ дар ин самт мусоидат менамояд.

13) ҳуҷҷатҳои "Тартиби умумии муайян намудани ҳаҷми зарари ба амвол расида ва пешниҳоди ҳуҷҷатҳои зарурӣ ҳангоми рух додани ҳолатҳои фавқулода" ва "Тартиби пардохти ҷуброни зарар ба шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ дар натиҷаи мусодира ва нобуд кардани ҳайвонот ва маҳсулоти аз ҳайвонот истеҳсолшудаи барои саломатии ҳайвонот ва инсон хатарнок" мувофиқан солҳои 2010 ва 2012 қабул гардидаанд. Мувофиқи мақсад аст, ки мутобиқати меъёрҳои тартибҳои мазкур ба талаботи Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон, бартараф намудани холигиҳо дар танзими ҳуқуқӣ, мушаххас намудани ҳуқуқ ва уҳдадориҳои мақомоти ваколатдор вобаста ба муайян намудани ҳаҷми зарари расонидашуда, шаклҳои соддакардашудаи пардохти зарар, истифодаи техникаву технологияҳои иттилоотии муосир ва монанди инҳо таъмин карда шаванд.

14) ба ҳисоби миёна мӯҳлати ҷуброни зарари ба молу мулк расида, инчунин, пешниҳоди ҳуҷҷатҳои зарурӣ ҳангоми рух додани ҳолатҳои фавқулода то 50 рӯзро дар бар мегирад, ки бознигарии он зарур аст. Бахусус, рух додани ҳолати фавқулода дар фасли сармо барои аҳолии зарардида сарборӣ ва оқибатҳои фалокатборро ба вуҷуд меорад. Пешниҳод аст, ки шакли соддакардашудаи баррасии дархостҳо аз ҷониби Комиссияи ҳолатҳои фавқулода ва ҳамоҳангсозии он дар "Тартиби умумии муайян намудани ҳаҷми зарари ба амвол расида ва пешниҳоди ҳуҷҷатҳои зарурӣ ҳангоми рух додани ҳолатҳои фавқулода" муқаррар карда шавад.

15**)** дар Тартиби ташкил намудани паноҳгоҳҳо ва дигар иншоотҳои мудофиаи граждани масъалаи пешбурди Феҳристи иншооте, ки ба сифати паноҳгоҳҳо ва дигар иншоотҳои мудофиаи гражданӣ истифода бурда мешаванд тартиб дода шавад, то ки масъалаи таъминоти ҳуқуқ ва вокуниш ба ҳолатҳои фавқулода ҳаллу фасл гардад;

16) ба Тартиби таъминоти моддии қисмҳо ва сохторҳои ҳарбикунонидашудаи наҷотдиҳии кӯҳии Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон то имрӯз ягон маротиба тағйиру иловаҳо ворид нагардидааст. Пешниҳод мегардад, ки муқаррароти он ба талаботи Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ мувофиқ карда шавад;

17) Таҳлили Тартиби муайян намудани андозаи таъмини молиявии масъулияти шаҳрвандӣ барои зарари дар натиҷаи садамаи иншоотҳои гидротехникӣ расонидашуда низ нишон медиҳад, ки муқаррароти он, аз ҷумла мафҳумҳо ва тартиби пардохт бояд таҷдиди назар ва ба талаботи Кодекси мадании Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқ шавад.

18) Яке аз мушкилот оид ба коҳиши хавфи офатҳои табиӣ баҳисобгирии заифи омили гендерӣ ва нодида гирифтани он мебошад, ки офатҳои табиӣ ба мардон ва занон таъсири гуногун мерасонанд ва ҳамин тавр занон ва мардон дорои талабот ва осебпазирии алоҳидаи махсус мебошанд. Дар баробари ин, занон на танҳо гурӯҳи осебпазир ҳастанд, балки ҳамчунин захираи арзишманд оид ба паст кардани хавфи офатҳои табиӣ мебошанд. Бинобар ин, муносибати гендерӣ бояд дар ҳамаи марҳилаҳои коҳиши хавфи офатҳои табиӣ бо дар назар доштани ду самти ҳатмӣ дар амал ҷорӣ карда шавад:

- ба ҳисоб гирифтани эҳтиёҷоту талаботи мардон ва занон ё дигар гурӯҳҳои иҷтимоии бештар осебпазир ба хавф, аз ҷумла шахсони маъюб, пиронсолон ва ғайра дар робита бо намудҳои мухталифи осебпазирӣ ва имкониятҳои воқеӣ;
- ҷалби занон ва дигар гурӯҳҳои иҷтимоӣ ба раванди иштирок ва қабули қарорҳо аз рӯи ҳамаи самтҳои асосӣ.

Дар робита ба ин, пешниҳод мегардад, ки зимни такмили қонунгузорӣ ба масъалаҳои зерин таваҷҷуҳ зоҳир карда шавад:

- ворид кардани меъёрҳои мушаххас дар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ки ҳимояи занон ва гурӯҳҳои осебпазир, аз ҷумла шахсони маъюб, пиронсолон ва дигаронро дар ҳолатҳои фавқулода таъмин мекунанд;
- бо дарназардошти омилҳои гендерӣ муайян кардани механизми расонидани кӯмак ҳангоми сар задани ҳолатҳои фавқулода;
- таҳияи барномаҳо ва нақшаҳои амал дар робита ба ҳифзи ҳуқуқҳои занон ва гурӯҳҳои дигари осебпазир, ки ҳангоми сар задани ҳолатҳои фавқулода бештар ба кумак эҳтиёҷ доранд;
- ташкили нуқтаҳои ҳифзи иҷтимоӣ дар минтақаҳои осебпазир барои кумаки фаврӣ;
- омӯзиши таҷрибаи байналмилалӣ ва ҷорӣ намудани стандартҳои ҷаҳонӣ дар робита ба ҳифзи ҳуқуқҳои гендерӣ.

19) Дар баробари тадбирҳое, ки дар Стратегияи миллии солҳои 2019-2034 дар робита ба масъалаҳои тағйирёбии иқлим пешбинӣ шудааст, ҳамзамон мувофиқи мақсад аст:

- дар қонунгузорӣ танзим намудани масъалаҳои ҷалби муассисаҳои илмӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ, инчунин, зеҳни сунъӣ дар таҳия ва татбиқи сиёсати мутобиқшавӣ;
- таҳия ва татбиқи барномаҳои дастгирӣ барои аҳолии осебпазир, бахусус дар минтақаҳое, ки ба завфи тағйирёбии иқлим бештар дучор мешаванд;
- рушди иқтисоди сабз ва барномаҳои сарфаи энергия барои коҳиш додани таъсири инсон ба иқлим;
- ҷорӣ намудани барномаҳои таълимӣ барои баланд бардоштани сатҳи маълумотнокии аҳолӣ дар бораи оқибатҳои тағйирёбии иқлим.

**Вобаста ба бандҳои 3.1, 3.2 қисми III Таҳлил пешниҳодоти мазкур манзур мегардад:**

1) Низомномаи Комиссияи давлатии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳолатҳои фавқулода, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 декабри соли 2015, №799 тасдиқ шудааст то имрӯз ба он тағйиру илова ворид нашудааст. Мувофиқи

мақсад аст, ки бо дарназардошти тағйиру иловаҳои соли 2016 ба Конститутсия, қабули кодексҳои меҳнат, маданӣ дар таҳрири нав, қонунҳои соҳавӣ, инчунин, принсипҳои Барномаи Сендай, меъёрҳои Низомнома таҷдиди назар карда шаванд;

2) Яке аз масъалаҳои ҳалталаб дар робита ба фаъолияти Комиссия вобаста ба омодагӣ ва вокуниш ба ҳолатҳои фавқулода, таъмини бетаъхири иттилооти дастрас, механизмҳои амалигардонии ҳукумати электронӣ аст, ки тавассути сомонаи расмӣ амалӣ мегардад. Омӯзиш маълум намуд, ки як қатор комиссияҳои назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла Комиссияи ҳуқуқи инсон дорои сомонаи расмии худ (www.khit.tj) мебошад. Пешниҳод мегардад, ки чунин як сомонаи интернетӣ дар робита ба фаъолияти Комиссия омода ва фаъол гардонида шавад;

3) Дар Низоми ягона мавқеи на ҳамаи қувваҳои омодабоши ҳолатҳои фавқулода мушаххас шудааст. Имкон дорад, ки дар пешгирӣ ва рафъи оқибатҳои ҳолатҳои фавқулода иқтидорҳои соҳаҳо, бахусус авиатсияи гражданӣ ҳангоми ба вуқӯъ омадани ҳолатҳои фавқулода ҳамаҷониба истифода шавад. Таҳлил нишон дод, ки ҳанӯз 3 майи соли 2010, №233 қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Тартиби ҷалб намудани корхонаҳои авиатсионӣ ба гузаронидани корҳои ҷустуҷӯӣ ва садамавию наҷотдиҳӣ, таъмини корҳои ҷустуҷӯӣ ва садамавию наҷотдиҳии парвоз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" қабул гардид, ки анҷоми як қатор амалиёти (кори) садамавию наҷотдиҳиро пешбинӣ менамояд. Бояд гуфт, ки аз давраи қабули Тартиби мазкур вақти зиёд гузашта, ба он тағйироту иловаҳо бо дарназардошти талаботи Конститутсия, кодексҳои фазои ҳаво, маданӣ ва меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид карда нашудааст. Пешниҳод карда мешавад, ки Тартиби ҷалб намудани корхонаҳои авиатсионӣ ба гузаронидани корҳои ҷустуҷӯӣ ва садамавию наҷотдиҳӣ, таъмини корҳои ҷустуҷӯӣ ва садамавию наҷотдиҳии парвоз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таҷдиди назар карда шавад;

4) Қоидаҳои омодасозии аҳолӣ дар соҳаи ҳифзи аҳолӣ аз ҳолатҳои фавқулодаи дорои хусусиятҳои табиӣ ва техногенӣ, ки ҳанӯз соли 2009 қабул гардидаанд, зарурат ба таҷдид доранд, зеро давоми 15 соли охир дар қонунгузорӣ, аз ҷумла қонунгузорӣ дар соҳаи ҳолатҳои фавқулода тағйиротҳои зиёд ба вуҷуд омада, муносибатҳои ҷамъиятии соҳа вобаста ба соҳа дигаргун, вазифаву ваколатҳои мақомоте, ки омодагиро амалӣ менамоянд мушаххас гардидаанд.

5) Арзёбии масъалаи омодагӣ ба ҳолатҳои фавқулода нишон дод, ки дар маҷмуъ дар соҳаи мазкур корҳои зиёд анҷом дода шудаанд. Дар баробари корҳои анҷомдодашуда дар қонунгузорӣ ва низоми пешгирӣ ва рафъи ҳолатҳои фавқулода зарурати ҷорӣ намудани идоракунии таҳдид тавассути муқаррар намудани сохторҳое, ки арзёбии таҳдидҳоро мунтазам таҳлил менамоянд ба вуҷуд омадааст. Бо ҳамин мақсад пешниҳод мегардад, ки дар фаъолияти Комиссия, Низоми ягона, Платформаи миллӣ ва КҲФМГ бо мақсади таъмини бехатарӣ аз ҳолатҳои фавқулода, омодагӣ ва вокуниши фаврӣ ба масъалаи идоракунии таҳдидҳо ба аҳолӣ, ки аз офатҳои табиӣ ва техногенӣ бармеоянд, ҳифзи аҳолӣ ва ташаккули низоми муосири огоҳкунӣ аз таҳдидҳо ҳамаҷониба таҳлил, сохтори марбута муқаррар ва асосҳои ҳуқуқии он фароҳам оварда шавад.

6) Таҳлили Низомнома дар бораи низоми таъмини даъвати хадамоти таъҷилӣ ва эътино ба ҳолатҳои фавқулода бо рақами кӯтоҳи ягонаи фаврии алоқаи "112" нишон дод, ки дар санади меъёрии ҳуқуқии зерқонунии мазкур баробари танзими масъала, инчунин, норасоиҳои таъминоти ҳуқуқии муҳлати вокуниш, хизматрасонии фосилавӣ, меъёрҳои ҳаволакунанда оид ба қабули дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ мавҷуданд. Бартараф ва таҷдиди назар намудани ҳуҷҷати мазкур имкон медиҳад, ки иқтидори вокуниш ба ҳолатҳои фавқулода устувор гардад.

7) Таҳияи Роҳнамои оилавӣ оид ба омодагӣ ба ҳолатҳои фавқулода ва рафъи оқибатҳои он бо дарназардошти тамоми ҳолатҳои номбаршуда дар шароити имрӯзаи Тоҷикистон мубрам аст. Пешниҳод мегардад, ки Роҳнамои оилавӣ ҳарчӣ зудтар таҳия ва ба аҳолӣ дастрас карда шавад. Зеро, ки таъминоти иттилоотонии аҳолӣ, ки одатан аз оилаҳои

серфарзанд иборат мебошанд, муҳим арзёбӣ гардида, боиси иштироки фаъоли ҳамаи зернизомҳои масъули соҳавӣ мегардад.

**Вобаста ба бандҳои 4.1, 4.2 қисми IV Таҳлил пешниҳодоти мазкур манзур мегардад:**

1) Санади меъёрии ҳуқуқии зерқонунии муҳим, ки дар самти ҳолатҳои фавқулода амал менамояд, Қоидаҳои омодасозии аҳолӣ дар соҳаи ҳифзи аҳолӣ аз ҳолатҳои фавқулодаи дорои хусусиятҳои табиӣ ва техногенӣ мебошад. Арзёбии санади меъёрии ҳуқуқии зерқонунии мазкур нишон дод, ки дар он меъёрҳо оид ба омодагӣ ба ҳолати изтирорӣ ва вокуниш ба саломатии аҳолӣ муқаррар нашудаанд. Бинобар ин, пешниҳод мегардад, ки ҳангоми таҷдиди назар намудани Қоидаҳои мазкур оид ба омодагӣ ба ҳолати изтирорӣ ва вокуниш ба саломатии аҳолӣ меъёрҳо дар қисми алоҳида пешбинӣ карда шаванд;

2) Таҳлил нишон медиҳад, ки дар Низоми ягона меъёрҳои дахлдор оид ба таъмини ҳуқуқ ва омодагӣ ба ҳолати изтирорӣ ва вокуниш ба саломатии аҳолӣ кифоя намебошад. Мувофиқи мақсад мешуморем, ки муқаррароти алоҳида оид ба омодабошии доимӣ ва таъмини ҳуқуқ тавассути зернизомҳои вазифавии Низоми ягона дар робита ба ҳуқуқ ва омодагӣ ба ҳолати изтирорӣ ва вокуниш ба саломатии аҳолӣ мушаххас карда шаванд.

3) Таҳлили Тартиби ташкили расонидани кумаки тиббӣ ҳангоми ҳолатҳои фавқулода нишон дод, ки вақти расонидани кумаки аввалияи тиббӣ то 30 дақиқа дар ҳолатҳои фавқулода муқаррargардида то дараҷае дар шароити имрӯзаи пешрафти илму техника на он қадар муносиб буда, бояд дар ҳолатҳои мавҷуд будани имкониятҳо (масалан, дар наздикии ҳодиса ё офат қарор доштани бригадаҳои махсусгардонидашудаи кумакрасон, имконияти расонидани чунин кумак тавассути воситаҳои алоқаи мобилӣ) камтар аз 30 дақиқа пешбинӣ карда шавад.

4) Илова бар ин зарур аст, ки ҳангоми ба вуқӯъ омадани ҳолатҳои фавқулода, ки хусусияти оммавӣ доранд (масалан, заминҷунбӣ дар як ҳудуди ноҳия, шаҳр) тартиби ташкил ва расонидани кумаки тиббӣ бояд мувофиқан таҷдиди назар карда шуда, зиёдтар корҳои фаҳмондадиҳӣ тавассути васоити ахбори омма барои ҳифзи саломатии ҳар як нафар байни аҳолӣ мунтазам ва тариқи ройгон амалӣ карда шавад. Танҳо дар сурати доштани иттилооти зарурӣ барои расонидани кумаки аввалини тиббӣ, коҳиши хавфҳои он ва вокуниши саривақтӣ таъмин карда шуданаш имконпазир аст.

## ҶАДВАЛ ВА НАҚШАҲО

Ҷадвали 1.

| Номи шартномаи байналмилалӣ | Тарафҳои шартнома / давлат | Санаи баимзорасонӣ | Мухӯлати амал |
|---|---|---|---|
| Созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Федератсияи Россия оиди ҳамкорӣ дар соҳаи мудофиаи граждани, пешгирӣ ва рафъи оқибатҳои ҳолатҳои фавқулода | Тоҷикистон ва Федератсияи Россия | 18 феврали соли 1998 | Бемуҳлат |
| Созишнома байни Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати ҳолатҳои фавқулода оид ба ҳамкории Ҷумҳурии Беларус дар соҳаи пешгирӣ ва рафъи ҳолатҳои фавқулода | Тоҷикистон ва Беларус | 30 июни соли 2012 | 5 сол |
| Созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Қирғизистон оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи мудофиаи гражданӣ (муҳофизат), пешгирӣ ва рафъи ҳолатҳои фавқулода | Тоҷикистон ва Қирғизистон | 2 ноябри 2013 | Бемуҳлат |
| Созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Қазоқистон оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи мудофиаи гражданӣ, пешгирӣ ва рафъи ҳолатҳои фавқулода | Тоҷикистон ва Қазоқистон | 3 июни 2014 | Бемуҳлат |
| Созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Озарбойҷон оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи мудофиаи гражданӣ, пешгирӣ ва рафъи ҳолатҳои фавқулода | Тоҷикистон ва Озарбойҷон | 14 октябри 2014 | Бемуҳлат |
| Созишнома байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Ҷумҳурии Ӯзбекистон оид ба чорабиниҳои муштарак ва ҳамкорӣ оид ба масъалаҳои сари вақт огоҳӣ додан дар ҳолати рахна шудани кӯли Сарез | Тоҷикистон ва Ӯзбекистон | 30 майи соли 2000 | Бемуҳлат |
| Нақшаи чорабиниҳои муштараки ҳамкорӣ байни Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Хадамоти давлатӣ оид ба ҳолатҳои фавқулодаи Украина | Тоҷикистон ва Украина | 6 декабри соли 2005 | Бемуҳлат |
| Созишномаи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Конфедератсияи Швейсария оид ба ҳамкорӣ дар вазъияти фавқулода | Тоҷикистон ва Конфедератсияи Швейсария | 29 ноябри соли 2005 | Бемуҳлат |

Ҷадвали 2

| Гурӯҳбандии ҳолатҳои фавқулода | | |
|---|---|---|
| Гурӯҳи I | Гурӯҳи II | Гурӯҳи III |
| Офатҳои табиӣ | Офатҳои техногенӣ, аз ҷумла садамаҳо дар корхонаҳо, обанборҳо ва дигар иншооте, ки дар онҳо хавфи сар задани фалокат боис ба хисороти ҷониву молӣ ва санитариву экологӣ мешаванд | Ба таври оммавӣ вайрон кардани тартиботи ҳуқуқӣ |
| Садамаҳо | | Ғасб кардани ҳокимияти давлатӣ ё бо роҳи зӯрӣ дигар кардани сохти конститутсионӣ ва сӯиқасд ба тамомияти арзии давлат |
| Паҳншавии бемориҳои сироятӣ | | |

Ҷадвали 3

**Рангҳое, ки барои ифодаи дараҷаи хатар истифода мешаванд**

| **Ранг** | **Мазмуни ифодашаванда** | **Ҳаракатҳое, ки пешбинӣ карда мешаванд** |
|---|---|---|
| **Сурх** | **Хатари фавқулода. Эҳтимоли назарраси ба вуҷуд омадани оқибатҳои садама** | **Фавран андешидани чораҳо** |
| **Норинҷӣ** | **Хатари воқеӣ. Имкони рушди ҳолати фавқулода мавҷуд аст** | **Андешидани чораҳои мувофиқи бехатарӣ** |
| **Зард** | **Хатари потенсиалӣ. Имкон дорад, ки ҳолати фавқулода ба вуҷуд ояд** | **Омодагӣ ба андешидани чораҳои мувофиқи бехатарӣ** |
| **Сабз** | **Бехатарӣ** | **Қабули чораҳоро талаб наменамояд** |

Накшаи 1




Накшаи 2



ХАРИТАИ РОҲ ОИД БА ТАКМИЛИ ҚОНУНГУЗОРӢ



## РӮЙХАТИ АДАБИЁТИ ИСТИФОДАШУДА ВА МАНБАЪҲОИ ЭЛЕКТРОНӢ


1. Бабоҷонов И.Х., Степенко С.Г. Ҳуқуқи тиббии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Душанбе, “Дониш”, 2019 (Бабаджанов И.Х., Степенко С.Г. Медицинское право Республики Таджикистан, Душанбе, “Дониш”, 2019).
2. Ёрии аввалин. Роҳнамои таълимӣ барои шахсоне, ки вазифадоранд ё ҳаққи ёрии аввалинро доранд, Москва, 2018 (Первая помощь. Учебное пособие для лиц, обязанных и (или) имеющих право оказывать первую помощь, Москва, 2018).
3. Истифодаи кодҳои рангаи хатар барои иттилоотонии аҳолӣ ҳангоми ҳолатҳои фавқулода Захираи электронӣ: https:// гражданская-оборона-и-защита-от-чс.рф/publ/opoveshhenie _i_ehvakuacija/ispolzovanie_cvetovykh_kodov_opasnosti_dlja_informirovanija_ naselenija_pri_chrezvychajnykh_situacijakh/11-1-0-578, Санаи дастрасӣ: 20.04.2024
4. Қушматов А. Деҳқонони тоҷик дар охири асрҳои XIX ва ибтидои асри XX, Душанбе “Ирфон”, 1996.
5. Лисаускайте В.В. Ҳамкории дуҷонибаи шартномавии Россия оид ба коҳиш додани хатарҳои фалокатҳо: шарҳи илмӣ-амалӣ. // Ахбори СПБГУ, 14, Нашри 3. – С.88-102 (Лисаускайте В.В. Двустороннее договорное сотрудничество России по снижению опасности бедствий: научно-практический комментарий.// Вестник СПБГУ, сер. 14, Вып. 3. С.88-102).
6. Маводҳои Конгресси XI байналмилалии ҳуқуқи муқоисавӣ “Ҳолатҳои фавқулода: масъалаҳои танзими ҳуқуқӣ дар ҷомеаи муосир”, Москва, 1 декабри 2021 (Материалы XI Международного конгресса сравнительного правоведения “Чрезвычайные ситуации: проблемы правового регулирования в современном обществе”, Москва, 1 декабря 2021 г).
7. Маърӯза оид ба натиҷаҳои амалишавии Барномаи Сендай оид ба паст намудани хавфи офатҳо барои солҳои 2015-2030. Захираи электронӣ: URL: https://www.undrr.org/media/87268/download?startDownload. Санаи дасрасӣ: 16.09.2024
8. Муртазоқулов Ҷ.С. Мушкилоти маданӣ-ҳуқуқии хоҷагии деҳқонӣ (аз рӯи маводҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон), Душанбе, 2002.
9. Принсипҳои асосии Ҳаракати Байналмилалии Салиби Сурх ва Ҳилоли Аҳмар. Асосҳои ахлоқӣ ва воситаҳои фаъолияти гуманитарӣ. КБСС, март 2018. – С.14-15. (Основополагающие принципы Международного Движения Красного Креста и Красного Полумесяца. Этические основы и инструменты гуманитарной деятельности. МККК, март 2018.-С.14-15) // Захираи электронӣ: https://www.icrc.org/sites/default/files/document/file_list/fundamental_principles_ruweb_.pdf. Санаи дастарсӣ: 15.03.2024.
10. Тоҷикистон: 30 соли Истиқлолияти давлатӣ (маҷмӯаи оморӣ), Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 2021. – С. 329.
11. Ҳуқуқ. Амният. Ҳолатҳои фавқулода. Маҷалла, №3 (52) соли 2021 (Право. Безопасность. Чрезвычайные ситуации. Журнал, №3 (52) за 2021 год).
12. Шмидт Т.Н. Танзими ҳуқуқии фавқулода: таҳқиқоти умумии назариявӣ. Дис. номзади илмҳои ҳуқуқ, барои ихтисос 12.00.01 – назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи назарияҳо дар бораи ҳуқуқ ва давлат, Барнаул, 2014 (Шмидт Т.Н Чрезвычайное правовое регулирование: общетеоретическое исследование. Дис. На соискание ученой степени кандидата юридических наук, по специальности 12.00.01 – теория и история права и государства; история учений о праве и государстве, Барнаул 2014).

**Манбаъҳои электронӣ ва сомонаҳо:**

“АДЛИЯ”, Махзани марказонидашудаи иттилооти ҳуқуқӣ, CD ROM, фарзияи 7.0., 2024.

www.mmk.tj.

www.khf.tj

https://iacis.ru

https://www.undrr.org

https://base.spinform.ru

https://zakon.uchet.kz

https://www.icrc.org/ru

ИХТИСОРОТ

Ассамблеяи байнипарламентии Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил – АБ ИДМ
Ассамблеяи генерали Созмони Милали Муттаҳид - АГ СММ
Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон - ВА ҶТ
Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон – ВКХ
Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон - ВТҲИА ҶТ
Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил - ИДМ
Кумитаи Байналмилалии Салиби Сурх - КБСС
Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон - КҲФМГ
Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон - ММҚ
Созмони Аҳдномаи Амнияти Дастаҷамъӣ - СААД
Созмони Милали Муттаҳид - СММ
Созмони Ҳамкории Шанхай - СҲШ
Ташкилоти байналмилалӣ оид ба муҳоҷират - ТБМ
Федератсияи Байналмилалии Ҷамъиятҳои Салиби Сурх ва Ҳилоли Аҳмар -ФБҶСС ва ҲА
Ҷамъияти Ҳилоли Аҳмари Тоҷикистон – ҶҲАТ.
Ҷамъиятҳои миллии Салиби Сурх ва Ҳилоли Аҳмар - ҶМССҲА

